**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ**
**БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

ВБД:336.7(575.3)
ТБК:65.261.5(2Т)
В - 13

**ВАЗИРЗОДА ДИЛОРОМ РАҶАМАТ**

# ТАШАККУЛ ВА РАВНАҚИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХУРД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз

# ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**

Номзади илмҳои иқтисодӣ,
Мирсаидов М.Н.

**КӮЛОБ - 2024**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

СММ-Созмони милали Муттаҳид

ҶТ -Ҷумҳурии Тоҷикистон

МИҲД - Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ

БМТ - Бонки миллии Тоҷикистон

КОА - Комиссияи олии аттестатсионӣ

СМР - Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030

СПҚ- Сиёсати пулию қарзӣ

ММД - Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

ТҚМ - Ташкилотҳои қарзии молиявӣ

ТМХ - Ташкилотҳои маблағгузории хурд

ТХҚ  - Ташкилотҳои хурди қарзӣ

ФҚХ -  Фондҳои қарзии хурд

ПҶТҚ - Пасандозҳои ҷалбшудаи ташкилотҳои қарзӣ

ҶСП - Ҷамъияти саҳҳомии пӯшида

ҶДММ - Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

ҶСК - Ҷамъияти саҳҳомии кушода

ТСҚ- Таснифи сандуқи қарзӣ

СПКСК -  Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ

АТМХ - Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА.....................................................................................4-15

БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ – УСЛУБИИ ТАШАККУЛ ВА РАВНАҚИ МАБЛАҒГУЗОРИҲОИ ХУРД....................................16-69

1.1. Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва равнақи маблағгузориҳои хурд дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир...........................................................16-37

1.2. Хусусиятҳо ва принсипҳои асосии ташаккул ва равнақи раванди маблағгузории хурд.......................................................................37-50

1.3. Методикаҳои маблағгузориҳои хурд ва фарогирии аҳолии камбизоат.........................................................................50-69

**БОБИ II. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ РУШДИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХУРД ВА АРЗЁБИИ САТҲИ КАМБИЗОАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**..........................................................................70-123

2.1. Таҳлили вазъи рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буриши минтақаҳои он.......................................70-94

2.2. Арзёбии раванди маблағгузории хурд ва таъсири он ба паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..........94-112

2.3. Амсиласозии иқтисодӣ-омории омилҳои рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон................................................112-123

БОБИ III. САМТҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА РАВНАҚИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХУРД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН....124-172

3.1. Мукаммалсозии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.........................123-147

3.2. Танзими давлатии ташаккул ва равнақи бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.............................................147-160

3.3. Таҷрибаи хориҷии рушди маблағгузориҳои хурд ва имконоти истифодаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон............................160-172

ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО............................................................173-180

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия............................................173-176

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо.................................176-180

НОМГӮЙИ АДАБИЁТ.................................................................181-190

Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ....191-193

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Масоили маблағгузории хурд ҳамчун унсури муҳими иқтисодӣ дар рушди субъектҳои хоҷагидории хурду миёна, дастгирии аҳолии қишри дорои имкониятҳои маҳдуд бо захираҳои молиявӣ дар ҳаҷми хурд, пешниҳоди имкониятҳои весеъ намудани бозор ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ нақши муҳим дорад. Бо густаришёбии муносибатҳои пулию қарзӣ ва хоҷагидорӣ сол аз сол нақш ва аҳаммияти маблағгузории хурд дар иқтисодиёти миллӣ боз ҳам афзоиш меёбад. Зуҳури раванди маблағгузории хурд ҳамчун як падидаи муҳимми иқтисодӣ-иҷтимоӣ амри воқеӣ ба шумор меравад. Дар шароите, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ноил гардидан ба Ҳадафҳои рушди устувори пешниҳоднамудаи СММ кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ташаккул ва равнақи ин падидаи муҳимми иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар ҷумҳурии мо шоёни дастгирӣ мебошад. Дар солҳои аввали истиқлолият вазъи камбизоатӣ дар ҷумҳурии мо аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқӣ хело ҳам ҷиддӣ арзёбӣ гардида буд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати паст кардани сатҳи камбизоатӣ чораҳои қатъӣ андешида истодааст.

Бо кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналхалқии сарпараст дар 17 соли охир ҳиссаи аҳолии камбизоат аз 53,5% (2007) то ба 21,2% (2023) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кам карда шудааст. Дар доираи ин тамоюлҳои мусбӣ, нақши маблағгузории хурд ҳамчун воситаи пурқувват (дар ҳолати самаранок истифода намудани он) барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ тавассути ташкилотҳои маблағгузории хурд хеле назаррас мебошад.

Маҳз бо назардошти зарурати ин масъала ба сифати самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи ислоҳоти бахши молиявӣ, ки аз «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бармеояд, тадбирҳои зерин муайян шудаанд: пурзӯр намудани иқтидор ва рақобатпазирии ташкилотҳои қарзии хурд, ширкатҳои суғуртавӣ, лизингӣ,

биржаи коғази қиматнок ва ғайра; такмил додани низом ва маданияти қарздиҳӣ; таҳия намудани тадбирҳои ҳавасмандкунанда оид ба вусъат додани паҳншавии пардохтҳои ғайринақдӣ, бахусус дар савдои чакана; мусоидат ба воридшавии хизматрасониҳои бонкии чакана дар деҳот миёни оилаҳои дорои сатҳи пасти даромад, аз ҷумла бо истифода аз воситаҳои алоқаи мобилӣ барои хизматрасониҳои молиявӣ; беҳтар намудани дастрасии хизматрасониҳо дар соҳаи маблағгузории қишри осебпазири аҳолӣ, бахусус занон ва ҷавонон; таҳия намудани Барномаи давлатии баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ ва ғайраҳо».[1]

Мавриди зикр аст, ки айни ҳол, дар бозори маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон 63 адад ташкилоти қарзии молиявӣ фаъолият менамоянд. Дар соли 2023 ҳаҷми қарзҳои хурди додашудаи ташкилотҳои мазкур ҳамчун иштирокчиёни бозори маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон 13585,6 млн. сомониро ташкил дода, 10,8 фоизи ММД-ро дарбар мегирад. Дар қиёс ҳиссаи қарзҳои хурди додашудаи ташкилотҳои маблағгузории хурд бошад, 36,28 фоизи ташкилотҳои қарзии молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил мекунад. Тибқи натиҷаи фаъолнокӣ шумораи мизоҷони ташкилотҳои маблағгузории хурд ҳамагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 577473 нафар буда, дороиҳояшон - 5568,43 млн. сомонӣ, воситаҳои асосӣ - 231,21 млн. сомонӣ, ҳаҷми бақияи қарзҳои хурд - 3740,05 млн. сомонӣ, сандуқи қарзии ТАҚХ -3348,12 млн. сомонӣ, ҳиссаи қарзҳои беэътимоди сандуқи қарзии ТАҚХ (бо % нисбати маблағи умумӣ) - 0,58 фоиз мебошад.

Аз таҳлилҳои илмӣ бармеояд, ки шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд сол аз сол кам гардида, ҳиссаи қарзҳои додашудаи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар ҳаҷми умумии қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ паст шуда, шумораи мизоҷон дар ташкилоти қарзии хурд ва фонди қарзии хурд тамоюли манфӣ дорад. Инчунин,

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст. Душанбе: ҶДММ «Контраст». 2016. 70-72с.

сармоягузориҳои ТМХ коҳиш ёфта, қарзҳои ба таъхирафтода бошад, афзудааст. Ҳиссаи сармояи ТМХ нисбат ба ММД солҳои охир поин рафтааст.

Баҳодиҳии вазъи хизматрасониҳои қарзии ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ дар миқёси манотиқи кишвар нишон медиҳад, ки минтақаҳо бо ҳам баробар набуда, аз ҳама ҳиссаи баландро минтақаи Суғд бо касби - 32,54 фоиз, минтақаи Хатлон - 26,54 фоиз ва шаҳри Душанбе - 21,73 дар соли 2023 соҳиб мебошанд. Пешниҳоди қарзҳои хурд ва хизматрасониҳои кушодани пасандозҳо дар бозори маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон наонқадар талаботи аҳолиро қонеъ карда метавонанд. Масъалаи дигар дастрасии қарзҳои хурд ба аҳолии ноҳияҳои дурдаст ғайриимкон аст. Бинобар ин, мукаммалсозӣ ва таъмини рушди устувори нишондиҳандаҳои фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ва роҳҳои танзими бозори маблағгузории хурд дар шароити тағёирёбии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим ба назар расида, аз он шаҳодат медиҳад, ки шумораи зиёдӣ аҳолӣ, субъектҳои хоҷагидории хурду миёна ва шаҳрвандони камдаромад ба ин раванд ҷалб гардида, сатҳи камбизоатӣ ва фақр ба меъёрҳои нишондиҳанадаҳои дурнамои ҳуҷҷатҳои стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ кунонида шавад.

Ба вуҷуд омадани қазияҳои дар боло зикр шуда, таҳқиқоти зиёди илмиро талаб мекунад. Ба андешаи мо пешниҳоди ғояҳои нави илмӣ-таҳқиқотӣ барои ташаккул ва равнақ додани маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тавонад дар сатҳи паст кардани камбизоатӣ ҳиссагузор бошад, муҳим баназар мерасад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Оид ба асосҳои назариявӣ ва амалии маблағгузории хурд таҳқиқоти илмии зиёде бурда шудааст, аз ҷумла: олимони хориҷӣ: Джонатан С., Муҳаммад Ю., Уксусова М., Мамута М.В., Сорокин А.С., Манапбаева Н., Светотовтсева Т.А., Гладкова В.Е., Уксукова М.С., Схадзе Н.В., А.В. Солодухина, Юрий В. К, Евгений А.М.,

Александр И.Е., Давлесов А., Ибраев Н., Югай Л.В., Ирсакова Ж., Омурзаков А.А. ва ғайраҳо дар ин самт пажуҳиш намудаанд.

Дар ҳалқаи илмии олимони ватании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаи маблағгузории хурд мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар самти мазкур Шариф Раҳимзода, Назаров Т.Н., Умаров Х.У., Хушвахтзода Қ.Ҳ., Шарифзода Б.М., Ҳикматов У.С., Қурбонов А., Ҷабборов А., Тағоев Ҷ.Ҳ., Муминова Ф.М., Алибоева М., Таджибаева Д.А., Бурҳонов У.А., Машрапова Н.У, Мирсаидов М.Н. ва дигарон саҳми худро гузоштаанд.

Сарфи назар аз корҳои илмии олимони мазкур баъзе аз ҷанбаҳои таҳқиқотии он, аз қабили: асосҳои назариявӣ-методии маблағгузории хурд, таҳлилу арзёбии вазъи рушди маблағгузории хурд, амсиласозии иқтисодӣ-омории омилҳои рушди маблағгузории хурд дар шароити муосир, пешниҳоди самтҳои асосии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таъсири он ба сатҳи камбизоатӣ таҳқиқоти навро талаб мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуҳои илмӣ.** Корҳои илмӣ-таҳқиқотии диссертатсионӣ бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки аз ҷониби Президенти мамлакат дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2023 ироа шудаанд, Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣи ҶТ барои солҳои 2019-2023, Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба муқаррароти назариявӣ ва амалии маблағгузории хурд робитаи бевосита дорад.

## I. ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ:

**Мақсади таҳқиқот** аз асоснок кунии муқаррароти назариявӣ-услубӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва равнақи маблағгузории

хурд ҳамчун воситаи муассири паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистион иборат аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҷиҳати расидан ба нуқтаи асосии мақсади гузошташуда дар диссертатсия илмӣ пешниҳоди ҳалли вазифаҳои зерин ба миён гузошта мешавад:

- омӯзиш ва тарзи муайян кардани асосҳои илмӣ-таҳқиқотии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар шароити тағйирёбии иқтисодиёти ҷаҳони муосир;
- таҳқиқи хусусиятҳои илмӣ, принсипҳо ва таҷрибаи амалии методикаҳои маблағгузории хурд бо ҳиссагузорӣ аз фарогирии бештари аҳолии камбизоат;
- дар пасманзари арзёбии коҳиши сатҳи камбизоатӣ ба роҳ мондани таҳлили қиёсии вазъи рушди маблағгузории хурд дар ҷумҳурӣ ва буриши минтақаҳои он;
- тавсияҳо оид ба мукаммалсозии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд бо назардошти иқтидори имрӯза дар шароити тағйирёбии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳияи дурнамои амсилаи регрессионӣ, ҷадвали SWOT-таҳлил ва дар асоси онҳо пешниҳоди масъалаҳои танзими давлатии ташаккул ва равнақи бозори маблағгузории хурд;
- баррасии таҷрибаи ташаккул ва рушди маблағгузории хурди мамолики хориҷӣ ва тавсияи хусусиятҳои амалишавандаи афзалиятноки он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** ин ташкилотҳои маблағгузории хурд мебошад, ки нақши онҳо дар паст кардани сатҳи камбизоатии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалият дорад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** ин маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ ва равандҳо оид ба ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

**Фарзияи илмии таҳқиқот.** Ба сифати фарзияи асосии илмии таҳқиқот муқаррароте муайян карда шуд, ки дар ҳолати ҳалли татбиқи илман асоснок шуда, оид ба раванди маблағгузории хурд таъсири он ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ афзоиш хоҳад ёфт. Аз ин рӯ, ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд, такмили фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд бо самтҳои гуногун, роҳҳои танзим давлатии иштирокчиёни бозори маблағгузории хурд ва таҳқиқи таҷрибаи мамолики пешқадами хориҷӣ дар шароити тағйирёбии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти баланди илмиро касб мекунад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти маблағгузории хурд, санадҳои меъёрию қонунгузории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қонунҳо, қарору амрҳои раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва қонунгузории ҳокимияти давлатӣ) ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Пешниҳоди методҳо ва муқаррароти назариявии дар диссертатсия баррасигардида, ба сатҳи дастовардҳои илми иқтисодшиносӣ асос меёбанд, ки дар таҳқиқоти илмии олимони хориҷию ватанӣ инъикос ёфтаанд. Дар диссертатсия инчунин, методологияи умуми илмӣ, ба монанди синтез, индуксия ва дедуксия, методҳои таҳлили муқоисавӣ, тасвиру графикҳо ва ғайраҳо истифода шудаанд. Истифодаи методҳо ва методологияи зикршуда самаранокӣ ва асоснокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмиро таъмин намуданд.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаҳои асосии маълумот ва озмоишии таҳқиқотро санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, маҷмуаҳои расмии омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бюллетени омори бонкии Бонки миллии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, маводи иттилоотӣ ва таҳлилӣ, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва методӣ, нишондиҳандаҳо, меъёрҳо ва стандартҳо,

ҳисоботи ташкилотҳои маблағгузории хурд, диссертатсияҳои докторӣ ва номзадӣ оид ба масъалаҳои омӯхташуда ва ба ин монанд, мақолаҳо ва маърузаҳои илмӣ-амалии муаллиф оид ба маблағгузории хурд ва ғайра ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот**. Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар назди кафедраи молия ва қарзи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар асосноккунии пешниҳоди илмии масъалаҳои асосии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудор шуда, аз самтҳои зерин иборат аст:

- дар асоси омӯзишҳои амиқи илмии доктринаҳои олимони хориҷию ватанӣ ҷанбаҳои асосии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир муайян карда шуда, мафҳуми маблағгузории хурд ҳамчун шакли фаъолияти молиявие, ки мақсади он дар шароити муосир ҷалб намудани даромад, ба воситаи иҷрои хизматрасониҳои мухталифи молиявӣ, маъмулан ба аҳолии камбизоат ё субъектҳои хоҷагидории хурду миёна аз қишрҳои гуногуни ҷомеа, дар асоси зарурати беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ мебошад, маънидод шудааст;
- таҳқиқ гардид, ки ба сифати хусусиятҳо ва принсипҳои асосии ташаккул ва равнақи раванди маблағгузории хурд: дастрасии озод ба қарзҳои хурд, пешниҳоди микроқарзҳо ба шаҳрвандони камбизоат, махсусан занҳо, модарони танҳо ва оилаҳои серфарзанд, ки барои бозгашту истифодаи мақсадноки микроқарзҳо масъул ҳастанд, қарзҳои хурд бидуни гарав дода мешаванд, ҳангоми истифодаи қарзҳои хурд системаи кафолати гурӯҳӣ истифода мешавад, яъне гурӯҳ барои пӯшонидани қарзи аъзоёнаш ҷавобгар мебошад, мусоидат ва рушди гурӯҳҳо заминаи дастрасии ояндаи онҳоро ба қарзҳои хурд таъмин мекунад, маблағгузории хурд ба шахсони алоҳида ва хонаводаҳои камбизоат равона карда шудааст, ҳамчунин, микрокорхонаҳо ва хоҷагиҳои

деҳқониву фермерӣ низ аз хизматҳои маблағгузории хурд бояд бархурдор бошанд, маблағгузории хурд ин фаъолиятест, ки дар худ симбиози ҳадафҳои ичтимоӣ ва самараи тиҷоратиро таҷассум менамояд, дохил мешаванд;

- вазъи рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буриши минтақаҳои он таҳлил шуда, раванди маблағгузории хурд ва таъсири он ба пастравии сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, амсилаи бисёрченкаи иқтисодӣ-оморӣ аз рӯи нишондиҳандаи маблағгузории хурд бо 5 омили ба он таъсиррасон таҳия карда шуда, дар алоқамандии хеле зич қарор доштани онҳо муайян карда шуд;
- тавсияҳои илман асоснок кардашудаи такмили фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла масоили беҳтаргардонии таҷрибаи маблағгузории хурд аз нигоҳи коркард ва такмили маҳсулоту хизматрасониҳо, унсурҳои асосии тарҳрезии ташкилотҳои маблағгузории хурди устувор ва идоракунии пардохти қарзҳо ва пешгирии зарарҳо ҳамчун шарти муҳимми устувории фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод карда шудааст;
- дурнамои маблағгузориҳои хурд аз рӯи амсилаи регрессионӣ коркардшуда, бо усули SWOT-таҳлил вазъи тарафҳои мусбӣ ва манфии бозори маблағгузории хурд нишон дода шуда, роҳҳои танзими давлатии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаш шудааст;
- таҷрибаи ташаккул ва рушди маблағгузории хурд дар мамолики хориҷӣ омӯхта шуда, зикр шудааст, ки дар мамолики барвақтар татбиқсозиро оғоз карда, маблағгузории хурд бисёр ташаккул ёфта, ба зиёдшавии даромади хонаводаҳо мусоидат карда, барои рушди сармояи зеҳнӣ-инсонӣ шароит фароҳам овардааст. Он барои ашхоси воқеӣ, аз ҷумла ба бекорони дорои неруи эҷодӣ ва соҳибкорӣ имкон додааст, ки барои

оғози ин ва ё он фаъолият сармоя дастрас намуда, ягон намуди машғулияти фоидаоварро ташкил намоянд. Инчунин, дар ин замина амалисозии ҷузъиёти муҳимми таҷрибаи давлатҳои дар самти маблағгузории хурд ташаккулёфта тавсия гардидааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- тавзеҳи моҳияти маблағгузории хурд ҳамчун хизматрасониҳои молиявӣ барои шахсоне, ки имконияти дастрасии ин хизматрасониҳоро мувофиқи меъёрҳои бонкӣ надоранд, аз ҷумла: аҳолии камбизоат ва фақри ҷомеа, соҳибкорони навқадам, муҳоҷирони эҳтиёҷманд, занҳои ташаббускор ва мубталои мушкили гардида ва ғайраҳо;
- хусусиятҳои илмӣ, принсипҳо ва таҷрибаҳои амалии методикаҳои коргузории маблағгузории хурд бо фарогирии ҷалби бештари аҳолии камбизоат таҳқиқоти навро тақозо мекунад, ки дар сурати баинобат гирифтани онҳо ҳамчун заминаи воқеии рушди соҳа хизмат мекунад;
- муайян кардани вазъи ҷойдоштаи рушди маблағгузории хурд ва мушкилоти соҳа дар пасманзари сатҳи камбизоатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир аз зарурати гузаронидани таҳлилҳои қиёсӣ ва арзёбии амиқи илмӣ гувоҳӣ медиҳад;
- фаъолкунонии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар заминаи пешниҳоди роҳҳои мукаммалсозии фаъолият бо мақсади таъмини рушди устувори нишондиҳадаҳои молиявӣ-қарзии ташкилотҳо мавриди зарурати корбарии идеяҳои навро тақозо мекунад;
- масоили асосии танзими давлатӣ бо мақсади инкишофи бозори маблағгузории хурд ва фароҳам овардани шароити мусоид ба аҳолии камбизоат-фақри осебпазир, субъектони эҳтиёҷманди хоҷагидории хурд ва дастрасии онҳо ба захираҳои молиявӣ, ки метавонад чиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегии сатҳи паст кардани камбизоатӣ таъсиргузор бошад;
- таҷрибаи пешқадами мамолики хориҷӣ дар самти ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд зарурати омӯзишро дошта, пешниҳоди

хусусиятҳои татбиқшавандаи онҳо барои дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ кардан, аҳамияти афзалиятнокро дорад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия дарҷгардида, ба мукаммал гардидани донишҳои назариявию методии раванди ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд мусоидат карда, як қатор пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда, метавонанд татбиқи амалии худро дар низоми идоракунии соҳа ва ҳамчунин, дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ва Бонки миллии Тоҷикистон бо дарназардошти манфиатҳои иқтисоди миллӣ пайдо кунад. Натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсионии пешниҳодшударо метавон, дар самти ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқот тавассути таҳлили пурраи кори муаллиф дар мавзуи таҳқиқшуда, маҷаллаҳои илмӣ, инчунин, маълумоти ташкилотҳои маблағгузории хурд, натиҷаҳои пурсишҳои роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва коршиносони соҳавӣ ва истифодаи дурусти усулҳои системавии ҳалли мушкилот таъмин карда шудааст. Хулоса ва тавсияҳо, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шуданд, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсияи номзадӣ ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқ мебошад: 9.1.Назария, методология, консепсияҳо ва принсипҳои асосии муносибатҳои қарзӣ хамчун ҷабҳаҳои пайдоиши низоми қарзӣ; 9.3.Инкишофи инфрасохтори муносибатҳои муосири қарзӣ, шакл ва усулҳои қарздиҳӣ; 9.6.Қонунҳо ва тамоюлҳои рушди соҳаи қарзӣ; 9.7.Таҳаввулоти муносибатҳои қарзӣ; қонуниятҳо ва тамоюлҳои муосири

рушд, муносибатҳои мутақобилаи қарз ва гардиши пулӣ, молия, бозори молиявӣ, тақвияти таъсири қарз ба истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти ҷамъиятӣ; 10.1.Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.4.Муаммоҳои таъмини сиёсати мутавозунии бонкӣ дар раванди сармоягузорӣ, қарздиҳӣ ва ташаккули пассивҳои бонкӣ дар атрофи тамоми сарчашмаҳо ва захираҳо; 10.6. Рақобати байнибонкӣ; 11.5.Афзалиятҳои сиёсати пулию-қарзии муосир ва вокуниши бахши воқеӣ дар татбиқи он; 11.8.Танзими давлатии ташкилотҳои молиявию қарзӣ;

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Марҳилаҳои асосии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, аз қабилӣ: интихоби мавзуъ ва таҳияи нақшаи корӣ; масъалаи асосноккунӣ ва мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ; мақсади гузошташуда дар диссертатсия ва иҷро намудани вазифаҳои он бо иштирок ва фаъолияти бевоситаи муаллифи диссертатсия гузаронида шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Мазмуни асосии диссертатсия аз тарафи муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ ва маводи конференсияҳои илмии назариявӣ ва амалии Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, тариқи мақолаву маърузаҳо нашру муҳокима гардида, баҳои мусбат гирифтаанд.

Муқаррароти алоҳидаи диссертатсия дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ истифода шудаанд. Ҳамчунин, маводи хусусияти методологӣ ва амалии доштаи кори илмӣ дар ҷараёни таълими факултетҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳангоми хондани дарсҳои лексионию гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои «Назарияи молия», «Молия ва қарз» ва «Пул, қарз, бонк» мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки санадҳои татбиқи онҳо мавҷуданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 15 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст, бо нишондоди 7,5 ҷузъи чопӣ (4,6 ҷ.ч. аз муаллиф) нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни асосии диссертатсия дар 193 саҳифаи матни чопии компютерӣ навишта шуда, шомили 17 ҷадвал, 10 расм ва 8 диаграмма мебошад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ – УСЛУБИИ ТАШАККУЛ ВА РАВНАҚИ МАБЛАҒГУЗОРИҲОИ ХУРД

## 1.1. Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва равнақи маблағгузориҳои хурд дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир

Маблағгузории хурд яке аз унсурҳои муҳим дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир баҳисоб меравад. Вале таърихи ташаккул ва самтҳои равнақи онро муҳаққиқони ин мавзуъ ба ибтидои қарни XVIII мансуб медонанд. Яке аз намунаҳои муваффақи аввали ташкилотҳои қарзӣ барои камбизоатон системаи Фондҳои Қарзии Ирландия (The Irish Loan Fund system) мебошад, ки бо ташаббуси нависанда ва фаъоли ҷамъиятӣ Ҷонатан Свифт дар ибтидои қарни XVIII таъсис ёфтааст, мебошад. Асоси фаъолияти он таъсиси фондҳое буд, ки қарзҳои кӯтоҳмуддати хурдро бе таъмини гарав ба аҳолии камбизоати деҳоти Ирландия медиҳанд. Рушди система хеле суст буд, аммо дар аввали солҳои 1840 ин як ташкилоти калон буд, ки дар Саросари Ирландия зиёда аз 300 фонд дошт. Дар авҷи худ, система ҳар сол ба 20% хонаводаҳои ирландӣ қарз медод.[2] Бо мурури инкишофи низоми бонкӣ ба қишри аҳолии камбизоат диққат медодагӣ шуд ва дар охири қарни XIX ин раванд дар тамоми Аврупо паҳн гардид. Масалан, яке аз сиёсатмадорон ва фаъолони ҷомеаи олмони онрӯза - бонкир Фридрих Вильгельм Райффайзен вазъи хизматрасонии аҳолии деҳотро аз ҷониби судхӯрон зери тозиёнаи танқид қарор дода, аввалин кооперативи қарзиро дар маҳалли деҳот таъсис медиҳад, ки баъдан он дар тамоми дунё паҳн мешавад.[3]

Ҳамин тариқ, ҳаракати кооперативҳои қарзӣ дар ИМА, Ирландия, Канада, Австралия, Фаронса, Тайван вусъати тоза касб кард. Аммо як нуқта ҷолиби диққат аст, ки ин ҳаракат асосан ба табақаи аҳолии миёнаҳоли деҳот нигаронида шуда буд.

Дар нимаи дуввуми асри XX аксари мамолики Аврупо барои ҳавасмандии рушди иқтисодиёт бо роҳи субсидияҳои давлатӣ ба ин самт рӯй

---

[2]Захкин, А. А. Микрофинансирование на рынке финансовых услуг: история вопроса и мировой опыт / А. А. Захкин // Банковские услуги.–2013.–№ 2. –С.008-014.

[3] Lindsai J. Mikrofinanse/ J. Lindsai //SPEA-2010.-P.3-5.

оварданд. Яъне фондҳои давлатиии дастгирии фермерҳо ташкил дода шуданд, ки рушди истеҳсолоти кишоварзиро бояд маблағгузорӣ менамуданд. Аммо дар аксари мавридҳо ин маблағҳо ба дасти ашхоси зарурӣ намерасиданд, фоизи ин навъи қарзҳо аз қарзҳои бозорӣ паст буданд, фоизи ин навъи қарзҳо хело ҳам кам баргардонида мешуданд. Ин буд, ки фондҳои маблағгузории ин навъи қарзҳои дастгирии фермерҳо маблағҳои худро аз даст медоданд ва барҳам мехӯрданд. Яъне ин фондҳо бояд бо низом ба ташаккули ташкилотҳои қарзҳои хурд дар деҳот мусоидат менамуданд, аммо ташкилкунандагони ин ғоя аз уҳдаи самаранок ҷоринамоии он набаромаданд.[4]

Мавриди зикр аст, ки раванди маблағгузории хурд дар қарни XX на дар асоси таҷрибаи андӯхтаи мамолики Аврупо ва Амрико ташаккулу равнақ ёфт. Балки раванди маблағгузории хурд дар маънои имрӯзааш бори аввал ибтидои солҳои 1970-уми қарни гузашта дар Бангладеш истифода шудааст. Асосгузори ин ғоя профессори ҳамонвақтаи Донишгоҳи аграрии Бангладеш Муҳаммад Юнус мебошад. Аз нуқтаи назари профессор Муҳаммад Юнус: «Мафҳуми маблағгузории хурд маънои расонидани намудҳои асосии хизматрасониҳои молиявӣ ба аҳолии камбизоатро ифода мекунад.[5]

Бояд қайд кард, ки бо як қатор сабабҳои объективию субъективӣ аҳолии камбизоат аз хизматрасониҳои молиявии институтҳои молиявӣ-қарзии анъанавӣ бебаҳра мемонанд. Аз ин рӯ, зуҳури раванди маблағгузории хурд ҳамчун як унсури молиявию иқтисодӣ амри воқеӣ ба шумор меравад. Асоси раванди маблағгузории хурдро як ғояи (идеяи) хело ҳам содаву оддӣ ташкил медиҳад: аҳолии камбизоат ҳамчун дигар ашхоси ҷомеа ба хизматрасониҳои молиявӣ эҳтиёҷ доранд. Тули 45-50 соли охир раванди маблағгузории хурд ба як фаъолияти калонмиқёс табдил ёфтааст, ки мақсади асосии он бунёди низоми маблағгузории хурд буда, ба манфиати аҳолии камбизоат амал мекунад.

---

[4] Яразян А.Т.Становление и развитие микрофинансирования малого предпринимательства. Диссер. на соис.к.э.н. по спец.08.00.03.-Ереван,2016.-С.10.

[5] Развитие микрофинансирование в Узбекистане/Рабочий доклад.Ташкент: ЦЭИ,2005.- С.8

Тули 10 соли охир раванди маблағгузорӣ зиёда аз 100 давлати дунёро фарогир буда, мувофиқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ дар ҷаҳон зиёда аз 10000 ташкилотҳои маблағгузории хурд фаъолият мекунанд, ки ба 500 млн. аҳолии камбизоат хизмат мерасонанд ва сармояи дар гардиши ин ташкилотҳо ба зиёда аз 100 млрд доллари ИМА баробар аст.[6]

Чи тавре, ки муҳаққиқи рус Уксусова М.С. қайд мекунанд, хизмати профессори амрикоӣ, фарзанди кишвари Бангладеш дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ соли 2006 пазируфта шуд. Муҳаммад Юнус ҷоизаи Нобелии ҷаҳониро барои саҳми мубориза бар зидди камбизоатӣ тавассути сохтани низоми қарздиҳии хурд ба даст овард (Барандаи ҷоиза 10 млн крони шведӣ ва ё қариб 1,36 млн доллари ИМА мегирад).[7]

Дар бораи мафҳуми маблағгузории хурд ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки он қариб аз ҷониби аксари муҳаққиқони ин мавзуъ якхела шарҳ дода шудааст. Баъзе аз онҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, ба баҳси илмӣ мекашем.

Масалан, муаллиф Мамута М.В. «Маблағгузории хурдро ҳамчун фаъолияте тавсиф мекунад, ки барои хизматрасониҳои молиявии одамоне нигаронида шудааст, ки имконияти дастрасии ин хизматрасониҳоро мувофиқи стандартҳои қабулшудаи бонкӣ надоранд (аҳолии камбизоат, соҳибкорони навкор, муҳоҷирон, занҳо ва ғайраҳо.)».[8]

Шарҳи М.В. Черемисин низ ҷолиби диққат аст, ки маблағгузории хурдро ҳамчун қарзҳои бегарав ба қарзгирандагоне, ки даромади доимӣ дар шакли музди меҳнат надоранд, маънидод намудааст.[9] Дар ин маврид як нуқтаро хотиррасон бояд намуд, ки мафҳуми маблағгузории хурд ин

[6] Statistics of Microfinanse:Bank of Lao PDR, GIZ.-2012.-P.22-23.

[7] Уксусова М.С. Микрофинансирование: содержание, особенности, проблемы и перспективы развития. Экономический журнал. №3(51), 2018.- С.50-51.

[8] Мамута, М. В. Введение в микрофинансирование / М. В. Мамута, О. С. Сорокина // Глобальные рынки и финансовый инжиниринг. – 2015. – Т. 2, № 2. – С. 143-156.

[9] М.В. Черемисин Актуальность вопросов развития микрофинансирования в России/Проблемы развития микрофинансирование в России: сб.науч.трудов.-М.: Финансовый университет,2011.- С.28-31.

микроқарзҳо набуда, балки дигар намудҳои хизматрасониҳои маблағгузории хурдро низ дар бар мегирад.

Муҳаққиқи дигари ин мавзуъ Т.А. Светотовтсева маблағгузории хурдро ҳамчун василаи пурқувват барои рушди бизнеси хурд ва қонунигардонии судхӯрӣ маънидод намудааст.[10] Нуқтаи ҷолиби ин шарҳ "қонунигардонии судхӯрӣ" мебошад. Зеро маълум аст, ки раванди маблағгузории хурд саравал, ҳамчун воситаи мубориза ба зидди судхӯрӣ зуҳур карда буд. Аз ин рӯ, шарҳи муаллифи номбурда аз ин нуқтаи назар баҳснок маҳсуб меёбад.

Ҳамчунин, Гладкова В.Е., ки роҷеъ ба ин мавзуъ таҳқиқот бурдааст, маблағгузории хурдро ҳамчун воситаи мубориза бар зидди камбизоатию қашшоқӣ тавсиф додааст.[11] Олими мазкур ба таърифи ба маблағгузории додаи Муҳаммад Юнус такя намуда, таъкид намудааст, ки маҳз микроқарзҳо барои амаликунонии ин мақсад нақши муҳим бозидаанд. Ақидаи ба ҳамин монандро оид ба ин мафҳум Уксукова М.С. низ дастгирӣ намуда, қайд мекунад, ки саравал маблағгузории хурд ҳамчун фаъолияте рушд кардааст, ки вазифаи асосии он на гирифтани фоида, балки мубориза бар зидди қамбизоатию қашшоқӣ ба шумор мерафт. Баъдан, ин намуди фаъолият самаранокии иқтисодии баланди худро нишон дода, дар ҷаҳони муосир ҳамчун бизнес-модел ба таври васеъ паҳн гардид.[12]

Муҳаққиқи варзида Цхадзе Н.В., ки таҷрибаи давлатҳои хориҷиро оид ба ин мавзуъ мавриди омӯзиш қарор додааст, вобаста ба ин қайд мекунад, ки «Маблағгузории хурд дар давлатҳои дараҷаи тараққиёташон паст воситаи худро бо кор таъмин намудани аҳолии камбизоат буда, дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ он ҳамчун воситаи рушди бизнеси хурд ва миёна шуморида мешавад». Дар шарҳи худ мавсуф меафзояд, ки новобаста аз оне, ки

[10] Т.А. Светотовцева Проблемы развития института микрофинансирование в Российском рынке розничных финансовых услуг/Проблемы развития микрофинансирование в России: сб.науч.трудов.-М.: Финансовый университет,2011.-С.40-42

[11] Гладкова В.Е. Роль и место микрофинансирование в современной кредитной системе.-М.,2012.-С.99

[12] Уксукова М.С. Микрофинансирование: содержание,особенности,проблемы и перспективы развития//Экономический журнал.-№3(51).-2018.-С.50-65.

маблағгузории хурд фаъолияти фоидаовар мебошад, дар аксари мавридҳо онро ҳамчун бизнеси ба иҷтимоиёт нигаронидашуда баҳо медиҳанд.[13]

Муаллифи дигари мафҳуми маблағгузории хурд ин А.В. Солодухина мебошад, ки дар мақолаи худ бо номи бозори маблағгузории хурд дар Россия ин унсури иқтисодиро ҳеле хуб ва ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ намудааст. Номбурда, маблағгузории хурдро ҳамчун фаъолияти мубориза бар зидди камбизоатӣ дар мамолики дараҷаи тараққиёташон паст қабул дошта, ҳамзамон зинаҳои баъдинаи рушди ташкилотҳои маблағгузории хурдро дар давлатҳои рӯ ба инкишоф ва тараққикарда зери тозиёнаи танқид қарор дода, бо далелҳои мушаххас нуқсону камбудиҳои онро нишон додааст[14].

Ба ақидаи муҳаққиқони ин мавзуъ Юрий В.К. ва Евгений А.М. «Маблағгузории хурд ин маънои пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ дар ҳаҷми хурд ба субъектҳои соҳибкории хурд ва гурӯҳҳои табақаи камдаромадро дорад. Ба он қарзҳо, амонатҳо, суғурта ва интиқоли пул, инчунин дигар хизматрасониҳои молиявӣ дохил мешаванд».[15]

Инчунин таҳиқнигори Белорусия И.Е.Александр иброз медорад, ки: «Маблағгузории хурд ин як навъи фаъолияти ба хизматрасонӣ вобаста мебошад, ки ба субъектҳои оғозкунандаи соҳибкории хурд, соҳибкорони инфиродӣ ва корхонаҳои хурд иҷозати дастрасии озод ба сарчашмаҳои маблағгузориро медиҳад».[16] Тибқи маънидоди олимони ғарб маблағгузории хурд пешниҳоди як қатор имкониятҳои васеъ намудани бозори молиявӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва мусоидат ба тағйироти иҷтимоиро дарбар мегирад.[17]

---

[13] Цхадзе Н.В. Микрофинансирование за зарубежом. Опыт решениясоциальных задач// Экономика. Налоги. Право. 2017.Т.10.-№1-С.101-109.

[14] Солодухина А.В.Микрофинансовы рынок в России: институтсиональные провали в сегменте “ займы до зарплаты “ и задачи мегаргулятора//Вестник С-Петер.ун-таю Сер. Менеҷмент, 2015.Вып.4-С.115-151.

[15] Юрий В. К. Микрофинансирование как новый инструмент на рынке финансовых услуг / Ю. В. Кох, Е. А. Малышев // Вестник ЧитГУ- 2012. -№8.(87) – С.101.

[16] Александр И.Е. Микрофинансирование. Газета «7 дней». 4 января 2018 г., № 1.- С.15.

[17] Beatriz Armendariz and Jonathan Morduch. The Economics of Microfinance.//Second Edition. The MIT Press Cambridge, Massachusetts London, England. 2010. – P.3.

Андешамандони Ҷумҳурии Узбекистон низ дар ин мавзуъ таҳқиқотҳои назаррас анҷом додаанд. Масалан, Д.А.Таджибаева, У.А. Бурҳонов ва Н.У Машрапова мафҳуми маблағгузории хурдро ҳамчун ҷараёне шарҳ додаанд, ки ба дастрасии аҳолии имкониятнадошта ба воситаҳои пулӣ, ба мақсади бунёд ва равнақи бизнеси хурд мусоидат мекунад.[18] Мавриди зикр аст, ки мафҳуми маблағгузории хурд ба таърифҳои дар боло овардашуда монанд аст, аммо ба фикри мо дар ин шарҳ ҷанбаи иҷтимоии раванди маблағгузории хурд ба эътибор гирифта нашудааст.

Олимони Институти миллии таҳқиқотҳои стратегии Ҷумҳурии Қирғизистон А.Давлесов, Н.Ибраев, Л.В. Югай, Ж.Ирсакова, А.А. Омурзаков, Т.И. Султанов низ дар омӯзишу таҳқиқи мафҳуми маблағгузории хурд саҳми худро гузоштанд. Масалан, дар таҳқиқоти илмии онҳо маблағгузории хурд ҳамчун системаи хизматрасониҳои молиявие муаррифӣ шудааст, ки дар шакли микроқарзҳо, депозитҳо ва дигар навъи хизматрасониҳои молиявӣ барои аҳолии дараҷаи даромадашон паст нигаронида шудаанд.[19] Ба фикри мо, шарҳи олимони болозикр хело ҳам бомаврид аст, зеро маҳз аҳолии камбизоат дараҷаи пасти даромади моҳона (солона)-ро доро мебошанд. Яъне таъриф мустақиман аз он гувоҳи медиҳад, ки муаллифони он маблағгузории хурдро ҳамчун фаъолияте баҳо медиҳанд, ки ба хизматрасониҳои молиявии аҳолии камбизоат нигаронида шудааст.

Таҳқиқгарони масоили иқтисодиёти ватанӣ Назаров Т.Н., Шариф Раҳимзода, Ҳикматов У.С., А.Ҷабборов, Муминова Ф.М., М.Алибоева, Ҷ.Ҳ.Тағоев, Мирсаидов М.Н. ва дигарон дар самти маблағгузории хурд корҳои зиёдеро дар сатҳҳои гуногун анҷом додаанд.

Иқтисодшиноси варзидаи тоҷик, профессор Назаров Т.Н. дар асари худ бо номи «Ислоҳоти иқтисодӣ, ҳамкорӣ ва амният (проблемаҳо ва мулоҳизаҳо)» 11 сол пеш зарурати додани қарзҳои хурдро муҳим дониста

---

[18] Д.А.Таджибаева, У.А. Бурҳонов и Машрапова Н.У. Финансовая доступность и микрофинанси рование -Ташкент, Baktria press, 2018.-С.8

[19] Роль микрофинансового рынка в Кыргизской Республике: перспективы и угрозы. Отчет НИСИ Кыргизской Республики.-Бишкек,2014.-С.13

қайд намудааст, ки «Дар шароити кунунии рушди иқтисоди Тоҷикистон, пешқадамтарин усули дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ин васеъ намудани қарздиҳии хурд дар сатҳи соҳибкории миёна ва хурд мебошад. Маҳз дар айни замон ҳамчун соҳаи аз ҳама фаъолтарини бозори молиявӣ ҳисобида мешавад».[20] Дар партави суханҳои худ додани қарзҳои хурдро ба қишри аз ҷиҳати иқтисодӣ осебпазиртарини аҳолӣ, ки асосан дар деҳот зиндагӣ мекунанд, таъкид кардааст.

Бо такя ба таҷрибаи ҷаҳонӣ, мутахассиси маъруфи тоҷик, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шариф Раҳимзода ба маврид изҳор медорад, ки «Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки қарздиҳии хурд яке аз омилҳои бунёдии рафъи камбизоатӣ, коҳиши сатҳи факр, ташкили ҷойҳои нави корӣ, фаъолгардонии раванди ба соҳибкорӣ машғул шудан ва таҳкими тафаккури соҳибкорӣ ва фарҳанги молиявӣ ба ҳисоб меравад».[21] Мавсуф бар он назар аст, ки солҳои охир дар дунё дастгирии соҳибкорӣ ва қонеъ кунонидани эҳтиёҷоти муваққатии шахсони алоҳида бо роҳи ба онҳо додани қарзҳои хурд хеле равнақ ёфтааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо мақсади таъмини талаботҳои дар боло қайд шуда ташкилотҳои маблағгузории хурд таъсис дода шудаанд. Онҳо амалиётҳои бонкиро дар доираи муайянкардаи Бонки миллии Тоҷикистон иҷро менамоянд.[22]

Илова бар ин, шарҳи мафҳуми маблағгузории хурдро коршиноси масоили низоми бонкӣ, профессор Ҳикматов У.С. дар монографияи илмияш бо номи «Ташаккул ва рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин баён намудааст: «Маблағгузории хурд - низоми пешниҳоди хизматрасониҳои молиявии «дастрас» ба аҳолӣ аз ҷониби ташкилотҳои маблағгузории хурди намудҳои гуногун мебошад, ки алтернатива ба хизматрасониҳои молиявии бонкӣ буда, дар доираи

[20] Талбак Назарович Назаров. Экономическая реформа, сотрудничество и безопасность (проблемы и суждения). Душанбе: «ЭР-граф», 2013. 74с.
[21] Раҳимзода, Ш. Қарздиҳии хурд дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолати муосир ва дурнамои рушд / Ш. Раҳимзода, Б.Б. Хоҷаев // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – No. 3(23). – P. 19-26.
[22] Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – 400с.

қонунгузорӣ амал мекунад».[23] Дар таърифи худ профессор Ҳикматов У.С. бори аввал хусусияти асосии маблағгузории хурд, яъне - дастрасиро таъкид кардааст. Дар мафҳуми хизматрасонии дастрасии молиявӣ, муаллиф низоми расонидани хизматрасониро дар назар дорад, ки дастрасӣ ба он барои ҳамаи қишрҳои аҳолӣ, бахусус табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир, инчунин барои категорияи аҳолӣ, ки барои манбаъҳои анъанавии маблағгузорӣ «хатарнок» ҳисобида мешавад, боз аст ва аслан аз дастрасӣ ба онҳо маҳруманд.

Инчунин муҳақиқ М.Алибоева мафҳуми маблағгузории хурдро ҳамчун хизматрасониҳои хурди молиявӣ, аз ҷумла қарзҳои хурд шарҳ додааст, ки ба аҳолии машғули растанипарварию чорводорӣ, ашхоси соҳиби микрокорхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, таъмирӣ, савдо ва дигар ашхоси камбизоатӣ  аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол, ки ягон намуди машғулиятро оғоз карданианд, нигаронида шудааст.[24] Ба фикри мо шарҳи мафҳум аз ҷониби муҳаққиқи номбурда хело ҳам соддаву оддӣ  ва оммафаҳм мебошад, вале дар он ҷанбаи иҷтимоии маблағгузории хурд ба инобат гирифта нашудааст.

Профессор А.Ҷабборов мафҳуми маблағгузории хурдро бо қарзҳои хурд ҳаммаъно дониста, онро ҳамчун қарзҳои хурде шарҳ додааст, ки ба муштариён бидуни назардошти собиқаи корӣ ва гарав дода мешаванд.[25] Як нуқтаи мавриди зикр аст, ки мафҳуми маблағгузории хурд  нисбати мафҳуми қарзҳои хурд васеъ аст. Аммо қайд кардан лозим аст, ки дар адабиёти илмии иқтисодӣ оид ба мафҳумҳои маблағгузории хурд ва микроқарзҳо фикри ягона вуҷуд надорад. Масалан, баъзе давлатҳо ва муассисаҳои махсуси СММ пешниҳод намуданд, ки  ин мафҳумҳоро ба ҳайси мафҳумҳои якдигарро ивазкунанда истифода намоянд.[26]

---

[23] Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич. Ташаккул ва рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.Монография. / Ҳикматов У.С. – Душанбе.: «ИРФОН», 2022 – 46с.
[24] Алибоева М. Основы микрофинансирования.Курс лекции.-Душанбе, 2006.-С.4
[25] Ҷабборов А.Маблағгузории хурд. Китоби дарсӣ.-Душанбе.:"Ирфон", 2011.-С.34-35
[26] Микрофинансирование и принсипы  классического кредитного бизнеса// Финансист.-1997.-№8.-С62.; Доклад Генерального секретаря «Проведение первого Десятилетия ООН по борьбе за

Дар таҳқиқоти ба ин мавзуъ бахшидашудаи Тағоев Ҷ.Ҳ. «Мафҳуми микрамолиякунонӣ маънои расонидани намудҳои асосии хизматрасониҳои молиявӣ ба аҳолии камбизоат ва қашшокро ифода мекунад».[27] Шарҳи мафҳум аз ҷониби муаллифи номбурда хусусияти классикӣ дорад, яъне ба ғояи маблағгузории хурд дар шакли аввалаи он мувофиқат мекунад.

Ф.М.Муминова мафҳуми маблағгузории хурдро ҳамчун усули мубориза бо қашшоқӣ бо роҳи дастгирии худмашғулии аҳолӣ шарҳ дода, ҳамзамон таъкид менамояд, ки он яке аз муҳаррикҳои рушди микробизнес ва бизнеси хурду ташаккули синфи миёна ба шумор меравад.[28] Нуқтаи ҷолиби таърифи муаллифи номбурда ин ибораи "ташаккули синфи миёна" мебошад, ки дар ягон таърифи дигар ба назар намерасад ва то андозае ба ғояи асосии мафҳуми маблағгузории хурд начандон мувофиқат мекунад.

Дар доираи пажуҳиши илмии худ Мирсаидов М.Н. оид ба моҳияти хизматрасонии маблағгузории хурд иброз медорад, ки «Маблағгузории хурд дар саросари ҷаҳон ҳамчун механизми муассири мубориза бо камбизоатӣ эътироф шудааст. Дар маҷмуъ, онро метавон ҳамчун як соҳаи молиявӣ муайян кард, ки барои расонидани хидматҳои асосии молиявӣ махсусан ба одамони камбизоат - онҳое, ки ба хидматрасонии молиявии муқаррарӣ дастрасӣ надоранд, муайян карда мешавад».[29]

Ҳамин тариқ, пас аз омӯхтани доктринаҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ оид ба маблағгузории хурд, ба чунин хулоса омадем, ки мафҳуми маблағгузории хурд ҳамчун шакли фаъолияти молиявие, ки мақсади он дар шароити муосир ҷалб намудани даромад, ба воситаи иҷрои хизматрасониҳои мухталифи молиявӣ, маъмулан ба аҳолии камбизоат ё субъектҳои

---

ликвидацию нищеты(1997-2006годы) и проект программы действий на 2005год—Международный год микрокредитования» №A/58/179, Генеральная Асамблея ООН,2003.

[27] Тағоев Ҷ.Ҳ. Асосҳои микромолиякунонӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2012. –С.30

[28] Муминова Ф.М. Развитие рынка микрокредитования в РТ как условия развития малого предпринимательства/ Доклад в Центре стратегических исследований при Президенте РТ,30.11.12.-С.5

[29] Мирсаидов М.Н. Танзими давлатии ташаккул ва равнақи бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Ташаккули бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди устувори иқтисоди миллӣ»(17 декабри соли 2022, шаҳри Кӯлоб) - Душанбе: «Нашриёти муосир», 2022.-147с.

хоҷагидории хурду миёна аз қишрҳои гуногуни ҷомеа, дар асоси зарурати беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ мебошад.

Бо назардошти ин маънидод метавон мафҳуми илмии маблағгузории хурдро ба чаҳор ҷанбаи муҳими иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҷудо намуд:

Якум, маблағгузории хурд ин шакли фаъолияти хизматрасонии молиявӣ барои субъектҳои хоҷагидории хурду миёна ва аҳолии қишри дорои имкониятҳои маҳдуд мебошад;

Дуюм, маблағгузории хурд ҳамчун ба сифати дастгирии молиявӣ дар ҳаҷми хурд пешниҳоди имкониятҳои васеъ намудани бозор ва паст кардани сатҳи камбизоатиро мефаҳмонад;

Сеюм, бар ивази иҷро намудани хизматрасониҳои молиявӣ маблағгузории хурд ба таъминкунандааш дар асоси шартномаи ҳамкорӣ фоидаи иқтисодӣ меорад;

Чаҳорум, баланд гардидани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ аз ширкат дар раванди баргузории чорабиниҳо ва ҳамкорӣ бо ташкилотҳои маблағгузории хурд.

Натиҷаи таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки хоҷагиҳои хонаводагӣ, аз ҷумла табақаи оилаҳои камбизоат дар идоракунии маблағҳои андӯхтаи худ (гарчанде, ки ҳаҷми хело камро ташкил медиҳанд) менеҷерони фаъол мебошанд. Зимни таҳқиқот маълум гардид, ки онҳо зиёда аз 30 воситаҳо ва равишҳои гуногуни молиявиро барои идоракунии захираҳои молиявии худ истифода мебаранд. Аммо, чи тавре, ки дар боло қайд карда гузаштем, дар аксари ҳолатҳо маблағи андӯхтаи як хоҷагии хонаводагии камбизоат дархӯри мушкилоти ӯ гардида наметавонад.

Талабот ба маблағгузории хурд дар хоҷагиҳои хонаводагии мардуми деҳотҷой ин: фавти сардори оила (таъминкунандаи оила), несту нобуд шудани ҳосили пешбинишуда дар натиҷаи ягон фалокати табиӣ, аз байн рафтани манзили истиқоматии хоҷагии хонаводагӣ, ба ҳалокат дучор шудани саршумори чорвои маҳсулдеҳи хоҷагии хонаводагӣ ва ғ. аз қабили ҳодисаҳои

номбурда ба ҳисоб меравmember. Усули нисбатан паҳнгардидаи пешгирию пастгардонии таъсири манфии чунин фалокатҳо суғуртакунии молу амволи хоҷагиҳои хонаводагӣ, майдони кишти зироатҳо, ҳаёти сарвари оила ва ғайра ба шумор меравад. Қобили қайд аст, ки ду роҳи асосии суғуртакунии молу амволи хоҷагиҳои хонаводагӣ вуҷуд доранд: худсуғуртакунӣ; хариди санади суғуртавӣ аз сарчашмаи беруна ё аз агенти суғурта.

Инак, мо як қисмати муҳими мушкилоти хоҷагиҳои хонаводагии камбизоат ва умуман табақаҳои аҳоли камбизоатро иброз доштем. Ва дар баробари ин мо ду нуқтаи муҳиму аз мадди назари ҷомеа дур афтодаро боз ҳам возеҳу равшан пешниҳоди хонанда мегардонем:

1. Табақаҳои камбизоати аҳолӣ (хоҷагиҳои хонаводагии камбизоат) бо ҷумлаи мушкилоти худ ҳамчун дигар табақаҳои ҷомеа ба хизматрасониҳои молиявӣ, аз қабили хизматрасониҳои қарзӣ, лизингӣ, пасандозӣ, суғуртавӣ, интиқоли маблағ, мубодилаи асъор ва ғ. ниёз доранд;

2. Бо сабабҳои объективию субъективӣ ин табақоти ҷомеаи башарӣ на дар ҳама мамолики ҷаҳон ва на ҳама вақт аз хизматрасониҳои молиявии номбурда бархӯрдор ҳастанд.

Дар аввали пайдоиш ба сифати хизматрасонии маблағгузории хурд танҳо шакли қарздиҳии хурд роиҷ буд. Дар шароити имрӯза бошад, хизматрасониҳои маблағгузории хурд то рафт ташаккул ва равнақ ёфта истодааст. Аз рӯйи пешниҳоди Зеленковская И.И «Маблағгузории хурд доираи васеъи хизматрасониҳоро дар бар мегирад:

- қарзидиҳии хурд - вақте микдори ками пул дар шакли қарз ба муштарӣ аз ҷониби бонк ё дигар ташкилот дода мешавад. Қарзҳои хурдро метавон бо гарав ё бе гарав, инфиродӣ ё қарздиҳии гурӯҳӣ пешниҳод намуд;
- пасандозкунии хурд – бе депазитгузорӣ ин ба касе имкон медиҳад, ки барои истифодаи оянда миқдори ками пулро сарфа кунад;
- суғуртакунии хурд - низомест, ки ба соҳибкорон имконият медиҳад, бештар ба рушди бизнеси худ тамаркуз бошанд, зеро хатарҳо кам мешаванд, таъсир ба моликият, саломатӣ ё ин ки қобилияти корӣ;

Микролизинг - хизматрасониҳои лизингӣ ба корхонаҳои хурд ё соҳибкорони хурд барои таҷҳизоти гаронбаҳо, техникаи кишоварзӣ ё наклиёт, ки онҳо бо арзиши пурра харида наметавонанд». [30]

Аз рӯи шаклҳои хизматрасонӣ метавон ташкилотҳои маблағгузории хурдро ба чунин намудҳо ҷудо кард, (расми 1).




**Расми 1.- Намудҳои асосии ташкилотҳои маблағгузории хурд**

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф

Фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд аз ташаккули низоми амалкунанда вобаста аст. Фаъолияти ташкилтҳо ва сохтори таркибии онҳо аз рӯи ухдадориҳои умумӣ-ҳатмӣ, ухдадориҳои дохили ташкилотӣ ва тибқи қонунгузории ҷорӣ амал мекунанд.

Дар ин замина омӯзиши вазифаҳои асосии маблағгузории хурд аз аҳамият холӣ нест, зеро вазифаҳои ҳар як падидаи муҳими иқтисодӣ дар

[30] Зеленковская И.И. Эволюционное развитие системы микрофинансирования. Фундаментальные прикладные исследования кооперативного сектора экономики. 2013. №4. -107 с.

навбати худ муаррифгари паҳлуҳои мусбию манфии он маҳсуб меёбанд. Аз ин ҷост, ки муҳаққиқони ин мавзуъ зимни таҳқиқотҳои худ як зумра вазифаҳои маблағгузории хурдро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд. Муҳимтарини онҳоро мо низ дар таҳқиқоти худ мавриди омӯзишу хулосабарорӣ қарор медиҳем.

Вобаста аз вазъи ба вуқуъ пайваста аксари муҳаққиқон дар шароити имрӯза вазифаи асосии маблағгузории хурдро паст кардани сатҳи камбизоатӣ, додани имконият ба ин табақоти аҳолӣ ва аҳли оилаи онҳо дар мавриди дастрасӣ ба воситаҳои пулӣ барои оғози ягон намуди машғулият ё қарзҳои хурд ба мақсади беҳтаргардонии сатҳи зиндагияшон, иштирок дар фаъолияти бозорӣ, бунёди ҷойҳои нави корӣ, ҳавасмандгардонии аҳолии қобили меҳнат дар соҳаҳои муайяни иқтисодиёт (растанипарварӣ, чорводорӣ ва ғ.) арзёбӣ менамоянд.

Абрамова М.А., Дубова С.Е., Захарова О.В. қайд менамоянд, ки «Ташкилотҳои маблағгузории хурд ба соҳибкорони хурд ва намояндагони микробизнес хизматрасониҳои молиявӣ расонида, бо ин роҳ ҷойҳои холигие, ки бонкҳои тиҷоратӣ бояд хизматрасонӣ намоянд пурра намуда, ба ин васила низоми молиявии мамлакатро мустаҳкам мегардонанд, зеро шароитҳои қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ на ҳама вақт барои соҳибкорони дар боло номбаршуда мувофиқат мекунанд».[31]

Маблағгузории хурд аз ин равзана ҳамчун шакли чандири қарзи бонкии классики муаррифӣ мегардад, ки ба ашхоси қобилияти меҳнатидошта ва соҳибкор имконият медиҳад, ки ягон намуди қарзҳои хурд ё машғулиятро барои худ ё хонаводаашон оғоз намоянд. Ҳамзамон, маблағгузории хурд, ки ба рушди машғулиятҳо ва бизнесҳои хурд мувофиқат мекунад, дар навбати худ ба афзоиши пардохти андозҳо ба буҷаи давлат мусоидат менамоянд. Ҳамчунин, маблағгузории хурд ба паст шудани дараҷаи истифодаи сармояи судхурӣ, ки асосан характери соягӣ дорад, оварда мерасонад, яъне

[31] Абрамова М.А., Дубова С.Е., Захарова О.В. Развитие механизмов регулирования институтов микрофинансирования и кредитно кооперации в целях стимулирования внутренного инвестиционного спроса// Экономика, налоги, право.-2018.-№6.-С.17-18.

масъалаҳои қарзу пардохти қарзҳои субъектҳои хурди соҳибкорӣ шаффофият пайдо мекунад.

Маблағгузории хурд дар баробари вазифаҳои дар боло номбаршуда ва ҳамчунин вазифаҳои асосии қарзҳои хурд (тақсимоти такрористеҳсолӣ, ҳавасмандгардонӣ) ҳамчунин вазифаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро низ иҷро мекунад.

**Ба вазифаҳои иҷтимоии маблағгузории хурд, аз ҷумла қарзҳои хурд дохил мегарданд**:

- кам шудани саҳи камбизоатӣ ва дастгирии ташаббусҳои соҳибкорӣ;
- мавҷудият ва рушди бозори маблағгузории хурд ва микроқарзҳо имконияти шаҳрвандонро барои ташкили бизнесҳои хурд ё худ машғулиятҳои дигари фоидаовар афзун мегардонад;
- рушди институтҳои маблағгузории хурд ба ихтисори «қарзҳои ғайрирасмӣ-судхӯрӣ» мусоидат намуда, ба шаффофияти ин намуд фаъолият оварда мерасонад;
- маблағгузории хурд ба рушди қарзҳои истеъмолӣ барои аҳолии камибизоат мусоидат менамояд.

**Ба вазифаҳои иқтисодии маблағгузории хурд чунин самтҳо дохил мешаванд:**

- тавассути дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, микробизнес дар шаҳру деҳот рушд карда, ба васеъшавии доираи соҳибкории хурд мусодат менамояд;
- дар ҳолати ба таври воқеӣ ва қонуни рушд кардани маблағгузории хурд субъектҳои он ба рушди сифати хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат мекунанд, зеро онҳо дар ин сегменти бозор барои бонкҳо рақиб маҳсуб меёбанд ва рақобат ба пастшавии хароҷотҳо ва беҳтаршавии сифат мувофиқат мекунанд;
- маблағгузории хурд дар ҳолати дуруст ба роҳ мондан метавонад ба мустаҳкамшавии низоми молиявию қарзии кишвар мусоидат намояд, аз ҷумла низоми қарзи бонкиро мустаҳкам ва рақобатпазир менамояд;

- маблағгузории хурд дар табиати худ як навъи бизнес аст, ки ба муассисони ташкилотҳои маблағгузории хурд фоида меорад.

Ҳамин тарик, накши маблағгузории хурд дар ҳавасмандии худмашғулиятии аҳолии камбизоат, ташаккул ва равнақи микробизнес аз ҷониби хоҷагиҳои хонаводагӣ дар деҳот ва ҳамчунон дастрасии аҳолӣ ба қарзҳои истеъмолӣ хеле бориз аст, (расми 2).




**Расми 2.- Вазифаҳои маблағгузории хурд ва доираи иҷроиши онҳо**

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф

Иҷроиши вазифаҳои маблағгузориҳои хурд тавассути ташкилотҳои маблағгузории хурд амалӣ карда мешаванд. Таҷрибаи пешқадами таъсиси бомуваффақияти ташкилотҳои маблағгузории хурд исбот намуданд, ки расонидани хизматрасониҳои молиявӣ ба аҳолии камбизоат воситаи самараноки камкунии аҳолии камбизоат буда, ҳамзамон метавонад бизнеси фоидаовар бошад. Аз ин рӯ, дар ин самт диққат додан ба унсури дигари

раванди маблағгузории хурд - инфрасохтори он аз аҳамият холӣ нест. Яъне рушди низоми маблағгузории хурд аз дуруст тарҳрезии инфрасохтори таркибии он вобаста аст.

Бояд қайд намуд, ки инфрасохтори таркибии низоми маблағгузории хурд дар шакли маълумоти ҳамгирошуда ва унсурҳои алоҳидаи он дар доираи муҳит фаъолият ва рушд мекунанд, ки дар онҳо таъсири беруна вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, ҳангоми ҳалли масъалаи ташкили инфрасохтори баландсифати бозории ташкилотҳои маблағгузории хурд, омӯхтани таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар ин самт, инчунин дарки хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ ва имконияти танзими бозори миллии молиявӣ муҳим аст. Дар асоси маводи мутолиашуда мо онро чунин тасвир намудем, (расми 3).




**Расми 3. - Инфрасохтори таркибии низоми маблағгузории хурд**

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Расми 3. тадиқ менамояд, ки татбиқи инфрасохтори таркибии низоми маблағгузории хурд барои ташаккули сиёсати сифати фаъолият оид ба ҳавасмандгардонии барномаҳои маблағгузории хурд, пайгирии самаранокии татбиқи онҳо, муайян кардани самти сармоягузорӣ, вазифаи пешниҳоди маълумот дар бораи ҳолат, бархурдорӣ аз фаъолияти иштирокчиёни бозори

маблағгузории хурд ва хусусиятҳои дигари фаъолият аҳамияти меҳварӣ пайдо мекунад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳар як унсури иқтисодӣ дорои муҳити дохилӣ ва берунӣ мебошад. Таъсири байниҳамдигарии унсурҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ ин истеҳсоли маҳсулот ва ё хизматрасониҳо мебошад. Аммо унсурҳои муҳити берунаи маблағгузории хурд ба самаранокии фаъолияти он таъсири ҳамаҷониба мерасонад. Дар асоси омӯзиш, таҳлилу баррасӣ мо муҳити берунаи маблағгузории хурд дар иқтисодиётро бо чунин тарз пешниҳод менамоем, (расми 4).




**Расми 4. -Муҳити берунаи маблағгузории хурд дар иқтисодиёт**

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Раванди ҳамкориҳои муҳити берунаи маблағгузории хурд дар иқтисодиёт бевосита ба чараёнҳои молиявӣ рабт мегирад. Масалан дар адабиёти муосири илмӣ чараёни молиявӣ ба ҳаракати равонашудаи захираҳои молиявӣ ё дар системаи логистикӣ ё байни системаи логистикӣ ва ба муҳити беруна дахл дорад.[32]

[32] Корпоративная логистика. 300 ответов на вопросы профессионалов / Под общ. и научн. ред. проф. В.И. Сергеева. – М.: ИНФРА-М, 2005. – 211 с.

Вобаста ба масъалаи идоракунии ҷараёнҳои молиявӣ аз ҷониби ташкилотҳои маблағгузориҳои хурд дар фаъолияти муҳити беруна ба қавли муаллиф Варганова М.И. мувофиқ ҳастем, ки хеле ба маварид қайд кардааст: «Раванди идоракунии ҷараёни молиявӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд бояд аз марҳилаҳои зерин гузарад: 1) банақшагирии ҷараёни молиявӣ; 2) таҳлили ҷараёни молиявӣ; 3)баҳисобгирии ҷараёни молиявӣ; 4) таъмини назорати самаранок ва мониторинги доимии ҷараёни молиявӣ».[33]

Махсусан Яшенко О.В. эътироф мекунад, ки «Маблағгузории хурд омодагии муайяни гурӯҳҳои маблағгузориро талаб мекунад, масалан, машварати молиявӣ, омӯзиши аҳолӣ, таҳияи нақшаҳои тиҷоратӣ, барномаҳои банақшагирии хароҷоти оила. Ҳамаи инҳо қисми муҳими маблағгузории хурд мебошанд».[34] Дар асоси омодсозии қишрҳои муайяни гурӯҳҳои аҳолӣ маблағгузории хурд метавонад, ҳамчун воситаи муваффақтарин ва самараноки қарздиҳӣ дар бахши хусусии иқтисодиёт ва беҳтарсозии вазъи иҷтимоии аҳолӣ хизмат кунад. Таъсири дигари фаъолияти маблағгузории хурд дар ин ҷода ин паст гардидани сармояи иқтисодиёти ниҳонӣ ва ғаразнок дар бахши бизнес, мусоидат ба шаффофият ва ташаккули таърихи қарз дар байни субъектҳои хоҷагидорӣ, ки шумораи онҳо меафзояд ва бо афзоиши шумораи субъектҳои хоҷагидорӣ ҷалби маблағгузорӣ дар бозори саҳмияҳо ва қарзҳои дарозмуддат содда мегардад.

Масъалаи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди соҳибистиқлолӣ васеъ омӯхташуда, дар ин самт бо мусоидати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон нақшаю барномаҳои гуногун роҳандозӣ шуда, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардида, низоми маблағгузории хурд марҳила ба марҳила ташаккул ва равнақ ёфта истодааст. Махсусан дар ин замина таъсиси Ассотсиатсия ташкилотҳои маблагузории хурди Тоҷикистон ва дастгирии молиявию техникии ташкилотҳои

---

[33] Варганова, М.И. Особенности управления финансовыми логистическими потоками в системе микрофинансирования / М.И.Варганова // Актуальные вопросы экономических наук.-2016.- № 51.- С.102-108.

[34] Ященко, О. В. Образовательные программы микрофинансирования членов семей домашних хозяйств / О. В. Ященко // Наука и образование: проблемы и стратегии развития. – 2015. – № 1(1). – С. 223.

байналмилалӣ назаррас мебошанд, ки дар зербобҳои дигари диссертатсия муфассалан онро дида мебароем.

Ҳамин тариқ, дар ҷамъбасти зербоби мазкур мувофиқи таҳқиқи ҷанбаҳои назаривии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар иқтисодиёт чунин хулоса ва натиҷагириҳоро пешниҳод менамоем:

1. Мафҳуми маблағгузории хурд маънои расонидани намудҳои асосии хизматрасониҳои молиявӣ ба аҳолии камбизоатро ифода мекунад. Бештари шаҳрвандон дар зери ин мафҳум маънои додани қарзҳои хеле хурд (микрокредит)-ро ба оилаҳои камбизоат мефаҳманд, ки тавассути ин қарзҳо хоҷагиҳои хонаводагии камбизоат дар ягон намуди фаъолият иштирок мекунанд ё ягон намуди фаъолияти соҳибкории хурдро оғоз менамоянд.

2. Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки асоси раванди маблағгузории хурдро як ғоя (идея) - и хело ҳам содаву оддӣ ташкил медиҳад: аҳолии камбизоат чун дигар ашхоси ҷомеа ба хизматрасониҳои молиявӣ эҳтиёҷ доранд. Тули 45-50 соли охир раванди маблағгузории хурд ба як фаъолияти калонмиқёс табдил ёфтааст, ки мақсади асосии он бунёди низоми маблағгузории хурд буда, ба манфиати аҳолии камбизоат амал мекунад. Далели дигари раднашавандаи ин ғоя он аст, ки маблағгузории хурд ҳамчун раванди фаъолият арзи вуҷуд дорад. Ва таҷрибаи як қатор давлатҳо нишон медиҳад, ки он ҳамчун воситаи пасткунии сатҳи камбизоатӣ ва баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд. Дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ имконияти дарёфти кори сердаромаду доимӣ маҳдуд аст. Аз ин рӯ, маблағгузории хурд барои дастгирии фаъолияти соҳибкории хурд дар ин давлатҳо нақши муҳимро мебозад. Зеро дар ин давлатҳо шумораи аҳолие, ки ба соҳибкории индивидуалӣ (инфиродӣ) машғуланд, зиёда аз 50% қувваи кории онҳоро ташкил медиҳанд.

3. Хизматрасониҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд имкон медиҳад, ки ҳолатҳои зерин дар амал татбиқ гарданд: 1).Ашхоси камбизоат аз хизматрасониҳои молиявии институтҳои маблағгузории хурд истифода бурда, ягон намуди фаъолияти инфиродӣ ё оилавиро оғоз намуда, худ ва аҳли

оилаашонро аз вартаи камбизоатӣ мераҳонанд; 2).Ашхоси камбизоат ё хоҷагиҳои хонаводагии камбизоат, ки ба ягон намуди фаъолият машғуланд, аз хизматрасониҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд истифода намуда, фаъолияти худро ривоҷу равнақ дода, даромадҳои фардӣ ё хонаводагии худро афзун гардонида, сатҳи зиндагиашонро баланд мебардоранд;

4. Институтҳои маблағгузории хурд дар баробари хизматрасониҳои миёнаравии молиявӣ, инчунин хизматрасониҳои миёнаравии иҷтимоиро низ анҷом медиҳанд. Масалан, мусоидат намудан ба ташаккулёбии гурӯҳҳои ёрмандии байниҳамдигарӣ, равнақ додани боварӣ дар миёни аъзоёни гурӯҳҳои ёрмандии байниҳамдигарӣ ва ба онҳо омӯзонидани маърифати идоракунии захираҳои молиявӣ, аз ҷумлаи хизматрасониҳои миёнаравии иҷтимоии институтҳои маблағгузории хурд ба шумор мераванд. Маблағгузории хурд ба ҳаёту фаъолияти занҳои деҳоту шаҳрҳо, ки хонанишин ҳастанд, метавонад тағйироти кулли ворид созад.

5. Кулли хизматрасониҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурдро ба аҳолии деҳот таҳлил намуда, чунин хулосаи мантиқӣ баровардан мумкин аст: а) Хизматрасониҳои молиявие, ки ташкилотҳои маблағгузории хурд барои аҳолии камбизоат анҷом медиҳанд, хусусияти дастгирӣ карданро доро мебошанд. Яъне ин хизматрасониҳо ба аҳолӣ ва ашхоси камбизоат имкон медиҳанд, ки барои худ ягон машғулият (кор) пайдо кунанд, ягон навъи корро ривоҷ диҳанд ва амалҳои амсоли инҳоро анҷом дода, соҳиби даромад гардида, сатҳи зиндагии худ ва аҳли оилаашро беҳтар созанд; б) Нақши муҳофизатии хизматрасониҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар нисбати аҳолии камбизоат дар он зуҳур мекунад, ки аҳолии камбизоат ҳангоми бемории ягон нафари аҳли оилаашон, пардохти ҳаққи таҳсили фарзандон, харидкунии сару либос ва лавозимоти мактабии фарзандон, гузаронидани ягон маъракаву маросими оилавӣ, харидкунии маводи озуқаворӣ ва ғ. метавонанд аз хизматрасониҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд истифода намуда, мушкилоти худро ҳаллу фасл

намоянд. Ба фикри мо, дар чунин ҳолатҳо хизматрасониҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд ба монанди хизматрасониҳои ёрии таъҷилӣ нақши муҳофизатии аҳолии камбизоатро аз ҳолатҳои фавқулода дар худ таҷассум менамояд;

6. Маблағгузории хурд дорои инфрасохтори махсуси бозорӣ, аз ҷумла: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, технологӣ, иттилоотӣ, кадрӣ ва ташкилӣ мебошад, ки ҳангоми ҳалли масъалаи ташкили инфрасохтори баландсифати бозории ташкилотҳои маблағгузории хурд, омӯхтани таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар ин самт, инчунин дарки хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ ва имконияти танзими бозори миллии молиявӣ муҳим аст;

7. Дар асоси омӯзиш, таҳлилу баррасӣ муҳити берунаи маблағгузории хурд дар иқтисодиёт пешниҳод шудааст. Таркиби муҳити берунаи маблағгузориҳои хурд ин: Бонки марказӣ ва дигар мақомоти давлатии танзимкунанда, бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, институтҳои маблағузории хурди байналхалқӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), микробизнес ва соҳибкории хурд, аҳолии камбизоат муаррифӣ карда мешавад;

8. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ошкор месозад, ки барои ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар иқтисодиёт ва нақши он дар накуаҳволии мардум, ҳалли масъалаҳои зерин муҳим арзёбӣ мегардад: а)омӯзиши таҷрибаи пешқадами хориҷӣ дар самти маблағгузории хурд ва татбиқи амалии он бо назардошти вазъи хусусиятҳои миллӣ; б)мутобиққунонӣ ва такмили қонунгузорӣ дар самти маблағгузории хурд вобаста ба шароити иқтисоди бозорӣ; в)бунёди инфрасохтори таркибии низоми маблағгузории хурд; г)амалисозии технологияи муосир дар ҷараёни муносибатҳои маблағгузории хурд; д)тавассути барномаҳо ва лоиҳаҳо баландбардории маърифати молиявии аҳолӣ оид ба истифодаи самаранокии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ва хизматрасонии онҳо; е)ташкили самаранокии ҳамгироиҳои соҳибкорон ва корхонаҳо дар шакли кластеркунонӣ; ё)таҳлилу ояндабинии нишондиҳандаҳои маблағгузории хурд

ва гузаронидани маниторингҳо ҷиҳати ташкили шаффофият; ж)мусоидат дар ташкили рақобати комил, муҳайё намудани шароити тарғибу ташвиқи фаъолияти ташклотҳо ва мукаммалгардонии хизматрасонии онҳо; з)дастгирии давлатии ғанигардонидани сандуқи қарзӣ ва суботи молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва ғайраҳо.

## 1.2. Хусусиятҳо ва принсипҳои асосии ташаккул ва равнақи раванди маблағгузории хурд

Маблағгузории хурд ин воситаи таъсирбахши мубориза бо камбизоатӣ ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ дар ҷомеа баҳисоб меравад. Бонки ҷаҳонӣ бо мақсади мусоидат намудан ба пастшавии сатҳи камбизоатӣ дар зиёда аз 100 давлати дунё фаъолияти худро ба роҳ мондааст. Дар шароити имрӯза 1,1 млрд. нафар одамон аз қашшоқӣ азият мекашанд (даромади онҳо дар як рӯз аз 1,08 доллар кам мебошад). Ҳамчунин 2,7 млрд. нафар одамон аҳолии камбизоат ба шумор меравand (даромади онҳо дар як рӯз аз 2,15 доллар камтар мебошад). Қобили қайд аст, ки мафҳуми камбизоатӣ паҳлуҳои гуногун дорад. Аҳолии кмбизоат аз бӯҳронҳои иқтисодӣ, фалокатҳои табиӣ, зӯровариҳо ва аз маҷбуркуниҳои дигар табақоти аҳолӣ, аз рафтори ҷинояткорон нисбати дигар табақоти ҷамъият зиёдтар озору таҳқир мебинанд. Аксарияти аҳолии ин табақаи ҷамъият имконоти гирифтани маълумоти ибтидоӣ ва тахассусиро надоранд ва аз хизматрасониҳои тиббӣ бархӯрдор нестанд. Ва ҳатто дар баъзе давлатҳо ин табақаи аҳолӣ имконоти истифодабарӣ ва ё дастрас намудани оби софи нӯшокиро низ надоранд. Соли 2000-ум инсоният дар остонаи қадаммонӣ ба ҳазорсолаи нави мелодӣ қарор дошт. Сентябри соли 2000-ум 189 давлати аъзои Созмони Миллали Муттаҳид ба таври расмӣ мақсадҳои тараққиёти Декларатсияи ҳазорсоларо қабул намуданд, ки маҷмуи нишондиҳандаҳои мақсадноку воқеиро оид ба пасткунии дараҷаи қашшоқӣ фаро мегирад. Декларатсияи мазкур 8 мақсади эълонгардидаро дар бар мегирад, ки бояд то соли 2015 амалӣ гардонида

мешуданд. [35] Қобили қайд аст, ки дар соли 2016 дар ҷаласаи ҷамъбастии СММ, ки ба иҷроиши ҳадафҳои номбурда бахшида шуда буд, баъди баррасию натиҷагириҳо шумораи ҳадафҳои номбурда ба 17 расонида шуданд, ки муҳимтаринашон чунин арзёбӣ шуда буданд:

- ду маротиба кам кардани (нисбати соли 1990-ум) шумораи аҳолие, ки дар як шабонарӯз бо камтар аз 1 доллари амрикоӣ умр ба сар мебаранд ва аз гуруснагӣ азият мекашанд;
- таъмини умумии кӯдакон (духтарон ва писарбачагон) бо маълумоти ибтидоӣ. Яъне тамоми кӯдакони рӯи замин фарогири таҳсил оид ба аз бар намудани маълумоти ибтидоӣ гарданд;
- аз байн бурдани тафовутҳои гендерӣ дар ҳама дараҷаҳои маълумотгирӣ;
- кам кардани фавти кӯдакони то синни панҷсола ( 2/3 соли 1990-ум);
- кам кардани фавти модарон (ба миқдори ¾ соли 1990-ум);
- паст кардану аз байн бурдани паҳншавии эпидемияи бемории ВИЧ/СПИД;
- таъмини суботи экологӣ;
- ташкили ҳамкориҳои глобалӣ бо мақсади тараққиёт ва амалигардонии нуқтаҳои асосии Декларатсияи ҳазорсолаи навин.[36]

Дар ҳисоботи мониторинги башарӣ соли 2004-ум қайд карда мешавад, ки бештари давлатҳои рӯ ба инкишоф аз ӯҳдаи иҷрои бештари мақсадҳои тараққиёти Декларатсияи ҳазорсола намебароянд. Махсусан, давлатҳои Амрикои Ҷанубӣ дар ин самт хеле қафо мондаанд. Дар Конфронси Шанхай - соли 2004-ум, ки ба фаъолгардонии фаъолияти пастгардонии сатҳи қашшоқӣ бахшида шуда буд, зиёда аз 100 мисолҳои таҷрибавӣ аз минтақаҳои гуногуни олам оид ба пастгардонии сатҳи қашшоқӣ пешниҳод гардида буд. Барои амалӣ гардидани Ҳадафҳои тараққиёти декларатсияи ҳазорсола СММ

[35] Доклад Генерального секретаря «Проведение первого Десятилетия ООН по борьбе за ликвидацию нищеты(1997-2006годы) и проект программы действий на 2005 год — Международный год микрокредитования» №A/58/179, Генеральная Асамблея ООН,2003.
[36]Декларация тысячилетия ООН.//(принята резолюцией 55/2 Генеральной Ассамблеи от 18 сентября 2000г.

тавассути барномаҳои худ ва ҳамкориҳо бо дигар ташкилотҳои байналмиллалӣ чораҳо андешида, онҳоро амалӣ гардонида истодааст. Масалан, бо кӯшишҳои СММ давлатҳои тараққикардаи дунявӣ (соли 2002-ум) барои молиякунонии мақсадҳои тараққиёти декларатсияи мазкур аз 0,22 то 0,26% даромади умумимиллии худро ирсол менамоянд. Ин таҷрибаҳо барои дар дигар минтақаҳои олам васеъ паҳн намудан пешниҳод шуда буданд. Аз ҷумла, дар ин конфронс як нуқтаи хеле муҳим қайд карда шуд. Яъне барномаҳои паст кардани сатҳи қашшоқӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқии СММ дар ин ва ё он давлати рӯ ба инкишоф амалӣ гардонида мешаванд, бояд ба барномаҳои стратегии пасткунии сатҳи қашшоқӣ, ки ин давлатҳо қабул намудаанд, мувофиқат намоянд. Аз ин нуқтаи назар, барои амалӣ гардонидани ҳадафҳои тараққиёти Декларатсияи ҳазорсола ташкилотҳои маблағгузории хурд нақши муҳимро мебозанд. Махсусан, дар бахши паст кардани сатҳи қашшоқӣ, хизмату фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд шоёни дастгирӣ мебошанд.

Вобаста аз «Ҳадафҳои тараққиёти Декларатсияи ҳазорсола фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд бояд ба самтҳои зерин нигаронида шуда бошанд:

- қонеъгардонии талаботи аҳолии қабизоат бо маблағҳои пулӣ ва ҳимояи бизнесу худмашғулии ин табақоти ҷомеа аз хавфу хатарҳо;
- васеъкунии доираи микробизнесу соҳибкории хурди хусусӣ, аз ҷумла микробизнеси хонаводагӣ;
- мусоидат ба баробарии гендерӣ, тавассути ҷалби занон ба фаъолиятҳои иқтисодӣ;
- ихтисори камбизоатии шадид ва нобаробариҳо, мусоидат ба рушди иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандӣ;
- ба шуғл фаро гирифтани аҳолии камбизоат дар сектори реалии иқтисодиёт бо роҳи бунёди ҷойҳои нави корӣ;

➢ ташаккули сегменти нав дар бозори молиявӣ».[37]

Аммо дар навбати худ маблағгузории хурд ҳамчунин дорои хусусиятҳои ба худ хосе мебошад, ки ин падидаи муҳими иқтисодиро аз дигар навъҳои фаъолияти молиявию қарзӣ фарқ мекунонад. Онҳо хусусиятҳои хоси хизматрасониҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд маҳсуб меёбанд. Муҳимтарини онҳоро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

1) Дастрасии озод ба қарзҳои хурд;
2) Пешниҳоди микроқарзҳо ба шаҳрвандони камбизоат, махсусан занҳо, модарони танҳо ва модарони серфарзанд, ки барои бозгашту истифодаи мақсадноки микроқарзҳо масъул ҳастанд;
3) Қарзҳои хурд бидуни гарав дода мешаванд;
4) Ҳангоми истифодаи қарзҳои хурд системаи кафолати гурӯҳи истифода мешавад, яъне гурӯҳ барои пӯшонидани қарзи аъзоёнаш ҷавобгар мебошад;
5) Дастгирӣ ва рушди гурӯҳҳо барои дастрасии қарзҳои хурд ояндаи онҳо замина фароҳам меоварад;
6) Маблағгузории хурд ба ашхоси алоҳида ва хоҷагиҳои хонаводагии камбизоат нигаронидашуда, ҳамчунин микрокорхонаҳо ва хоҷагиҳои деҳқониву фермериро низ аз хизматҳои маблағгузории хурд бархӯрдор менамояд;
7) Маблағгузории хурд ин фаъолиятест, ки дар худ симбиози ҳадафҳои иҷтимоӣ ва самараи тиҷоратиро таҷассум менамояд.

Ҳамчунин зикр кардан бамаврид аст, ки дигар намуди ***хусусиятҳои раванди маблағгузории хурд ҷой доранд, ки ба марҳилаҳои рушди*** **онҳо алоқамандӣ доранд** ва мо онҳоро ба тариқи зерин тавсиф мекунем.

Бояд тазаккур дод, ки дар шароити имрӯза барои онҳое, ки дар расонидани хизматрасониҳои молиявӣ ба аҳолии камбизоату қашшоқ

[37] The principles of microfinance and micro credit [Электроный ресурс ]- Режим доступа: http://www. microfinanceinfo.com/the-difinnition-of- microfinance/.(режим доступа – 24.05.2022)

иштирок мекунанд, имкониятҳои нав ба нав фароҳам меояд. Зеро дар марҳилаи кунунии тараққиёти иқтисодиёти муосир сарҳади байни маблағгузории хурд ва сектори молиявии расмӣ муттасил аз байн рафта истодааст. Муассисаҳои маблағгузории хурд, ки фаъолияти худро дар асосҳои ҷамъиятӣ оғоз намуданд, бо гузашти айём ба муассисаҳои молиявии касбӣ табдил меёбанд. Як қисми онҳо ҳатто ба муассисаҳои фоидаовар табдил ёфтаанд. Мунтазам фаъолияти худро ба асосҳои тиҷоратӣ интиқол намуда, онҳо дар мувофиқат ба ҳамдигар барои таъмини шаффофияти ҳисоботи молиявӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Тадқиқотчиён (Карлос А., Шилендер Х.С., Харпер М.)-и раванди маблағгузории хурд кулли ташкилоту муассисаҳоеро, ки дар ин ва ё он шакл ба маблағгузории хурд машғуланд, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд:

- ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки мақсади асосиашон гирифтани фоида ба шумор намеравад;
- ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки мақсади асосиашон ҳамкориҳои муфид, яъне ҳамкориҳои барои тарафайн фоиданок мебошад;
- ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки мақсади фаъолияташон гирифтани фоида ба шумор меравад.[38]

***Хусусияти дигари раванди маблаггузории хурд нақши ташкилотҳо ва созмонҳои байналхалкӣ дар ташаккулу равнақи ташкилотҳои маблаггузории хурд* арзёбӣ мегардад.** Масалан, соли 2004-2005-ум зиёда аз 420 муассисаҳои маблағгузории хурд ва 53 фондҳои маблағгузории хурд бо Биржаи маълумотӣ оид ба маблағгузории хурд (Microfinance Information Exchange (MIX)) ҳамкориҳои доимӣ доштанд. Зиёда аз 200 муассисаҳои маблағгузории хурд аз ҷониби Оҷонсиҳои байналхалқии соҳибунвон ҳамчун муассисаҳои молиявии рейтингашон баланд эътироф гардида буданд. Айни

[38] Карлос А., Шилендер Х.С., Харпер М. Учебные планы и учебные материалы по курсу «Микрофинансирование». Концепция, практика и руководство финансовым посредничеством для бедных слоев населения. – г. Ананд (Гуджарат), Индия, 2002г.-С 16-23.

замон, (2017-2018) шумораи ин муассисаҳо аз 10 то 15 ҳазор муассисаро ташкил медиҳад.[39]

Солҳои охир арзиши портфели проектҳои гурӯҳҳои Бонки Ҷаҳонӣ дар бахши маблағгузории хурд зиёда аз 1 млрд. дол. ИМА-ро ташкил медиҳад. Дар доираи ин проектҳо маблағгузории хурди хоҷагии қишлоқ, сектори молиявӣ, системаҳои ҳифзи иҷтимоӣ амалӣ гардонида мешаванд. Қобили қайд аст, ки ин проектҳо асосан дар он минтақаҳои курраи замин амалӣ мегарданд, ки дар он ҷойҳо аҳолӣ ба ин намуди хизматрасониҳои молиявӣ, қарзӣ, суғуртавӣ ва ғ. бештар ниёз доранд. Ин проектҳо аллакай дар мамлакатҳои Африқо, Осиёи Шарқӣ, аз ҷумла дар Хитой, Ветнам ва давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ, хусусан дар Бангладеш амалӣ гардиданд.

Рушду равнақи маблағгузории хурд яке аз вазифаҳои муҳимтарини стратегии Корпоратсияи байналхалқии молиявӣ (МФК – международная финансовая корпорация) ба шумор меравад. Зеро мақсади асосии ин ташкилоти байналхалқии бонуфуз мусоидат намудан ба камшавии қашшоқӣ бо роҳи тараққӣ додани корхонаҳои хурду хурдтарини сектори хусусӣ мебошад. Дар таърихи 01.01.2005 суммаи проектҳои бахши маблағгузории хурд дар портфели Корпоратсияи байналхалқии молиявӣ (МФК) зиёда аз 256 млн. доллари ИМА-ро ташкил медод. Дар ин проектҳо 56 муассиса дар 38 давлат, ки ба зиёда аз 1,3 млн. мизоҷ хизматрасонӣ мекарданд, иштирок намуданд. Суммаи умумии микрокредитҳои МФК дар ин санад зиёда аз 1,5 млрд. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Ҳама қарзҳое, ки МФК ба мақсади тараққӣ додани маблағгузории хурд ҷудо мекунад, аз рӯи нақша-графики муқарраргардида хизматрасонӣ карда мешаванд. Дар структураи минтақавии қарздиҳии маблағгузории хурд минтақаи Европаи Ҷанубӣ, Осиёи Марказӣ бартарӣ доранд. Дар солҳои 2004-2005 диққати МФК-ро давлатҳои Амрикои Лотинӣ ҷалб намудааст. Соли 2006-ум суммаи проектҳои бахши микромолиякунони дар портфели МФК ба андозаи 500 млн. доллар ба нақша

[39] Д.А.Таджибаева, У.А. Бурҳонов и Машрапова Н.У. Финансовая доступность и микрофинансирование -Ташкент,Baktria press, 2018.-С.16

гирифта шуда буд. Мувофиқи маълумоти нав маҷмуи портфели қарзии ташкилотҳои маблағгузории хурд 100 млрд доллари ИМА буда, шумораи мизоҷони онҳо дар соли 2017 зиёда аз 300 млн нафарро ташкил медод, ин дар ҳолатест, ки дар ташкилотҳои маблағгузории хурд талабот анқариби 1 млрд нафар қарзгирандагонро ташкил медиҳад.

Ташкилоти дигари байналхалқӣ, ки дар бахши маблағгузории хурд фаъолияти хело ҳам гуногунҷабҳа дорад, ин CGAP (Гурӯҳи консултативӣ оид ба расонидани ёрмандиҳо ба қашшоқон) мебошад. CGAP ин консорсиум мебошад, ки 29 донорҳои калонтарини хусусӣ, дуҷониба ва бисёрҷонибаи бахши мазкурро муттаҳид намудааст ва онҳо дар якҷоягӣ барои бунёди низоми молиявии ба аҳолии камбизоату қашшоқ хизматрасон мусоидат мекунанд. Хизматрасониҳои CGAP асосан ба аҳолии камбизоату қашшоқи давлатҳои рӯ ба тараққӣ нигаронида шудааст. CGAP-ро ҳамчун маркази захираҳо, ки ба сифати сарчашмаи қарзҳои тамоми индустрияи маблағгузории хурд хизмат мекунад, муаррифӣ кардан мумкин аст. Ҳамчунон CGAP амалҳои зеринро анҷом медиҳад:

- стандартҳои зарурииро барои бахшҳои маблағгузории хурд муқаррар менамояд;
- усулҳои маблағгузории хурдро кор карда мебарояд;
- тарзҳо гузаронидани амалиётҳоро аз нигоҳи илмӣ-амалӣ асоснок менамояд;
- хизматрасониҳои техникӣ ва консултативиро анҷом медиҳад;
- омӯзиш ва паҳнкунии маълумотро оид ба методҳои пешқадам ташкил менамояд;
- захираҳоро барои молиякунонии проектҳои инноватсионӣ сафарбар менамояд.[40]

[40] Нормы ОНД/БФТ: их значение для поставщиков финансовых услуг, работающих с малоимущим населением. Обзорная статься: CGAP №29. Вашингтон, Округ Колумбия: CGAP, июль 2005.; Microfinance Market Outlook 2016, http://www.responsability.com/investing/data/docs/en/17813/ Microfinance- Outlook-2016-EN.pdf.;

Аз ин нуктаи назар CGAP, МФК, проектҳои гурӯҳҳои Бонки Ҷаҳонӣ дар бахши маблағгузории хурд барои дигар ташкилотҳои маблағгузории хурд институтҳои маблағгузории хурд дар сатҳи байналхалкӣ ба шумор мераванд. Дар доираи индустрияи маблағгузории хурд, мафҳуми институтҳои маблағгузории хурд барои ифода намудани доираи васеи ташкилотҳое пайдо гардидааст, ки онҳо таъмини хизматрасониҳои молиявиро барои иттиҳодияҳои қарзӣ, кооперативҳои қарзӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурд, бонкҳои тиҷоратӣ, бонкҳои давлатӣ ва дигар институтҳои молиявии ғайридавлатӣ ба ӯҳда доранд. Дар аксари ҳолатҳо онҳо ташкилотҳои ғайридавлатӣ мебошанд, ки ба хизматрасониҳои молиявӣ машғуланд. Маҳз фаъолияти ҳамин гурӯҳи ташкилотҳои ғайридавлатӣ ба рушди микроқарзҳо мувофиқат намуда, дар ниҳояти кор сабаби пайдоиши маблағгузории хурд дар гӯшаву канорҳои олам гардиданд. Ин ташкилотҳои ғайридавлатии маблағгузории хурд худро бо таҷҳизоту технологияи муосир таҷҳизонида, барномаҳои самараноки хизматрасониҳои молиявиро ба аҳолии камбизоату қашшоқ кор карда баромаданд. Маҳз ҳамин гурӯҳи ташкилотҳои маблағгузории хурд ба таври босубот ба омӯзиши проблемаҳо, таҳлили онҳо ва расонидани хизматрасониҳои молиявӣ ба аҳолии камбизоат машғул гардиданд. Бинобар ин, чунин гурӯҳи ташкилотҳои ғайридавлатиро, ки хизматрасониҳои молиявиро барои дигар ташкилотҳои маблағгузории хурд ва аҳоли камбизоату қашшоқ анҷом медиҳанд, институтҳои маблағгузории хурд меноманд.

Дар баробари онҳо ташкилотҳои дигари пешниҳодкунандаи қарзҳои хурд низ амал мекунанд. Аммо дар бештари мавридҳо қарзҳои хурди онҳо ба аҳолии камбизоату қашшоқ нигаронида нашудааст. Масалан, дар шароити имрӯза қисми зиёди бонкҳои тиҷоратӣ намудҳои зиёди хизматрасониҳои маблағгузории хурдро анҷом медиҳанд. Аз ин рӯ, аз нигоҳи тараққиёти ояндаи ин муассисаҳо, ки шояд ягон қисмати аҳоли камбизоату қашшоқ аз хизматрасониҳои молиявии онҳо баҳравар гарданд, ин муассисаҳову ташкилотҳоро низ ба институтҳои маблағгузории хурд дохил мекунанд.

Институтҳои маблағгузории хурд аз ташкилотҳои ғайридавлатии молиявӣ бо шумораи зиёди мизоҷонашон метавонанд фарқ кунанд. Институтҳои маблағгузории хурд ҳамчун ташкилот аз ҷузъҳои зиёде таркиб ёфтаанд.

Унсурҳои асоси мазмуни фаъолияти институтҳои маблағгузории хурд инҳо баҳисоб мераванд: -муқаддимаи кор, мақсад ва фалсафаи мазмуни фаъолият; -менеҷмент, аз ҷумла менеҷерони сохторҳои филияалҳо;-низоми технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ;-асоси захираҳои инсонӣ;-манбаъҳо захираҳои молиявӣ; -инфрасохтор – биноҳо, нақлиёт, коммуникатсия ва ғ.;-маҳсулот ва хизматрасонӣ; методология ва инструментҳо;-шабакаи филиалҳо; низоми расонидани хизматҳо (хизматрасониҳо) – шабакаи марказҳо, бонкҳо, нозирон ва ғ.;-низоми назорати дохилӣ. Дар миёни қисматҳои гуногуни унсурҳои институтҳои маблағгузории хурд аз ҳама муҳимтаринашон фалсафаи фаъолияту эътибори онҳо ба шумор мераванд. Ин унсур ба тарзи кор, принсипҳои фаъолияти институтҳои маблағгузории хурд таъсири бевосита мерасонанд. Зеро, агар фалсафаи фаъолияти оғознамудаатонро дуруст муаррифӣ карда натавонед, он гоҳ дар фаъолияти кории шумо ҳодисаҳое рух медиҳанд, ки дар ниҳояти кор ба обрӯю эътибори шумо таъсири манфӣ мерасонанд. Масалан, дар яке аз шаҳрҳои ҷануби Филиппин як нафар рӯҳонӣ ташкилоти ғайридавлитиеро барои мусоидат намудан ба беҳтаргардонии вазъи иҷтимоии аҳолии қашшоқи шаҳр созмон медиҳад. Ин ташкилот барои ҷамъияти қашшоқу камбизоат либосворӣ, хӯрока ва доруворӣ ёрӣ мерасонид. Баъди чандин соли фаъолияташ ташкилоти ғайридавлатии мазкур дар ҳайати худ кооперативи қарзиро созмон медиҳад. Аммо баъди як муддати муайяни фаъолияти кооперативи қарзӣ маълум гардид, ки мизоҷон аз рӯи қарзҳои худ пардохтро анҷом намедиҳанд ва ҳамчунин соири мизоҷон қарзҳои худро барнагардонидаанд. CARE Филиппин ин ҳолатро тадқиқ намуда, ба хулосае омад, ки худи ҳайати кооператив барои баргардонидану пардохти қарзҳои хурди худ сахтгирӣ накарданд. Баъди равшанӣ андохтан ба ин масъала низ кооператив фалсафаи фаъолият ва тарзи корбарии худро тағйир надод. Дар

ниҳояти кор кооперативи қарзии номбурда муфлис гардид.[41] Чунин мисолҳо дар фаъолияти имрӯзаи муассисаҳои маблағгузории хурд зиёданд.

Аз ин рӯ, институтҳои маблағгузории хурд барои эътибори худро нигоҳ доштан бояд фалсафаи фаъолияти худро пурқувват намоянд. Махсусан, институтҳои маблағгузории хурд дар бахши додани қарзҳои хурд, баргардонидани онҳо, пардохти фоизи қарзҳо бояд боэҳтиётона ва ҷиддӣ рафтор намоянд. Онҳо бояд худро чунон муаррифӣ намоянд, ки дар ҳақиқат як ташкилоти бообрӯву боэътибор дар бизнеси маблағгузории хурд ҳастанд, ки он як шакли фаъолияти бонкӣ ба шумор меравад ва расидан ба ин мақсад яке аз вазифаҳои ниҳоии институтҳои маблағгузории хурд мебошад. Аз ин рӯ, эътибор ва фалсафаи фаъолият яке аз унсурҳои муҳимтарини ташаккулёбӣ ва равнақи институтҳои маблағгузории хурд ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, низоми маблағгузории хурд дар марҳилаи кунунии тараққиёти иқтисодиёти муосир дар зинаи ташаккулёбию тараққиёт қарор дорад. Тавре ки дар мисолҳои боло нишон додем, дар шароити имрӯза қисмати калони муассисаҳои маблағгузории хурд аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқӣ ҳамчун муассисаҳои рейтингашон баланд шинохта шудаанд. Ин далели равшани тараққиёти раванди маблағгузории хурд мебошад. Аз ҷониби дигар, дар қисмати зиёди давлатҳои рӯ ба тараққӣ муассисаҳои маблағгузории хурд дар марҳилаи ташаккулёбию инкишоф қарор доранд.

Коршиносони СММ бар он ақидаанд, ки барои ба компоненти босуботи низоми молиявӣ табдил додани маблағгузории хурд кӯшиш ба харҷ додан лозим аст. Ва яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи тараққиёти босуботи маблағгузории хурд маҳдудияти имкониятҳои институтсионалӣ ва ташкилӣ-техникии муассисаҳои маблағгузории хурди чакана ба шумор меравaнд. Самаранокии нопурра дар низоми идоракунӣ-ахборӣ ва банақшагирии стратегӣ, хароҷоти баланди эксплуататсионии ин муассисаҳо далели равшани ин гуфтаҳо мебошанд. Ғайр аз ин, алҳол шумораи ташкилотҳое, ки дар ин дараҷа нигоҳдории боэътимоди пасандозҳои аҳолии камбизоату қашшоқро

[41] CARA Philippines, MAP, 1995. -55с.

таъмин мекунанд ва пасандозҳои дохилиро самаранок истифода менамоянд, хело кам ҳастанд. Дар ин радиф, ба фикри муҳаққиқон (Огенесян Г., Зыкова Т., Кларисс М.)-и ин мавзуъ розӣ шудан лозим меояд, зеро онҳо қайд мекунанд, ки ҳарчанд дар самти босуботии раванди маблағгузории хурд чорабиниҳои зиёдеро анҷом додан ва проблемаҳои мухталифро ҳал кардан лозим аст, аммо аз хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд бархӯрдор гардонидани аҳолии камбизоату қашшоқ мунтазам ба ҳақиқати воқеӣ табдил ёфта истодааст.[42]

Раванди маблағгузории хурд як падидаи муҳими дорои аҳамияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар ҳаёти ҷомеаи башарӣ ба шумор меравад. Чун дигар падидаҳои иқтисодӣ маблағгузории хурд низ моҳияту принсипҳои асосии фаъолияти худро дорад.

Таҳқиқу таҳлиди маводи дастрасшуда ба мо имкон дод, ки назари олимони дар ин самт таҳқиқотбурдаро, аз ҷумла: Кристен Р.П., Лайман Т.Р., Розенгбер Р.[43], М.В. Мамута Д.А.Таджибаева, У.А. Бурҳонов, Машрапова Н.У., Назаров Т.Н., Шариф Раҳимзода, Ҳикматов У.С., А.Ҷабборов, Тағоев Ҷ. ва дигаронро мавриди баррасӣ қарор диҳем. Дар заминаи омӯзишу таҳлилҳо мо кӯшиш намудем, ки принсипҳои асосии фаъолияти маблағгузории хурдро ошкор ва пешниҳоди муҳаққиқони ояндаи ин мавзуъ намоем.

Аз ин рӯ, принсипҳои асосии маблағгузории хурдро ба тариқи мухтасар дар нуқтаҳои зерин ҷамъбаст намудем:

1. Маблағгузории хурд механизми пурқуввати мубориза бар зидди камбизоатӣ. Дастрас гардидани аҳолии камбизоат ва қашшоқ аз хизматрасониҳои молиявӣ боиси он мегардад, ки ин табақоти аҳолӣ барои афзунгардии даромадҳои худ, бунёди базаи активҳояшон ва муҳофизати

[42] Оганесян Г. Зарубежный опыт развития микрокредитования/Проблемы развития микрофинансирование в России: сб.науч.трудов.-М.: Финансовый университет, 2011.-С.79-83

[43] Кристен Р.П.,Лайман Т.Р., Розенгбер Р.Положения по анализу микрофинансирования: Руководящие принципы регулирование и надзора в секторе микрофинансирования.Вашингтон, Округ Колумбия: Консултативная группапоказания помощи беднейшим слоям населения/Группа Всемирного банка, 2003.-С.19-20.

хоҷагиҳои хонаводагиашон аз таъсири манфии омилҳои беруна имконият пайдо менамоянд.

2. Маблағгузории хурд бунёди низоми молиявии самаранокро барои аҳолии камбизоат дар назар дорад. Аҳолии камбизоату қашшоқ қисмати зиёди аҳолии давлатҳои рӯ ба тараққиро ташкил медиҳанд ва ин табақоти аҳолӣ то ҳол аз хизматрасониҳои молиявии институтҳои молиявии расман эътирофшуда ба таври бояду шояд бархӯрдор нестанд. Дар бештари давлатҳо маблағгузории хурдро ҳамчун ғамхориҳои давлат, сармоядорон ва инвесторҳои иҷтимоӣ барои тараққиёти ҷамъият қабул мекунанд. Аз ин рӯ, ба мақсади баландбардории нерӯ ва фарогири доираҳои васеи аҳолии камбизоату қашшоқ маблағгузории хурд бояд ба унсури ҷудонашавандаи сектори молиявӣ табдил ёбад.

3. Маблағгузории хурд воситаи универсалӣ нест, ки ҳама проблемаҳоро дар ҳама ҳолату вазъият ҳал намояд. Одамони бенаво, гурусна ва онҳое, ки дар ягон ҷой кор намекунанд ва қобилияти пардохту баргардонидани қарзҳоро надоранд, ба дигар шаклҳои дастгирӣ мӯҳтоҷанд. Дар бештари ҳолатҳо грантҳои хурд, такмили инфрасохтори иҷтимоӣ, бозори кортаъминкунӣ, барномаҳои омӯзишии касбҳои нав ва дигар хизматрасониҳои ғайримолиявӣ метавонанд ба олотҳои муҳими пастгардонии сатҳи камбизоатӣ ва решакан кардани қашшоқӣ табдил ёбанд.

4. Маҳдудияти фоизи меъёри қарзӣ метавонад ба дастрас гардидани аҳолии камбизоат ба хизматрасониҳои молиявӣ монеъ гардад. Зеро расонидани хизматрасониҳои қарзӣ барои шумораи зиёди қарзхоҳон аз оилаҳои камбағал барои ташкилотҳои маблағгузории хурд хароҷоти гарон мебошад. Аз ин рӯ, агар ставкаи фоизи қарзҳои онҳо нисбати фоизи миёнаи ставкаи қарзи бонкҳо зиёд набошад, онҳо хароҷоти худро рупӯш карда наметавонанд. Дар ин ҳолат рушд ва худхаридкунии онҳо асири субсидияҳо ва молиякунонии фондҳои гуногуни давлатию ғайридавлатӣ мегардад. Дар навбати худ, ташкилотҳои маблағгузории хурд низ амалиётҳои ғайрисамараноки худро ба души мизоҷон набояд бор кунанд.

5. Дастгириҳои махсуси давлат аз фаъолияти институтҳои муайяншудаи маблағгузории хурд дар он айён меёбад, ки давлат зимни мусоидат намудан ба рушду равнақи онҳо зиёдтар фоида мебинад. Давлат ба бунёди муҳити мусоид, ки ба тараққиёти хизматрасониҳои молиявӣ мувофиқат намуда, пасандозҳои аҳолии камбизоатро ҳифз менамояд, хело ҳам накши муҳимро мебозад. Масалан, дар ҳолати муътадил нигоҳ доштани вазъи макроиқтисодӣ, даст кашидан аз маҳдудкунии ставкаи фоизи қарзҳо, роҳ надодани барномаҳои қарзҳои хусусияти субсидиявидошта дар бозори молиявӣ-қарзӣ, аз зумраи чорабиниҳои мусоидати давлат ба фаъолияти институти маблағгузории хурд ба шумор меравaнд. Танҳо дар ҳолатҳои зарурӣ давлат метавонад фаъолияти ташкилотҳои мустақилу босуботи маблағгузории хурдро молиягузорӣ кунад.

6. Субсидияҳои донорҳо (сарпарастҳо) бояд сармояи сектори хусусиро пурра кунад, на ин ки бо мақсади рақобат ба он ворид гардад. Яъне аз воситаҳои қарздиҳӣ ва сармоягузорӣ истифода намуда, ба васеъшавии имконоти фаъолиятии муассисаҳои маблағгузории хурд мусоидат намоянд, соҳаҳои инфрасохтории (бюрои кредитӣ, компанияҳои аудитӣ, агентии рейтингӣ ва ғ.) ин бахшро тараққӣ диҳанд ва хизматрасониҳои маҳсулоти экспериментали (озмоишӣ)-ро дар ин бахш дастгирӣ намоянд.

7. Дақиқӣ ва равшании ахборот оид ба фарогири аҳолии камбизоату қашшоқ аз ҷониби институтҳои маблағгузории хурд аҳамияти муҳимро доро мебошад. Ахбороту маълумоти дақиқ ва стандартикунонидашуда оид ба нишондиҳандаҳои молиявӣ ва иҷтимоии муассисаҳои микромолиявие, ки ба аҳолии камбизоату қашшоқ хизмат мерасонанд, омили зарурии фаъолияти онҳо ба шумор меравaнд. Зеро дар ин маълумот ҷонибҳои мусбию манфии фаъолияти муассисаҳои маблағгузории хурд инъикос меёбанд. Ин маълумот барои органҳои танзимкунандаи фаъолияти муассисаҳои маблағгузории хурд, барои донору инвесторҳо ва аз ҳама муҳимаш барои аҳолии камбизоату қашшоқ, ки мизоҷони ин миёнаравҳои молиявӣ мебошанд, хеле зарур аст.

Ҳамин тавр, дар ин зербоб оид ба хусусиятҳо ва принсипҳои маблағгузории хурд чунин хулосагирӣ намудем.

1. Барои амалӣ гардонидани ҳадафҳои тараққиёти Декларатсияи ҳазорсола ташкилотҳои маблағгузории хурд нақши муҳимро мебозанд. Махсусан, дар бахши паст кардани сатҳи қашшоқӣ, хизмату фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд шоёни дастгирӣ мебошанд. Вобаста аз ин самтҳои фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ба ҳадафҳои тараққиёти Декларатсияи ҳазорсола нигаронида шудаанд.

2. Ҷомеаи ҷаҳонӣ низ дар асоси таҳлилу тадқиқи натиҷаҳои фаъолияти онҳо, ташкилоту муассисаҳои маблағгузории хурдро ҳамчун як ҷузъи зарурӣ дар ин мубориза бар зидди қашшоқию паст намудани сатҳи камбизоатӣ қабул дорад. Ва имрӯзҳо онҳо дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмиллалӣ барои решакан намудани қашшоқӣ дар кураи замин фаъолият намуда истодаанд.

3. Дар ин замина омӯзиши хусусиятҳои маблағгузории хурд аз аҳамият холӣ нест, зеро хусусиятҳои ҳар як падидаи нави иқтисодӣ дар навбати худ муаррифгари паҳлуҳои мусбию манфии он маҳсуб меёбанд. Мо зимни таҳқиқотҳои худ як зумра хусусиятҳои маблағгузории хурдро ошкор намудем, ки муҳимтарини онҳоро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст: а) Хусусиятҳои функсионалӣ ё худ вазифавии маблағгузории хурд; б) хусусиятҳои хоси хизматрасониҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд; в) Хусусияти молиякунонии ташаккулу равнақи ташкилотҳои маблағгузории хурд аз ҷониби ташкилотҳо ва созмонҳои байналхалқӣ; г) Хусусияти симбиози маблағгузории хурд (таҷассум намудани симбиози ҳадафҳои иҷтимоӣ ва самараи тиҷоратӣ).

### 1.3. Методикаҳои маблағгузории хурд ва фарогирии аҳолии камбизоат

Дар шароити кунунии тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳони муосир институтҳои маблағгузории хурд аз методикаи мухталиф истифода менамоянд. Гарчанде фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар

мавриди қарздиҳӣ бо фаъолияти бонкҳо монанд аст, аммо фалсафаи фаъолияти маблағгузории хурд аз бонкҳо фарқ мекунад. Яъне аз рӯи асосҳои ғоявӣ ин ду институти молиявӣ бо мақсадҳои худ фарқ мекунанд, ки мо дар зербобҳои боло онҳоро аниқ намудем. Аз ин рӯ, методологияи ин ду институти молиявӣ равишҳои ба худ хосро доро мебошанд. Дар мавриди ташкилотҳои маблағгузории хурд методологияи маблағгузории хурд ин пакети амалиётҳо, қоидаҳо, каналҳо, чараёнҳо ва усулҳое мебошад, ки дар раванди хизматрасониҳои молиявӣ ба мизоҷон истифода бурда мешаванд. Чунин нуқтаи назар дар асарҳои тарҷумашудаи олимони хориҷӣ ба монанди Адамс Ричард Х., Джон Пейдж, Ван Гройнинг, Хенни, Хозелито Галлардо, Бикки Рандхава, Кристен Роберт Пек, Ричард Розенберг, Вина Джайлдева, Карлос А., Шилендр Х.С., Харпер М. қайд шудааст, ки мо онҳоро дар рӯхати адабиёт овардаем.[44] Ҳамчунин, олимони ИДМ ва олимони ватанӣ (М.В. Мамута Д.А.Таджибаева, У.А. Бурҳонов, Машрапова Н.У., Ҳикматов У.С., А.Ҷабборов ва диг.) оид ба методикаҳои мазкур дар асарҳои илмии худ қайдҳо ва хулосабарориҳо анҷом додаанд, ки мо дар мавридҳои зарурӣ аз онҳо иқтибосҳо овардаем. Мавҷудияти методикаҳои маблағгузории хурд яке аз шартҳои муҳими расонидани хизматрасониҳои молиявӣ ба аҳолии камбизоат ба шумор меравад. Зеро маҳз тавассути ҳамин гуна пакетҳои амалиётҳо, қоидаҳо, каналҳо, ҷараёнҳо ва усулҳо хизматрасониҳои молиявии донорҳои асосӣ то ба аҳолии камбизоату қашшоқ рафта мерасанд. Масалан, ба сифати каналҳои расонидани хизматрасониҳои молиявии донорҳои асосӣ ба аҳолии камбизоату қашшоқ ташкилотҳои ғайридавлатӣ, кооперативҳои қарзӣ ва бонкҳо баромад карда метавонанд.

Дар намуди нақшавӣ онҳоро чунин тасвир ва арзёбӣ намудан мумкин аст. Нигаред ба ҷадвали 1.3.1.

---

[44] Ван Гройнинг, Хенни, Хозелито Галлардо и Бикки Рандхава. Структура регулирования микрофинансовых организаций.Отчет Департамента развития финансового сектора. Вашингтон, Округ Колумбия: Всемирный банк, декабрь 1998.-198с.

**Ҷадвали 1.3.1.- Методикаҳои паҳншудаи маблағгузории хурд**

| № б/т | Навъи методика маблағгузории хурд | Минтақаи истифодашавӣ |
|---|---|---|
| 1. | Қарзҳои инфиродӣ | Дар ҳама давлатҳо |
| 2. | Модели Громин Бонк | Бангладеш |
| 3. | Модели гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ | Ҳиндустон |
| 4. | Қарзҳои гурӯҳҳои масъулияти муштарак | Америкои лотинӣ |
| 5. | Модели гурӯҳҳои кооперативӣ | Дар ҳама давлатҳо |
| 6. | Модели Бонкҳои кишоварзӣ | Америкои лотинӣ |
| 7. | Модели Бонкҳои давлатии маблағгузории хурд | Индонезия, Таиланд, Малайзия |
| 8. | Модели лоиҳаҳои қарзӣ | Давлатҳои Осиё |
| 9. | Модели қарздиҳии мустақим тавассути бонкҳои тиҷоратӣ | Дар ҳама давлатҳо |
| 10 | Модели қарздиҳии яклухт | Ҳиндустон, Қирғизистон, Тоҷикистон |
| 11 | Модели қарзҳои чаканаи бо ҳамдигар алоқаманд | Ҳиндустон |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маводи таҳлилшуда

Методикаҳои нисбатан васеъ паҳншудаи маблағгузории хурд инҳоянд:

- қарзҳои инфиродӣ;
- модели Громин Бонк;
- қарзҳои гурӯҳҳои масъулияти муштарак;
- модели гурӯҳҳои кооперативӣ;
- модели Бонкҳои кишоварзӣ;
- модели гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ.[45]

Дар таҷрибаи амалии маблағгузории хурд кулли ин методикаҳоро ба ду навъ ҷудо мекунанд:

- методикаҳои қарздиҳии индивидуалӣ (инфиродӣ) ба аҳолии камбизоат;
- методикаҳое, ки дар онҳо зимни қарздиҳӣ принсипҳои баробарҳуқуқӣ риоя карда мешаванд.

Методикаи инфиродии қарздиҳӣ ба аҳолии камбизоату қашшоқ аз таҷрибаи бонкҳои тиҷоратӣ ва кооперативҳои қарзӣ гирифта шудааст. [46]

[45] Marguerite S. Robinson. The Microfinance Revolution – Volume 2: Lessons from Indonesia. The World Bank, Washington, D.C. Open society institute, New York, 2002 – P.32

Дар ин мавридҳо одатан ба қарзгирандагони инфиродӣ маблағҳои калон ва нисбатан калони қарзро дода мешаванд. Зимни чунин намуди қарздиҳӣ қарзгирандаи инфиродиро лозим аст, ки ягон намуди амволро ба гарав монад, ё ин ки ягон кафиле дар назди қарздиҳанда ба шахси қобили пардохт будани ӯ кафолат диҳад. Ба гарав молу мулки замин, хона, мошин, механизм ва дигар активҳои арзишнок мансуб буда метавонанд. Чун қоида ин намуди қарздиҳӣ ба таҳлили пурраи босуботии бизнеси молияшаванда асос меёбад. Ин навъи методика ҳоло ҳам муҳимияти худро гум накардааст ва дар таҷрибаи кооперативҳои қарзӣ, бонкҳои кишоварзӣ ва институтҳои маблағгузории хурд ба таври васеъ истифода бурда мешаванд.

Навъи методикаҳое, ки дар онҳо зимни қарзгирӣ принсипҳои баробарҳуқуқӣ риоя карда мешаванд, асосан аз солҳои 1970 арзи вуҷуд намуданд.[47] Алҳол моделҳои зиёди ин навъи методикаи қарздиҳӣ дар минтақаҳои гуногуни дунё истифода бурда мешаванд. Хусусиятҳои умумии ҳамаи моделҳои ин навъи методикаи қарздиҳӣ инҳоянд:

- функсияи интихоби мизоҷон ва гузаронидани таҳлили босуботи бизнеси молияшаванда ба худи қарзгирандагон дода шудааст;
- аъзоёни гурӯҳҳои қарзгиранда масъалаи қабули аъзоёни навро ба гурӯҳ дар асоси баробарҳуқуқӣ ҳал менамоянд;
- барои қарз гирифтани яке аз аъзоёни гурӯҳ дигар аъзоёни гурӯҳ кафолат медиҳанд;
- таҳлили истифодаи ин қарзҳо нисбатан вақти минималиро тақозо мекунад. Зеро ин намуди қарзҳо маблағҳои пулии нисбатан хурд буда, муҳлати баргардонидани онҳо хело кам аст. Ин гурӯҳҳои қарзгирандагон метавонанд суммаи маблағҳои қарзии худро

[46] Лелар М. Развитие неформальных финансовых систем и его влияние на финансовые системы.Сер.2.Экономика:РЖ/РАНИНИОН-М.,2004.С135-139.
[47] Мамута М. Микрофинансирование – в массы – www.bishelp.spb.ru (25.03.2005) UA «Алянс-Медиа».

тадриҷан (баъди ҳар навбати баргардонидани қарзҳои гирифтаашон) афзун гардонанд;

- кормандони чунин барномаҳои қарзӣ ба шумораи зиёди мизоҷон сару кор доранд ва ҳатто дар масофаҳои нисбатан дур низ бо онҳо ҳамкорӣ мекунанд;

Унсури асосии фарққунандаи ин навъи методикаи қарздиҳӣ аз навъи методикаи инфиродӣ кафолати гурӯҳӣ ё баробарҳуқуқӣ барои қарзи гирифташуда мебошад. Зимни истифодаи методикаи инфиродии қарздиҳӣ ин унсур вуҷуд надорад. Дар шароити имрӯза моделҳои зиёди қарздиҳӣ тавассути методикаи номбурда дар ташкилоту муассисаҳои маблағгузории хурд истифода бурда мешаванд[48]: а) модели Громин Бонк, ки профессор Юнус дар ибтидои солҳои 1970-ум кор карда буд ва алҳол дар Бангладеш модели бартаридошта ба ҳисоб меравад; б) модели гурӯҳҳои масъулияти муштаракдошта, ки дар Амрикои Лотинӣ бартарӣ дорад; в) модели гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ, ки дар Ҳиндустон бартарӣ дорад; г) модели бонкҳои кишоварзӣ, ки FINCA, CRS ва дигар ташкилотҳои ғайридавлатӣ истифода менамоянд. Нуқтаҳои муҳимтарини баъзе аз ин моделҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем.

**Модели гурӯҳҳои ёрмандиҳои байниҳамдигарӣ.**[49] Консепсия (ғоя)-и гурӯҳҳои ёрмандиҳои байниҳамдигарӣ дар натиҷаи омӯзиши фаъолияту талаботҳои хоҷагиҳои хонаводагии камбизоат ва қашшоқ ба вуҷуд омадааст. Таҳлили талаботҳои табақоти аҳолии камбизоату қашшоқ ба маблағҳои қарзӣ нишон медиҳад, ки онҳо бештар ба қарзҳои хурд эҳтиёҷ доранд ва қарзҳои хурд ба онҳо чандин маротиба лозим мешаванд. Ҳамчунин маълум гардид, ки ин маблағҳои қарзиро онҳо асосан барои талаботҳои истеъмолии худ истифода менамоянд. Дар ҳолати пайдоиши

---

[48] Усокин М.М. Микрофинансы за рубежом:опыт, методы, институты//Банковское кредитование.- 2010.-№3.-С99-111.

[49] Карлос А., Шилендр Х.С., Харпер М. Руководство по курсу «Микрофинансирование». Концепция, практика и руководство финансовым посредничеством для бедных слоев населения. – г. Ананд (Гуджарат), Индия, 2002г.- С.34-51.

чунин талаботҳои қарзӣ онҳо мехостанд, ки маблағи қарзии заруриро ҳарчӣ зудтар дастрас намоянд. Аммо муассисаҳои молиявии расмӣ дар аксари ҳолатҳо чунин талаботи аҳолии камбизоату қашшоқро қонеъ намегардониданд, чунки бонкҳо стандартикунонии хароҷот ва баҳодиҳии маблағҳои қарзҳои додашавандаро тақозо менамоянд. Бинобар ин, дар бештари ҳолатҳо талаботи қарзии аҳолии қамбизоату қашшоқ қонеъ гардонида намешуданд. Аз ин рӯ, муассисаҳои маблағгузории хурд дар маҳаллоти деҳот ба ташкили гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ мусоидат намуданд. Гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ асосан гурӯҳҳои ғайрирасмӣ ба шумор мераванд. Аъзоёни ин гурӯҳҳо пасандозҳои худро ҷамъ намуда, маблағҳои андӯхташудаоро ба аъзоёни худи гурӯҳ вобаста аз талаботи онҳо ба воситаи пулӣ қарз медиҳанд. Қисмати зиёди ин гурӯҳҳо дар атрофи ягон намуди конкретии фаъолияти истеҳсолӣ ба вуҷуд омаданд, ки мақсади асосиашон бунёди шароитҳои мусоид барои кору фаъолияти аъзоёни гурӯҳ ба шумор меравад. Яъне, ин гурӯҳҳо дар асоси пасандозҳои аъзоёни гурӯҳ ва маблағҳои қарзии муассисаҳои маблағгузории хурд фаъолияти худро оғоз намуда, талаботи дар ҳолатҳои фавқуллода зуҳурнамудаи аъзоёни гурӯҳ ва инчунин талаботи истеъмолии онҳоро бо маблағҳои қарзӣ қонеъ мегардонанд. Барои аҳолии камбизоату қашшоқ самаранокии ин модели маблағгузории хурд дар он зуҳур мекунад, ки он камхарҷ, оддӣ, чандир ва ба таври максималӣ ба табиати одамон наздик аст. Вобаста аз ҷойгиршавии маҳаллоти деҳот, шароитҳои он ва талаботи аъзоёни гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ онҳо методҳои кори худро кор карда баромаданд. Баъзе хусусиятҳои амалкарди гурӯҳҳои мазкурро пешниҳод менамоем:

- гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ, одатан, фонди умумӣ бунёд месозанд ва ба он мунтазам аз рӯи тартиби муқарраршуда як ҳиссаи пасандозҳои худро ирсол менамоянд;

- қисмати зиёди гурӯҳҳо мустақилона ё бо ёрии ташкилотҳои ғайридавлатӣ бо таври демократӣ низоми чандири кор ва идоракунии захираҳои молиявии муттаҳиднамудаашонро ба роҳ монда, ҳар як аъзои гурӯҳро барои қабули қарорҳои ба фаъолияти гурӯҳ дахлдор ҷалб мекунанд;
- дархости қарзиро аъзоёни гурӯҳ дар вохӯриҳои даврии худ дида мебароянд. Аризаи маҳдудияти захираҳои молиявӣ ва гирифтани қарзҳо аз институтҳои маблағгузории хурд бо розигии ҳамаи аъзоёни гурӯҳ ҳаллу фасл мегардад;
- қарз дар асоси боварӣ бо миқдори минималии ҳуҷҷатгузориҳо бидуни ягон намуди гарав дода мешавад;
- маблағи қарзҳои додашаванда хеле хурд буда, муҳлаташон кӯтоҳ аст ва ин қарзҳо муттасил дода мешаванд;
- қарзҳо барои мақсадҳои гуногун дода мешаванд;
- миқдори фоизи қарзҳо дар гурӯҳҳои гуногун фарқ мекунанд. Ҳатто миқдори фоизи қарзҳои як гурӯҳ вобаста аз мақсадҳои истифодашавиашон фарқ мекунанд.
- Пардохт нашудани аъзоҳақиҳо ва ё бозгашт нашудани қарзҳои додашуда дар муҳлатҳои муқарраршуда хело кам ба вуқуъ мепайванданд.

Дар ин радиф, муҳаққиқони ин методика принсипҳои асосии кори гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигариро муайян намуданд, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

- гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ ин гурӯҳи одамон мебошанд, ки аз рӯи мавқеи ҷойгиршавиашон, намуд ва андозаи фаъолияташон, дараҷаи даромадашон, сатҳи зиндагиашон ва аломатҳои ҷинсиашон ба якдигар монанданд;
- гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ қоидаву меъёрҳои пешбурди фаъолияти худро доро мебошанд;

- гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ ҳисоббаробаркуниҳои хело ҳам оддиро дар фаъолияти худ истифода менамоянд;
- роҳбарони гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигариро аъзоёни гурӯҳ дар ҳар як даври фаъолияташон интихоб мекунанд;
- шаффофӣ дар кори гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ, қабули муштараки қарорҳо ба тақсими баробари фоида байни аъзоёни гурӯҳҳо кафолат медиҳад;
- гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ ба аъзоёни гурӯҳҳо қарзро дар асоси боварӣ, бидуни ягон намуди гарав медиҳанд;
- гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ барои қарзҳои гирифтаи аъзоёнаш масъулиятдор мебошад;
- агар талаботи гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ аз маблағҳои аз ҳисоби пасандозҳояшон андӯхташуда зиёд бошад, он гоҳ гурӯҳҳо маблағҳои заруриро аз муассисаҳои маблағгузории хурд қарз мегиранд;
- агар гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ маблағҳои аз ҳисоби пасандозҳо андӯхтаи худро истифода бурдан нахоҳанд, дар ин маврид онҳо метавонанд, ин маблағҳои андӯхтаи худро дар ягон бонк нигоҳ доранд.

Ҷараёни ташкили гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ ва барқарор намудани алоқаҳо миёни аъзоёни он кори мушкил буда, сабабҳои ба худ хос дорад. Ҳалли ин мушкилоти онҳо вақт ва хароҷоти зиёдро талаб мекунад. Барои ин ташкилотҳои ихтиёрии махсусгардонидашудае зарур мебошанд, ки дар ихтиёри худ захираҳои инсонӣ, яъне кадрҳои баландихтисос доранд. Аз ин рӯ, дар таҷрибаи амалии ташкили гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ асосан се модели нисбатан васеъ паҳншударо истифода менамоянд:

**Модели 1. Бонк — ГЁБ (гурӯҳи ёрии байниҳамдигарӣ) — аъзоёни гурӯҳ.** Мувофиқи ин модел Бонк ба сифати ташкилотҳо мусоидаткунанда барои ташкили гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ баромад мекунад. Яъне бонк ташаббус нишон дода, гурӯҳҳои ёрии

байниҳамдигариро ташкил медиҳад ва онҳоро як муддат дастгирӣ менамояд. Вақте боварӣ ҳосил мекунад, ки онҳо мустақилона фаъолият карда метавонанд, ба онҳо маблағҳои пулӣ қарз медиҳад.

**Модели 2. Бонк — Ташкилоти ғайридавлатӣ — ГЁБ — аъзоёни гурӯҳ.** Мувофиқи ин модел, сараввал ташкилоти ғайридавлатӣ ташкил меёбанд. Ин ташкилотҳо аъзоёни гурӯҳро дарёфта, онҳоро дастгирӣ мекунанд ва меомӯзанд. Бо дастгирии ташкилоти ғайридавлатӣ (ё худ миёнаравҳои молиявӣ) гурӯҳҳо ташаккул ёфта, фаъолияти худро оғоз мекунанд. Баъдан, Бонк ба гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ қарз медиҳад. Дар ин модел ташкилоти ғайридавлатӣ нақши асосиро мебозад. Зеро то иштироки бонкҳо ин ташкилотҳои ғайридавлатӣ қариб тамоми корҳои мушкилро оиди ташкили гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ анҷом медиҳанд.

**Модели 3. Бонк — Ташкилоти ғайридавлатӣ — институтҳои маблағгузории хурд — ГЁБ — аъзоёни гурӯҳ.** Ин модел ба модели 2 монанд аст, танҳо фарқият дар он аст, ки дар ин ҷо институтҳои маблағгузории хурд ба сифати миёнаравҳои молиявӣ миёни бонкҳо ва ГЁБ баромад мекунанд. Дар баъзе ҳолатҳо ташкилотҳои ғайридавлатӣ ҳам нақши ташкилкунандаи гурӯҳҳо ва ҳам нақши миёнаравҳои молиявиро анҷом медиҳанд.

Ҳамин тариқ, мо дар ин қисмат яке аз методикаҳои маблағгузории хурдро дида баромадем. Ва чи тавре дар боло қайд кардем, ҳар як методикаи маблағгузории хурд дар ягон давлати рӯ ба тараққӣ бартарӣ дорад. Ва ҳар як методикаи маблағгузории хурд ҷонибҳои мусбӣ ва манфии худро дорост. Дар Ҳиндустон методҳои дигари маблағгузории хурд, ки дар ҷадвали 2 нишон додем низ истифода бурда мешаванд ва самаранокии хуб низ медиҳанд. Масалан, 3/4 мизоҷони ташкилоти маблағгузории хурди ShARE дар ин давлат вазъи зиндагии худро беҳтар гардониданд ва нисфи онҳо бошанд, аз қашшоқӣ раҳоӣ ёфтанд. Ҳамчунин, дар ин давлат мувофиқи маълумоти Маркази фарогирии

молиявии аҳолӣ дар Ҳиндустон дар ду даҳсолаи охир ин ҷараён рушд карда ба зинаҳои сифатан нав баромадааст. Махсусан, дар доираи лоиҳаи сармоягузорӣ (financial Inchusion), ки аз ҷониби ҳамин марказ амали гардида истодааст, 150 млн нафар бо хизматрасониҳои маблағгузории хурд фаро гирифта шудаанд.[50]

**Модели маблағгузории хурди Громин Бонк.** Модели мазкур ба типи методикаи микромолиякуние мансуб дониста мешавад, ки дар он принсипи масъулияти муштарак риоя карда мешавад. Яъне тибқи ин типи методика маблағгузории хурд дар заминаи гурӯҳҳо сурат мегирад. Чи тавре ки қайд кардем, ин модели маблағгузории хурд асосан дар таҷрибаи маблағгузории хурди давлати Бангладеш бартарӣ дорад.[51] Ин моделро профессор Юнус дар ибтидои солҳои 1970-ум кор карда баромадааст. Дар оғоз фаъолияти гурӯҳҳои ин модели маблағгузории хурд ба тариқи зерин сурат мегирад. Институтҳои маблағгузории хурд ба мизоҷон пешниҳод менамояд, ки дар гурӯҳҳо ҷамъ шаванд. Ҳар як гурӯҳ 5-6 нафар аъзоро фаро мегирад. Институтҳои маблағгузории хурд дар навбати худ ба ин гурӯҳҳо бо ташкили «Марказ»-ҳо ёрӣ мерасонанд. Чунин «Марказ»-ҳо асосан 5-6 гурӯҳро фаро мегиранд. Баъдан, институтҳои маблағгузории хурд тафтиш карда мебароянд, ки оё дар ҳақиқат ҳама аъзоёни гурӯҳҳо шаҳрвандони камбизоат мебошанд. Ва ҳамчунин онҳо тафтиш мекунанд, ки дар миёни аъзоёни гурӯҳҳо алоқаҳои хешутаборӣ мавҷуд набошад. Аъзоёни гурӯҳҳо мунтазам ба институтҳои маблағгузории хурд як миқдор пасандозҳои худро интиқол менамоянд ва ҳамчунин мунтазам аз ин институтҳои маблағгузории хурд қарз мегиранд. Ҳар яки онҳо дар муассисаи маблағгузории хурди онҳоро фарогиранда пасандозҳои инфиродӣ ва суратҳисобҳои қарзии худро доранд. Вазифаи асосии ин гурӯҳҳо ва марказҳои ташкилшуда мусоидат

---

[50] Маркази фарогирии молиявии аҳолӣ дар Ҳиндустон [манбаи электронӣ]. URL: http//www/crap.org/p/site/c/templait.rs (санаи муроҷиат: 11.10.2022 г.)

[51] Эзрах Ю. Микрофинансирование в России в зеркале зарубежного опыта: конкуренция, эволюция, перспективы//общества и экономика.-2014.-№7-8.-С.75-99.

намудан ба тараққиёти раванди миёнаравҳои молиявӣ мебошад, ки тибқи иҷрои вазифаю супоришҳои зерин амалӣ гардонида мешаванд:

- гузаронидани вохӯриҳои мунтазами ҳарҳафтаина дар дараҷаи «Марказ»-ҳо, ки дар онҳо корманди институти маблағгузории хурд иштирок мекунад. Корманди муассисаи маблағгузории хурд аз болои фаъолияти «Марказ»-ҳо назорати доимӣ мебарад. Яъне ин корманд назорат мекунад, ки дар кадом гурӯҳ ба кадом миқдор пасандозҳои зарурӣ ва пардохти қарзҳо ҷамъоварӣ ва ба кормандони масъули муассисаи маблағгузории хурд супурда шудаанд;
- ташкили ҷамъоварии аъзоҳақиҳо дар як ё якчанд фонди пасандозҳои гурӯҳҳо, ки гурӯҳҳо дар ҳама ҳолатҳо аз онҳо истифода бурда метавонанд. Одатан ин фондҳо барои гурӯҳҳо бо розигии муассисаи маблағгузории хурд, ки суратҳисобҳои фондҳои гурӯҳҳоро хизматрасонӣ менамояд, ташкил карда мешаванд;
- кафолат барои гирифтани қарз ба он аъзоёни инфиродии гурӯҳҳо, ки барои қарзҳои гирифтаашон қоидаи масъулияти муштаракро қабул доранд ва ҳамчунин барои қарзҳои гирифтаашон дар назди аъзоёни гурӯҳ масъулиятро ба зиммаи худ мегиранд;
- афзун гардонидани маблағи фонди ҳолатҳои фавқуллодаи гурӯҳ ва дарки он, ки агар дигар аъзоёни гурӯҳ қарзҳои худро пардохт накунанд, аъзои гурӯҳ қарзи нав гирифта наметавонад;
- аъзоёни гурӯҳ саҳмҳои пасандозӣ ва пардохтҳои қарзии худро мунтазам ҳисобгирию назорат мекунанд.

Қобили қайд аст, ки модели гурӯҳҳои муассисаҳои маблағгузории хурди Громин Бонк барои бонк ва ҳам аъзоёни гурӯҳҳо ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии худро дорад. Баъзе аз онҳоро дида мебароем.

Ҷиҳатҳои мусбӣ барои мизоҷон (гурӯҳҳо ва аъзоёни онҳо):

- дараҷаи маълумоти аъзоёни гурӯҳ нақши муҳимро дар ташкили гурӯҳҳо ва ё «Марказ»-ҳо намебозад;

- заруriят ба ташаббуси шаҳрвандон нест, зеро худи муассисаҳои маблағгузории хурд ташаббускорони ташкил намудани гурӯҳҳо мебошанд;
- аъзоёни гурӯҳҳо аз истисмори дохилӣ ҳифз карда мешаванд;
- табақаҳои қашшоқи аҳолӣ ба назар гирифта мешаванд;
- дастгирии бонк ва муаассисаи маблағгузории хурд дар фаъолияти гурӯҳҳо ҷой дорад;

Бонк ва муассисаи маблағгузории хурд бо майлу хоҳиши мизоҷ (аъзоёни гурӯҳҳо) барои ӯ хизматрасониҳои молиявиро ба анҷом мерасонад.

Ҷиҳатҳои манфии методи Грамин Бонк барои мизоҷон (гурӯҳҳо ва аъзоёни онҳо) инҳо мебошанд:

- аъзоёни гурӯҳҳо зуд-зуд бояд вохӯранд;
- маҳдудияти озодӣ (мустақилият);
- аъзоёни гурӯҳҳо якдигарро назорат карда наметавонанд;
- фишороварӣ зимни гирифтани қарз ба назар мерасад;
- фоизи микдори қарзҳо тағйирёбанда мебошанд.

Ҷиҳатҳои мусбии ин модели маблағгузории хурд барои бонки сарпараст чунин арзёбӣ мегарданд:

- метавонад бо дигар моделҳои маблағгузории хурди амалкунанда муқовимат намояд;
- назорати қатъӣ;
- амалиётҳои стандартикунонидашуда;
- заруriят ба фондҳои пулиро пешбинӣ кардан мумкин аст;
- кадрҳои дараҷаи тахассусашон нисбатан пастро истифода бурдан мумкин аст.

Ҷиҳатҳои манфии ин модели маблағгузории хурд барои бонки сарпараст дар чунин нуктаҳо ҷамъбаст мегарданд:

- арзиши хароҷотҳои амалиётӣ баланд аст;

- иштирок ва танзими мунтазамро талаб мекунад;
- низоми муносибатҳои махсусгардонидашударо тақозо менамояд;
- тараққӣ ва тағйир додани ин модели маблағгузории хурд хело ҳам мушкил аст.

Дар ин маврид қайд кардан зарур аст, ки бо вуҷуди ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфиаш барои мизоҷон ва бонкҳои сарпараст модели маблағгузории хурди Громин Бонк барои ба мақсадҳои асосии маблағгузории хурд расидан шароитҳои мусоидро доро мебошад, ки онҳоро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

- одамони камбизоату қашшоқ хело ҳам зиёданд;
- имкониятҳои хеле ҳам васеъ барои оғози ягон намуди фаъолияти истеҳсолӣ ва ташкили микрокорхонаҳову корхонаҳои хурд мавҷуданд.

Громин бонкро Муҳаммад Юнус соли 1974 ҳамчун лоиҳаи донишгоҳӣ таъсис додаст. Соли 1976 он номи Громин бонкро гирифтааст. Расман соли 1983 таъсис ёфтааст. Аввалин лоиҳаи қарздиҳии хурди ӯ ба 27 доллар баробар буд, ки ба аҳолии деҳаи Ҷубра додаст. Дар айни замон ин бонк зиёда аз 2000 зерсохтори шӯъбавӣ ва зиёда аз 6,5 млн мизоҷ худро дорад ва дар давоми 30 сол ба маблағи зиёда аз 5,72 млрд доллар ба аҳолии камбизоату қашшоқ қарзҳои хурд додааст. Имрӯзҳо ба ҳисоби миёна як қарзи хурди ин муассисаи қарзи 170 долларро ташкил медиҳад. Умуман, қарзҳои хурд сабаб гардидаанд, ки сатҳи камбизоатӣ дар Бангладеш аз 50% то 40% паст фарояд. Хусусияти дигари Громин бонк дар он аст, ки танҳо 6% дороиҳои бонк моли Ҳукумати Бангладеш буда, боқимонда моли қарзгирандагон маҳсуб меёбад. [52]

Дар ниҳояти кор кулли методикаҳои номбурда барои равонасозӣ

[52] Ҷабборов А. Маблағгузории хурд. Китоби дарсӣ.-Душанбе.:"Ирфон", 2011.-С.197-205

ва фарогирии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд аҳолии табақоти камбизоату қашшоқ нигаронида шудааст. Аз ин рӯ, муайянкунии ашхос ва табақоти аҳолии камбизоату қашшоқ аҳамият ва зарурияти худро доро мебошад. Барои институтҳои маблағгузории хурд муайян намудани ашхоси қашшоқу нодор аҳамияти хело ҳам муҳим дорад. Муайянкунии ашхос ва табақоти аҳолии қашшоқ барои худи аҳолии ин табақот, барои давлатҳое, ки дар онҳо ин табақоти аҳолӣ зиндагӣ мекунанд, аҳамияту зарурияти аввалиндараҷаро доро мебошад. Сабабҳо ва зарурияти муайянкунии ашхосу табақоти аҳолии қашшоқро чунин муаррифӣ кардан мумкин аст:

- Дар асосҳои объективӣ муайян намудани табақоти аҳолии қашшоқ ба давлат имкон медиҳад, ки мушкилоти зиндагии онҳоро мадди назар қарор диҳад; барномаҳои комплексии паст кардани сатҳи қашшоқиро кор карда барояд. Молиякунонии чорабиниҳои оид ба посткунии сатҳи қашшоқиро кор карда, дар амал татбиқ намояд. Назорат намояд, ки чорабиниҳои дар барномаҳои комплексии пасткунии сатҳи қашшоқӣ муқарраргардида, ба ин табақоти аҳолӣ равона гарданд. Ноҳияҳо, минтақаҳоеро, ки дар онҳо қисмати зиёди аҳолии қашшоқи мамлакат зиндагӣ мекунанд, муайян кунад. Ва дар ин доираҳо чораҳои махсуси дастгирию ёрмандиҳои давлатиро дар амал татбиқ намояд.
- Муайянкунии табақоти қашшоқи аҳолӣ ва дастраси умум гардонидани нишондиҳандаҳои миқдорӣ (фоизӣ) ва сифатии он барои дигар табақоти аҳолии мамлакат ва умуман ҷомеаи башарӣ зарур аст. Зеро дигар табақоти ҷамъиятии ин ва ё он давлат хушбахт буда наметавонанд ва ё хушбахтии онҳо дер давом намекунад, агар шумораи аҳолии қашшоқу камбизоати мамлакат тамоюл ба афзоиш дошта бошад. Яъне муомилаи беэътиноёнаи давлат ва дигар табақоти ҷамъият метавонад садди роҳи тараққиётиояндаи мамлакат гардад.
- Муайянкунии ашхос ва табақоти аҳолии қашшоқ барои худи ин қисмати аҳолӣ аҳамияти муҳим дорад. Зеро онҳо дарк мекунанд, ки ин ва

ё он чорабиниҳои давлатӣ ва барномаҳои дастгирию ёрмандиҳои давлатӣ маҳз барои онҳо равона карда шудааст. Ва онҳо вазифадоранд, ки аз чорабиниҳои ба ин қисм бахшидаи ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ манфиат бардоранд, муташаккилона ҳуқуқҳои худро дифоъ намоянд ва барои амалигардонии барномаҳою чорабиниҳои мазкур мусоидат намоянд. Ин амал ашхоси қашшоқу оилаҳои қашшоқро водор месозад, ки нисбати рафтору вазъи кору саломатии худу аҳли оилаашон масъулияти баланд ҳис намоянд. Ба исрофкориҳо (аз қабили шаробнӯшӣ ва дигар харҷҳои беҳуда) бемасъулиятӣ, бенизомиҳои ҳаёти оилавии худ мубориза бурда, ҳамзамон имконоти таҳсили ибтидоии фарзандон, азхудкунии касбу ихтисосҳои навин ва оғози ягон намуди фаъолияти хоҷагидории инфиродию оилавиро аз даст надиҳанд.

**Тарзҳои муайянкунӣ ва равонасозии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ба аҳолии қашшоқ.** Муайянкунии ашхоси қашшоқ барои институтҳои маблағгузории хурд, муайянкунии самтҳои фаъолияти онҳо, самаранокии амалигардонии барномаҳои паст кардани сатҳи қашшоқӣ аҳамияти калон дорад. Аз ин рӯ, институтҳои маблағгузории хурд ва барномаҳои маблағгузории хурд роҳҳои гуногуни муайянкунии табақаҳои аҳолии қашшоқро кор карда баромаданд, то ин ки захираҳои молиявии ҷудонамудаи онҳо ғайримақсаднок истифода бурда нашаванд. Ин стратегияи ба қашшоқон равонасозии хизматрасониҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд чунин компонентҳои ҳатмиро фаро мегирад:

- Тарзҳои муайянкунии қашшоқон;
- Тарзҳои расонидан ё худ дарёфти қашшоқон;
- Тарзҳои ҷалби қашшоқон;
- Тарзҳои барканор намондани аҳолии қашшоқ.

Баъзе аз компонентҳои ин стратегияи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар навбати худ аз чунин қисматҳо метавонад таркиб ёфта бошад:

<u>Муайянкунӣ ва дарёфти камбизоатон</u>

- қашшоқонро дар миёни занон зиёдтар дарёфт намудан мумкин аст;
- минтақаҳои ҷуғрофӣ барои муайянкунию дарёфти қашшоқон имкон медиҳанд;
- критерияҳо (меъёрҳо)-и субъективӣ ва маҳаллӣ;
- нишондиҳандаҳои объективӣ.

Ҷалбкунии камбизоатон

- коркарди маҳсулоти маблағгузории хурд;
- имконоти пасандозҳо;
- қарзҳои хурди истеъмолӣ.

Тарзҳои барканор намондани аҳолии камбизоатон

- методи масъулияти муштарак;
- коркарди муҳити солими корӣ;
- вохӯриҳои гурӯҳии доимӣ;
- риояи критерияҳои (меъёрҳои) қабулшуда.

Баъзе аз тарзҳои муайянкунӣ ва равонасозии хизматрасониҳои институтҳои маблағгузории хурдро ба аҳолии қашшоқ дида мебароем:

Минтақаҳои ҷуғрофӣ – барои муайянкунӣ ва дарёфти қашшоқон нақши муҳимро мебозанд. Яъне намояндагони ташкилотҳои маблағгузории хурд аз омори расмӣ ва ғайрирасмӣ истифода намуда, ба он маҳаллоти деҳот мераванд, ки дар он ҷойҳо қисмати зиёди аҳолии қашшоқу нодор зиндагӣ мекунанд. Шароитҳои зисту зиндагони онҳоро мебинанд, меомӯзанд ва баъдан хулосабарорӣ мекунанд.

Критерияҳо (меъёрҳо)-и субъективӣ ва маҳаллӣ – дар ин маврид худи аҳолии маҳаллоти деҳот ё гурӯҳи хоҷагиҳои хонаводагӣ меъёрҳои қашшоқиро муайян мекунанд. Масалан, дар Бангладеш ба аҳолии қашшоқ онҳоеро дохил намуданд, ки безамин буданд ва ё даромадашон хело паст буд.

Нишондиҳандаҳои объективӣ – дар ин ҳолатҳо тибқи таҳлилу тадқиқотҳо ягон нишондиҳандаро ба сифати индекси муайянкунӣ қарор

медиҳанд. Масалан, ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҳиндустон таъмин будан бо хонаҳои истиқоматиро ба сифати нишондиҳандаи муайянкунии ашхоси қашшоқ қарор додаанд. Яъне, коркунони ташкилоти маблағгузории хурд бо роҳи омӯзиши масолеҳи сохтмонӣ, ки оилаҳо барои сохтмони хонаи истиқоматиашон истифода намудаанд, ба ашхоси қашшоқ мансуб будан ё набудани оиларо муайян мекунанд.

Ҳамин тариқ, тавассути тарзҳои дар боло нишондодашуда аҳолии қашшоқ (ашхос, оилаҳо)-ро муайяну дарёфт менамоянд, онҳоро барои бархӯрдор гардидан аз хизматрасониҳои маблағгузории хурд ҷалб мекунанд ва ҳамчунон назорат мекунанд, ки онҳо аз хизматрасониҳои маблағгузории хурди институтҳои маблағгузории хурд дар канор намонанд. Дуруст муайян намудани ашхос ва табақоти аҳолии қашшоқ яке аз унсурҳои муҳими ҳама гуна нақшаҳои паст кардани сатҳи қашшоқӣ ба шумор меравад. Нисбати самаранокии критерияҳои гуногуни муайянкунии ашхоси қашшоқ ду таҷрибаро дар мисоли як давлат дида мебароем: таҷрибаи ташкилотҳои давлатӣ, ки бо барномаи кам кардани сатҳи қашшоқӣ баромад мекунанд ва таҷрибаи ташкилотҳои ғайридавлатӣ оид ба маблағгузории хурд.

Дар Ҳиндустон барномаи ҳамгироишудаи тараққиёти кишоварзӣ ҳамчун барномаи асосии давлатии паст кардани сатҳи қашшоқӣ дар кишвар ба шумор меравад. Фаъолияти ин барнома ба қарзҳои имтиёзнок асос ёфтааст. Барои муайян намудани хоҷагиҳои хонаводагии қашшоқ дар ин барнома даромадҳои онҳоро ба сифати критерия қабул намуданд. Яъне ҳукуматҳои маҳаллӣ рӯйхати хоҷагиҳои хонаводагии даромади солонааш аз миқдори муқарраршудаи маблағ камбударо ба рӯйхат дохил мекарданд ва баъдан ба кумитаи кории барнома равон мекарданд. Ҳамин тариқ, аҳолии қашшоқ муайян карда шуд. Барнома фаъолияти худро оғоз намуд. Аммо баъди гузашти вақти муайян барнома ин фаъолияти худро қатъ намуд. Зеро он натиҷаи дилхоҳ дода натавонист.

Мутахассисон фаъолияти ин барномаро таҳлил намуда, чунин камбудиҳои асосии онро ошкор намуданд:

- на ҳамаи аҳолие, ки ба рӯйхати қашшоқон дохил мешуданд, қашшоқ буданд. Дар маҳалҳои деҳот як қисми аҳолии камбизоату миёнаахволро низ ба рӯйхат ворид намуданд. Дар натиҷа як қисми зиёди маблағҳои пулии барнома бидуни мақсад истифода мешуданд;
- ашхоси масъуле, ки даромади яксолаи аҳолии қашшоқро ба ҳисоб мегирифтанд, мутахассисони даромадҳои аҳолӣ набуданд. Бинобар ин, камбудиҳои дар боло номбаршуда ба амал омаданд;
- қарзҳое, ки тавассути ин барнома давлат ба аҳолии қашшоқ пешниҳод менамуд, аз ҷониби онҳо ҳамчун пардохтҳои навбатии субсидиявӣ қабул гардиданд. Бинобар ин, принсипи «истифодаи самаранок ва бозгардонида шудан»-и ин маблағҳои қарзӣ пурра риоя нагардиданд;
- Ҳукумати Ҳиндустон камбудиву норасоиҳои барномаи мазкурро таҳлил намуда, молиякунонии онро қатъ намуд ва алҳол диққати худро ба барномаҳои шуғли аҳолӣ ва музди меҳнат равона сохтааст.

Зеро тибқи ин барномаҳо шумораи зиёди аҳолии қашшоқро дарёфт намуда, ба онҳо ёрӣ расонида метавонад.

Мисоли дуввум, ин таҷрибаи ташкилотҳои ғайридавлатӣ, аз ҷумла институтҳои маблағгузории хурд ба шумор мераванд. Институтҳои маблағгузории хурд зимни фаъолият ва муайянкунии аҳолии қашшоқ аз тарзу усулҳои хоси худ истифода менамоянд. Албатта, дар фаъолияти институтҳои маблағгузории хурд зимни муайянкунии аҳолии қашшоқ камбудиҳо вуҷуд доранд. Масалан, ташкилотҳои маблағгузории хурд на ҳамеша аҳолии хеле қашшоқро фаро мегиранд. Аммо бо вуҷуди ин, имрӯз маблағгузории хурд дар давлатҳои гуногун миллионҳо нафар аҳолии камбизоату қашшоқро фаро гирифтааст. Масалан, дар Бангладеш 48% оилаҳои қашшоқ, ки мизоҷони Громин бонк буданд аз қашшоқӣ раҳои ёфтанд. Мутахассисон муайян намуданд, ки ҳамасола 5

% мизоҷони Громин бонк аз қашшоқӣ раҳоӣ меёбанд. Дар Индонезия 1/8 микрокорхонаҳо, ки мизоҷони ташкилотҳои маблағгузории хурд буданд ба рушди иқтисодӣ ноил гардиданд.[53] Шумораи мизоҷони ташкилотҳои маблағгузории хурд дар ин давлат зиёда аз 28 млн. нафарро ташкил медиҳанд. Дар Ҳиндустон ин раванд хеле дертар оғоз ёфтааст. Шумораи мизоҷони ташкилотҳои маблағгузории хурди он зиёда аз 150 млн. нафарро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр, масоили баррасии методикаҳои маблағгузории хурд ва усулҳои дарёфту фарогирии аҳолии камбизоат ба мо имкон дод, ки оид ба нуқтаҳои асосии ин зербоб чунин хулосаро анҷом диҳем.

1) Дар мавриди ташкилотҳои маблағгузории хурд методикаи маблағгузории хурд ин пакети амалиётҳо, қоидаҳо, каналҳо, ҷараёнҳо ва усулҳое мебошад, ки дар раванди хизматрасониҳои молиявӣ ба мизоҷон истифода бурда мешаванд;

2) Методикаҳои нисбатан васеъ паҳншудаи маблағгузории хурд мамолики хориҷӣ инҳо ба шумор мераванд: - шакли қарзҳои инфиродӣ барои шаҳрвандон; -намунаи модели Громин Бонки машҳури таърихӣ; - шаклҳои қарзҳои гурӯҳҳои махсуси муштараки масъулиятнок; -намунаи модели гурӯҳҳои кооперативӣ;-модели Бонкҳои кишоварзӣ; -намунаи модели гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ; -намунаи модели Бонкҳои давлатии маблағгузории хурд; -намунаи модели лоиҳаҳои қарзӣ; - намунаи модели қарздиҳии мустақим тавассути бонкҳои тиҷоратӣ; - намунаи модели қарздиҳии мустақим тавассути бонкҳои тиҷоратӣ ва ғайраҳо.

3) Дар таҷрибаи амали маблағгузории хурд кулли ин методикаҳоро ба ду навъ ҷудо мекунанд:-методикаҳои қарздиҳии индивидуалӣ (инфиродӣ) ба аҳолии камбизоату қашшоқ;-методикаҳое, ки дар онҳо зимни қарздиҳӣ принсипҳои баробарҳуқуқӣ риоя карда мешаванд. Ҳар як методикаи маблағгузории хурд дар ягон давлати рӯ ба тараққӣ бартарӣ

[53] Развитие микрофинансирование в Узбекистане/Рабочий доклад.Ташкент:ЦЭИ,2005.-С.10

дорад. Ва ҳар як методикаи маблағгузории хурд ҷонибҳои мусбӣ ва манфии худро дорост.

4. Кулли методикаҳои номбурда барои равонасозӣ ва фарогирии аҳолии табақоти камбизоату қашшоқ дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд нигаронида шудааст. Аз ин рӯ, муайянкунии ашхос ва табақоти аҳолии камбизоату қашшоқ барои институтҳои маблағгузории хурд, барои худи аҳолии ин табақот, барои давлатҳое, ки дар онҳо ин табақоти аҳолӣ зиндагӣ мекунанд, аҳамияту зарурияти аввалиндараҷаро доро мебошад. Сабабҳо ва зарурияти муайянкунии ашхосу табақоти аҳолии қашшоқ натиҷагирӣ шудаанд.

5. Тарзҳои муайянкунӣ ва равонасозии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ба аҳолии қашшоқ ошкор ва қисматҳои ҳатмии стратегияи ба қашшоқон равонасозии хизматрасониҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд муайян шуданд, ки фарогири чунин нуктаҳо мебошанд:-тарзҳои муайянкунии қашшоқон;-тарзҳои дарёфти қашшоқон;-тарзҳои ҷалби қашшоқон;-тарзҳои барканор намондани аҳолии қашшоқ аз хизматрасониҳои маблағгузории хурд.

# БОБИ II. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ РУШДИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХУРД ВА АРЗЁБИИ САТҲИ КАМБИЗОАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Таҳлили вазъи рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буриши минтақаҳои он

Масъалаи маблағгузории хурд ҳамчун унсури иқтисодӣ ва раванд дастрас шудани аҳолии камбизоат ба хизматрасониҳои гуногуни молиявӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ташаккул ва равнақ ёфта истодааст. Махсусан барномаҳои мухталифи маблағгузории хурд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он бо мусоидати ташкилотҳою созмонҳои байналхалқии марбут ба самти молиявию иқтисодӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратии маблағгузории хурд, механизми низоми бонкӣ, ташкилотҳои ғайрибонкию ғайридавлатӣ дар амал татбиқ гардида истодаанд.

Муминова Ф.М. менависад,ки «Гарчанде падидаҳои аввалини раванди маблағгузории хурд дар ҷумҳурии мо аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқӣ дар шаклҳои гуногун (ёрмандиҳо дар шакли маводи озуқа, либосворӣ, доруворӣ ва ғ. барои аҳолии камбизоату қашшоқ) ҳанӯз то солҳои 1996 арзи вуҷуд дошт».[54] Аммо сарчашмаҳои дигари илмӣ «Оғози раванди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба солҳои 1996-2000, ба оғози фаъолияти ташкилотҳои байналхалкӣ Care Internasion, Merci Corps, ACTED, Фонди Оғохон, Фонди Сорос, АгроАкцияи Олмон, Counterpart Consortium, Барномаи рушди СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд медонанд. Ташкилотҳои номбурда мустақиман ва ҳам тавассути ташкилотҳои ҳамонвақтаи ғайридавлатии дар ҷумҳурӣ фаъолияткунанда ба монанди Ассотсиатсияи бонувони соҳибкори Тоҷикистон, Ташкилоти ҷамъиятии "Ситораи Наҷот", Бюрои "Занон ва тараққиёт", Ташкилоти ғайридавлатии "Меҳрангез", Фонди ҷамъиятии

[54] Муминова Ф.М. Становление и развитие сектора микрофинансирование в РТ / Доклад в Центре стратегических исследований при Президенте РТ,30.11.12.-С.8

“Оила” ғояи маблағгузории хурдро дар шакли барномаҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намуданд».[55]

Махсусияти оғози фаъолият дар он зуҳур мекард, ки қисмати асосии хароҷотҳои амалиётии ин ташкилотҳо тавассути воситаҳои пулии донорҳо пӯшонида мешуданд. Дар ин фосилаи вақт ташкилотҳои байналхалқӣ на танҳо барои портфели қарзии ташкилотҳои номбурда маблағ ҷудо намуданд, балки мустақиман муддати тӯлонӣ амалигардии барномаҳои маблағгузории хурдро дар ҷумҳурӣ аз нигоҳи молиявӣ ва техникӣ дастгирӣ намуданд. Аммо базаи ҳуқуқӣ-меъёрии он соли 2004 ташаккул ёфтааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» 17 майи соли 2004-ум таҳти рақами №38 қабул гардида буд. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти маблағгузории хурдро (ба мақсади ташаккулёбию равнақи бозори хизматрасониҳои молиявӣ барои аҳолии камбизоату қашшоқ) дар ҷумҳурии мо танзим менамуд. Қонуни номбурда аз даҳ фасл (боб), 42 модда иборат буд.[56] Қабули қонуни мазкур имкон дод, ки фаъолияти маблағгузории хурд ба қисмати муҳими системаи молиявии миллӣ пайваст гардида, ба як сектори молиявие табдил ёбад, ки ба аҳолии камбизоату қашшоқ хизматрасониҳои молиявӣ расонида, ба рушду равнақи бизнеси хурду хурдтарин мусоидат намояд. Ба қонуни номбурда солҳои 2007, 2008, 2010 тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд.[57] Аммо соли 2012 дар қонунгузории ин раванди фаъолият дар ҷумҳурӣ як тағйироти дигар ба вуқуъ пайваст, яъне қонуни нави маблағгузории хурд қабул шуд, ки аз 7 боб ва 32 модда иборат аст.[58] Бо ибораи дигар**, а**йни

---

[55] Мирсаидов М.Н., Бобохонова Д. Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди микромолиякунонӣ // Кишоварз - ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур.-Душанбе, 2019- №4 (85)- С156-160

[56] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои микромолиявӣ» 17.05. 2004, №38 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №5.

[57] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №7, мод. 679; с.2008, № 10, мод. 808; с.2010, №12, қ.1. мод. 820

[58] Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», 16.04. 2012,№ 816 / (АМОҶТ с.2012., №4, мод.266).

замон муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ ва фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурдро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки Миллии Тоҷикистон» (АМОҶТ, с.1996,№24), Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз 16.04. 2012, №816 (АМОҶТ с.2012., №4, мод.266)., Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гарав» аз 20.06.1994, № 979(АМОҶТ с.1994., №14)., Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъорӣ ва назорати асъорӣ" (АМОҶТ с.1994., №14)., Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амволи манқул» аз 01.03.2005, № 93, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека"ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (аз ҷумла дастурамалу низомномаҳо)-и Бонки миллии Тоҷикистон ба танзим медароранд. Аз ҷумла, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз 16.04. 2012, № 816 қайд шудааст, ки қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурдро муайян намуда, ба ташаккул ва рушди бозори хизматрасонии маблағгузории хурд ва дастгирии соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

Аз назари коршиносони соҳаи маблағгузории хурд «Дастовардҳои муҳимтарини бахши мабалғгузории хурд баъди таъсиси ташкилотҳои маблағгузории хурд аз замони бақайдгирии давлатии онҳо, нигаҳдории вазъи босуботи молиявии иштирокчиёни бузурги ин бахш рушди мунтазами онҳо, васеъшавии фарогирии ҷуғрофии онҳо, зиёдшавии механизмҳои маблағгузории хурд ва васеъшавии доираи маҳсулоти онҳо бо назардошти истифодаи технологияи навин ва каналҳои алоқа ба шумор меравандь».[59]

Аз ҷумлаи муҳимтарин дастовардҳои ин соҳаро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

[59] Ассоциасия Микрофинансовых Организаций Таджикистана (АМФОТ). Страновой отчет по социальному воздействию в Республике Таджикистан, 2016. – С.7-8.

1) Ташаккули базаи қонунӣ ва хуқуқӣ меъёрии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон дар бахши ҳимояи ҳуқуқҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои маблағгузории хурд. Ба ташкилотҳои маблағгузории хурд имкон доданд, ки иштирокчии комили системаи молиявии мамлакат табдил ёбанд. Ба ин васила ТМХ имконият пайдо намуданд, ки захираҳои иловагиро аз дохил ва хориҷи кишвар ҷалб намуда, ҳатто бо сармоягузорҳо ва ташкилотҳои қарздиҳандаи бузурги байналхалқӣ ҳамкорӣ намоянд;

2) Мукаммалгардонии система ва васеъкунии ҷараёни ҷоригардонии воситаҳои баҳодиҳии таъсири иҷтимоӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурду бузург ба дастовардҳои босифат дар самти расидан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ мусоидат намуданд;

3) Рушди институтсионалӣ ва суботи молиявии иштирокчиёни асосии ин бахш имконият доданд, ки доираи фарогирии аҳолӣ бо хизматрасониҳои маблағгузории хурд васеъ гарданд ва ҳатто аҳолии минтақаҳои дурдасти кишварро фарогир бошанд;

4) Дар аксари ташкилотҳои маблағгузории хурд дараҷаи баланди масъулият дар муносибат бо мизоҷон ба назар мерасад, махсусан дар самти пешгирии қарздориҳои аз меъёр зиёд, бо пуррагӣ ахборотро оиди арзиши қарз ба мизоҷ расонидан, истифодаи мақсадноки микроқарзҳо, пардохти саривақтии қарзҳо, нигаҳдории моликияти гаравӣ, риояи сиёсат ва амалиётҳои қарзӣ ва ғайраҳо;

5) Ташкилотҳои маблағгузории хурд дар доираи фаъолияти худ самаранокии кори коркунонро оид ба иҷроиши ӯҳдадориҳои иҷтимоӣ, қобилият ва тайёрии онҳо барои иҷрои вазифаҳо аз қабили интихоби мизоҷон, ҷамъоварии ахбори иҷтимоӣ, нигаҳдории мизоҷон ва ғ. арзёбӣ мекунанд.

Ҳамчунин, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз 16.04. 2012, № 816 омадааст, ки ташкилотҳои маблағгузории хурд (ташкилоти амонатии қарзии хурд, ташкилоти қарзии хурд ва

фонди қарзии хурд) – ташкилотҳои қарзие, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ба фаъолияти маблағгузории хурд машғул мебошанд: **ташкилоти амонатии қарзии хурд** – шахси ҳуқуқие, ки бо мақсади ҷалби амонату пасандоз ва пешниҳод намудани қарзҳои хурд бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур таъсис дода шудааст; **ташкилоти қарзии хурд** – шахси ҳуқуқие, ки бо мақсади пешниҳод намудани қарзҳои хурд бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур таъсис дода шудааст; **фонди қарзии хурд** — шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратие, ки бо мақсади пешниҳод намудани қарзҳои хурд бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур таъсис дода шудааст.[60] Яъне бо ибораи дигар, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ҳамин шакли ташкилотҳо ба фаъолияти маблағгузории хурд машғул буда метавонанд. Ҳамчунин, дар моддаи 4 қонуни номбурда омадааст, ки ташкилотҳои маблағгузории хурд бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолият, намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии молумулкӣ метавонанд иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳо) ташкил намоянд. Иттиҳодияҳои (ассотсиатсияҳои) ташкилотҳои маблағгузории хурд ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ буда, ҳуқуқ надоранд ба фаъолияти маблағгузории хурд машғул шаванд. Фоида аз фаъолияти соҳибкории онҳо дар байни аъзо ё иштирокчиёни ин иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳо) тақсим шуда наметавонанд ва бояд танҳо барои ба даст овардани мақсадҳои оинномавӣ истифода шаванд. **Ташкилотҳои ғайридавлатӣ (ТҒ)**-иттиҳодияҳои ҷамъиятҳои шаҳрванди мебошанд, ки дар ҷумҳурӣ дар шакли ташкилотҳои ҷамъиятӣ, фондҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳо ва ассотсиатсияҳо амал мекунанд. Аз ин нуктаи назар таркиби низоми маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шакли нақшавӣ чунин тасвир кардан мумкин аст, (расми 5).

---

[60] Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», 16.04. 2012,№ 816, мод.1., (АМОҶТ с.2012., №4, мод.266).




**Расми 5- Низоми маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Аз расми 5 маълум мегардад, ки иштирокчиёни фаъоли бозори маблағгузории хурд дар ҷумҳурӣ киҳо ҳастанд. Муаррифии доираи фаъолияти онҳо барои таҳқиқотчиёни оянда аз аҳамият холӣ нест. **Ташкилоти амонатии қарзии хурд (**ТАҚХ**),** ки дар боло зикрашон омада буд, яке аз шаклҳои ташкилотҳои маблағгузории хурди тиҷоратӣ буда, барои иҷроиши доираи амалиётҳои бонкии зерин иҷозат дорад: 1) ҷалби депозитҳо ва пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ; 2) додани микроқарзҳо (бо гарав, бе гарав); 3) кушодани суратҳисобҳои бонкӣ ва бурдани онҳо; 4) интиқоли маблағҳои пулӣ бо хоҳиши мизоҷон; 5) додани кафолатҳо; 6) бастани шартномаҳои форвардӣ ва своп барои худ; 7) амалиётҳои хазинавӣ; 8) амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ ва молиявӣ; 9) баровардани кортҳои пардохтии бонкӣ ва амалиётҳо бо онҳо. Барои ТАҚҲ нормативҳо муқаррар карда шудааст, онҳо дар шакли ҶСП ва ҶММ ташкил карда мешаванд. Ҳадди ақали сармояи уставии ин

ташкилотҳо 6 млн сомонӣ муқаррар карда шудааст. Андозаи қарзи максималӣ ба шахсони воқеӣ аз 250 ҳазор сомонӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз 500 ҳазор ва барои ташкилотҳои маблағгузории хурд аз 1,5 млн сомонӣ набояд зиёд бошад.

**Ташкилотҳои қарзии хурд (**ТҚХ) низ яке аз шаклҳои ташкилотҳои маблағгузории хурди тиҷоратӣ маҳсуб меёбанд, ки амалиётҳои зерин барояшон иҷозат дода шудааст: 1) додани микроқарзҳо; 2) бастани шартномаҳои форвардӣ ва своп барои худ. Ин ташкилотҳо низ дар шакли ҶСП ва ҶММ ташкил карда мешаванд ва андозаи минималии фонди уставии онҳо 4 млн сомонӣ буда, андозаи максималии микроқарзҳояшон ба шахсони воқеӣ аз 250 ҳазор сомонӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз 400 ҳазор сомонӣ набояд зиёд бошад.

**Фонди қарзии хурд** (ФҚХ) шакли ғайритиҷоратии ташкилоти маблағгузории хурд буда, барояшон амалиётҳои зерин иҷозат дода мешавад: 1) додани микроқарзҳо; 2) бастани шартномаҳои форвардӣ ва своп барои худ. Дар вақти таъсис ин ташкилотҳо маблағи на камтар аз 300 нишондиҳандаро барои ҳисоббаробаркунӣ бояд дошта бошанд. ФҚХ дар шакли фондҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ташкил карда мешавад. Андозаи максималии микроқарзҳо ба шахсони воқеӣ аз 250 ҳазор сомонӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз 350 ҳазор набояд зиёд бошад. Муассисон муносибатҳои молумулкӣ бо фонди қарзии хурди бунёдкардаашон надоранд ва барои уҳдадориҳои ин ташкилотҳо ҷавобгар нестанд.

Аксари коршиносони соҳавӣ ба он ақидаанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сектори маблағгузории хурд дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад. Ва имрӯз дар тамоми шаҳрҳову деҳоти ҷумҳурӣ сохторҳои бонкӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурди ин сектор ба аҳолӣ хизматрасониҳои молиявиро анҷом медиҳанд. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ намудҳои зерини хизматрасониҳои маблағгузории хурд бештар паҳнгардида ба шумор мераванд: микроқарзҳо, микропасандозҳо,

микросуғурта, микролизинг, интиқоли маблағҳои пулӣ.[61] Барои таҳлили қиёсии хизматрасониҳои молиявии ташкилоту муассисаҳои маблағгузории хурд ба намудҳои хизматрасониҳои онҳо, ки ба аҳолии камбизоату қашшоқ расонида мешаванд, каме равшанӣ меандозем:

**Микроқарзҳо** – ин маблағҳои начандон калони пулӣ мебошанд, ки мизоҷон (аҳолии камбизоату қашшоқ) барои қонеъ гардонидани талаботҳои молиявии худ аз бонкҳо ё ташкилотҳои маблағгузории хурд қарз мегиранд. Микроқарзҳо, одатан, бидуни ягон намуди гарав дар шакли қарзҳои инфиродӣ ё гурӯҳӣ дода мешаванд.

**Микропасандозҳо** – ин як шакли хизматрасониҳои молиявӣ ба шумор мераванд, ки тибқи он аҳолии камбизоату қашшоқ миқдори ками пулҳои худро барои дар оянда истифода намудан нигоҳ медоранд. Бештари вақт, бидуни риояи ягон шарти мувозинати минималӣ, аҳолии камбизоату қашшоқ имкон пайдо мекунанд, ки дар суратҳисобҳои амонатии худ як миқдор маблағҳои пулиро барои ҳолатҳои фавқулоддаи зиндагиашон ҷамъ намоянд.

**Микросуғурта** – дастрасӣ ба ин намуди хизматрасониҳои молиявӣ ба соҳибкорони хурд имкон медиҳад, ки диққати худро ба бизнеси асосӣ равона созанд ва ҳамзамон хатарҳоеро, ки ба моликият, саломатӣ ва қобилияти меҳнатии онҳо таҳдид мекунанд, кам намоянд. Типҳои маҳсулоти суғуртавӣ инҳоянд: суғуртаи ҳаёт, суғуртаи моликият, суғуртаи саломатӣ ва маҷрӯҳшавӣ.

**Микролизинг** – ин хизматрасониҳои лизингӣ ба корхонаҳои хурд ва соҳибкорони хурд мебошад. Тибқи ин хизматрасониҳо корхонаҳои хурд ва соҳибкорони хурдтарин метавонанд таҷҳизоти на он қадар қимматбаҳо, техникаи кишоварзӣ ё воситаҳои нақлиётиеро дастрас намоянд, ки онҳоро бо нархи пурраашон харидорӣ карда наметавонанд.

---

[61] Зеленковская И.И. Эволюционное развитие системы микрофинансирования.// Фундаментальные и прикладные исследования в экономики.- 2013.- №4.-С.107 .

**<u>Интиқоли маблағҳои пулӣ</u>** – ин хизматрасониҳои молиявие мебошанд, ки тибқи онҳо равонкунандаи воситаҳои пулӣ ба аҳли оилааш ё ба рафиқонаш маблағҳои пулӣ интиқол менамояд. Дар муқоиса бо дигар сарчашмаҳои сармоя, ки вобаста аз иқлими сиёсӣ ва иқтисодӣ тағйирёбанда ба шумор мераванд, интиқоли маблағҳои пулӣ сарчашмаҳои нисбатан босуботи воситаҳои пулӣ ба ҳисоб мераванд.

**<u>Хизматрасониҳои ғайримолиявӣ</u>**- ин хизматрасониҳое мебошанд,ки дар шаклҳои :а) ба микробизнес ва соҳибкорони хурду миёна дар шакли консултатсия, тартиб додани бизнес –нақша ва ғайра мерасонанд; б) таҳсилотӣ- ба наврасон ва калонсолон барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии онҳо дар шакли тренинг ва семинарҳо расонида мешавад; в) хизматрасониҳо барои васеъшавии ҳуқуқ ва имкониятҳои танҳо занон; г) маслиҳати муҳандисон, агрономҳо, байторҳо, ки ташкилотҳои маблағгузории хурд ба анҷом мерасонанд.

Қобили қайд аст, ки мувофиқи маълумоти коршиносони АТМХТ кулли хизматрасониҳои номбурда дар сектори маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд доранд ва онҳо аз ҷониби ташкилотҳои гуногуни маблағгузории хурди ҷумҳурӣ ба ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқии фарогири ин сектор расонида мешаванд.[62]

Дар ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон (АТМХТ) нақши бориз дорад. АТМХТ ташкилоти ғайридавлатӣ ба шумор рафта, ташкилоту муассисаҳои маблағгузории хурд ва дигар ташкилотҳои ба равнақи маблағгузории хурд ҳавасмандбударо дар асосҳои ихтиёрӣ муттаҳид месозад. Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси Оинномаи ташкилот, ки маҷлиси умумии муассисон онро 23.01.04. таҳти рақами №1292 тасдиқ намудааст ва Шаҳодатномаи Вазорати

[62] Ассоциация Микрофинансовых Организаций Таджикистана (АМФОТ). Страновой отчет по социальному воздействию в Республике Таджикистан, 2016. – С.21,23-24.

Адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бақайдгирии иттиҳоди ҷамъиятии мазкур ба роҳ мондааст. Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон гарчанде моҳи январи соли 2004-ум ба қайд гирифта шуда бошад ҳам, дар минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз аввалин ташкилотҳои намуди зерин ба шумор меравад. Ассотсиатсияи мазкур ба фаъолияти худ ҳанӯз соли 2000 - ум таҳкурсӣ гузошта буд. Дар он вақт якчанд ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки ба амалигардонии барномаҳои маблағгузории хурд машғул буданд, барои ҳалли муштараки проблемаҳо ва ҳимояи манфиату ҳуқуқҳояшон қуввату нерӯи худро муттаҳид гардонида буданд. Органи Олии идоракунандаи АТМТ маҷлиси умумии аъзоёни (намояндагони) ассотсиатсия ба шумор меравад. Маҷлиси умумии аъзоёни АТМТ ҳуқуқ дорад, ки тамоми масъалаҳои ба фаъолияти ассотсиатсияи дахлдорро мавриди таҳқиқу таҳлил ва ҳаллу фасл қарор диҳад. Барои ба АТМТ аъзо шудан лозим аст, ки мақсадҳою вазифаҳои ташкилот ба мақсаду вазифаҳои АТМТ мухолифат накунад ва дар устави ташкилот микроқарздиҳӣ ҳамчун самти фаъолияти ташкилот қайд гардида бошад. Ғайр аз ин, ташкилотҳои ба АТМТ аъзошаванда ҳаққи аъзогии солона месупоранд, ки маблағи он аз портфели қарзии ташкилоти аъзошаванда вобастагӣ дорад. Вазифаҳои АТМТ то сли 2015 бо назардошти «Ҳадафҳои ҳазорсолаи навин барои солҳои 2000-2015 чунин арзёбӣ гардида буданд:

- ба ҷамъият фаҳмонидани моҳияти маблағгузории хурд ҳамчун раванди ба аҳолии камбизоату қашшоқ дастрас гардонидани хизматрасониҳои молиявӣ-қарзӣ;
- муҳофизати ҳуқуқҳо ва манфиатҳои аъзоёни ассотсиатсия бо роҳи коркарди стратегия ва тактикаи ягонаи тарзҳои фаъолият ва танзими амалиётҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд;
- иштирок дар ташаккулёбии муҳити қонунӣ ва нормативӣ-ҳуқуқии барои тараққиёти бозори маблағгузории хурд мусоид;

- ташкили ҳамкориҳои лоиҳавӣ бо органҳои идоракунии давлатӣ, ташкилотҳои байналхалқии сарпараст (донор) ва дигар субъектҳои бозори маблағгузории хурд;
- коркард ва ҷорӣ намудани барномаҳои таълимии муосир, системаи хизматрасониҳои машваратӣ ва технологӣ, информатсионӣ барои баланд бардоштани савияи дониши иштирокчиёни бозори маблағгузории хурд, тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои бахши маблағгузории хурд;
- ҷорӣ намудани методологияи инноватсионнии микроқарздиҳӣ барои ба дараҷаи баланд дастрас шудан ба захираҳои микроқарзӣ;
- мусоидат намудан ба ҷалби захираҳои молиявии барои тараққиёти фаъолияти маблағгузории хурд зарур».[63]

Ассотсиатсияҳои ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон як маркази захиравии сектори маблағгузории хурд, форуми умумихалқӣ барои робитаҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки Миллии Тоҷикистон, ҷамъият ва инвесторҳои гуногун мебошад, ки ба ташаккулёбии муҳити ҳуқуқии мувофиқ мусоидат намуда, ба ташкилотҳои маблағгузории хурд хизматрасониҳои касбӣ, омӯзишӣ ва машваратӣ мерасонад ва ҳамзамон ба ҷорӣ намудани стандартҳои миллии маблағгузории хурд мувофиқат месозад. АТМТ бо ҳама намудҳои институтҳои маблағгузории хурд, новобаста аз шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, мавқеи ҷойгиршавӣ, принсипҳои молиякунонӣ, андоза ва дараҷаи тараққиёташон ҳамкорӣ менамояд.

Фаъолияти АТМТ «ба принсипҳои боинсофӣ (бовиҷдонӣ), шаффофӣ ва сифати баланди хизматрасонӣ асос ёфтааст. Дар соли 2006 АТМТ 22 ташкилоти маблағгузории хурдро муттаҳид намуда буд. Ташкилотҳои хеле машҳуру байналхалқӣ ба монанди Ҷамъияти Олмонии оид ба ҳамкориҳои техникӣ, Алянси Маблағгузории хурди Осиёи

[63] Оинномаи Ассотсиатсияи ташкилотҳои микромолиявии Тоҷикистон. // Дар маҷлиси умумии муассисон аз 23.01.04., таҳти рақами №1292 тасдиқ шудааст.

Марказӣ (CAMFA), Агентии Ҳамкориҳои Техникӣ ва Тараққиёт (ACTED), Агро-Аксияи Олмонӣ, Коунтерпарт, ММЗФ «Имон», МЗФ «МикроИнвест», МЗФ «Оксус», МЗФ «Ҳумо» ва ғ. аз зумраи ташкилотҳое буданд, ки ба АТМТ аъзо шуданд. Доираи фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд аз нигоҳи фарогирии минтақаҳои ҷуғрофии ҷумҳурӣ хеле ҳам васеъ мебошад. Дар ин давра ташкилотҳои маблағгузории хурди аъзои АТМТ қариб дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ ба фаъолият оғоз карда буданд. Портфели қарзии ташкилотҳои маблағгузории хурди аъзои АТМТ дар 1 январи соли 2006 8154785 доллари ИМА-ро ташкил медод, ки ин ба 31,9% портфели қарзии иштирокчиёни бозори маблағгузории хурди ҷумҳурӣ баробар буд. Миқдори мизоҷони ташкилотҳои маблағгузории хурди аъзои АТМТ дар ҳамин давра 84130 нафар одамро ташкил медод, ки аз онҳо 29596 нафарашон аъзоёни фаъол ба шумор мерафтанд. Аз микроқарзҳои истифоданамудаи онҳо ба таври ғайримустақим 186 ҳазор нафар аъзоёни оилаҳои онҳо манфиатдор буданд».[64]

Баъди соли 2012 Ассотсиатсияҳои ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон номи худро ба Ассотсиатсияҳои ташкилотҳои маблағгузори хурди Тоҷикистон (АТМХТ) табдил дод. Ва имрӯз низ АТМХТ яке аз иштирокчиёни асосии бозори маблағгузории хурди ҷумҳурии мо ба шумор меравад, ки дар самти ташаккулёбию равнақи раванди маблағгузории хурд дар ҷумҳурӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода истодааст ва дар ин ҷода ба комёбиҳои назаррас низ ноил гардидааст.

Дар доираи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 кулли мушкилоти низоми молиявии ҷумҳурӣ муайян ва роҳҳои ҳалли онҳо нишон дода шудаанд».[65] Инчунин, Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузори хурди Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо

[64] Анализ тенденций развития микрофинансовой деятельности в Таджикистане. /Бизнес и Политика, 30 марта 2006г., №12.
[65] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636, - Душанбе: ҶДММ «Контраст» –С.70-75с.

мақомотҳои идоракунии давлатӣ, Бонки милии Тоҷикистон, ташкилотҳои байналхалқии маблағгузории хурд сари масъалаҳои тараққиёти ояндаи раванди маблағгузории хурд дар ҷумҳурӣ чораю тадбирҳои зарурӣ андешида, барои беҳтаршавии вазъи ташкилотҳои маблағгузории хурд ва болоравии сатҳи зиндагии аҳолии камбизоат мусоидат намуда истодааст. Аз ҷумла Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузори хурди Тоҷикистон фаъолияти худро ба ҳамин самт нигаронида, амалигардонии чунин чораҳоро банақшагирӣ намудааст:[66]

1) Дар мувофиқа бо мақомоти давлатӣ стратегияи рушди сектори маблағгузории хурдро мукаммал гардонида, аз ҷумла ба ҷанбаи иҷтимоии он таҳким бахшида, зина ба зина ҷорисозии онро ба роҳ монад: а) нақшаи амалишавӣ; б) харитаи роҳ; в) муайянкунии стратегияи сектор дар ҳамкории муштарак бо Бонки милии Тоҷикистон;

2) Фаъолгардонии корҳо дар самти рушди саводнокӣ ва масъулияти молиявии аҳолӣ дар ҳамкори бо муассисаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3)Пурқувват намудани ҳамкориҳо бо ташкилотҳои маблағгузории хурд дар бахши ташаккули ҳисоботҳои баҳодиҳӣ оид ба ҷанбаи иҷтимоии фаъолияти онҳо;

4) Фаъолии иштироки сектори маблағгузории хурдро бо роҳи истифодаи таҷрибаи самараноку пешқадами хориҷӣ дар самти ҷалби сармоя ба ташкилотҳои маблағгузории хурд ба мақсади ташаккули портфели қарзии босифат ва беҳтаргардонии базаи депозитии онҳо дастгирӣ намуда, ҳамзамон дараҷаи масъулиятро барои хизматрасонии аҳолӣ ба сатҳи сифатан нав баровардан зарур аст.

Мувофиқи маълумоти оморӣ «Дар худуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 декабри соли 2023 дар маҷмӯъ 63 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 14 адад бонки анъанавӣ, 1 адад бонки исломӣ, 1 адад ташкилоти

[66] Ассотсиатсияи Ташкилотҳои маблағгузори хурди Тоҷикистон / Ҳисобот оид ба таъсири иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.-2016.-12с.

қарзии ғайрибонкӣ, 19 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 адад ташкилоти қарзии хурд ва 25 адад фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд, ки бевосита бо шакли фаъолияти хизматрасноиҳои маблағгузориҳои хурди худ ҳамчун иштирокчиёни бозори маблағгузории хурд маҳсуб меёбанд».[67]

Бо мақсад тавсифи нисбатан васеи теъдоди ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон диаграммаи зеринро пешниҳод менамоем, (диаграмммаи 2.1).




| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ТМХ - ҳамагӣ | 121 | 122 | 125 | 120 | 120 | 106 | 86 | 67 | 62 | 58 | 50 | 49 | 48 | 47 |
| ТАҚХ | 35 | 34 | 35 | 39 | 42 | 39 | 38 | 27 | 25 | 22 | 18 | 18 | 19 | 19 |
| ТҚХ | 42 | 43 | 44 | 42 | 42 | 31 | 14 | 7 | 6 | 6 | 5 | 4 | 3 | 3 |
| ФҚХ | 44 | 45 | 46 | 39 | 36 | 36 | 34 | 33 | 31 | 30 | 27 | 27 | 26 | 25 |

**Диаграммаи 2.1.-Динамикаи теъдоди ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2010-2023 (адад)**

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф аз рӯи маводи Бонки миллии Тоҷикистон. // Бюллетени омори бонкӣ: 2011.№12(197).-85с., 2018.№12(281).-74с., 2019.№12(293).-82с., 2020.12(305).-78с., 2021.№12(316).-18с. 2022.№12(329).-19с.,2023.№12(341). -19

Аз маълумоти омории диаграмммаи 2.1. мушоҳида мегардад, ки солҳои 2010-2023 тағйироти куллӣ дар динамикаи теъдоди ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омадааст. Дар давраи солҳои 2010-2023 шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд ба миқдори 74 адад кам шудаанд. Дар ин давра 39 адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, 16 адад ташкилотҳои қарзии хурд, 19 адад фондҳои қарзии

[67] Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: https://nbt.tj/tj/banking_system/nadzor.php (санаи муроҷиат: 16.04.2024).

хурд аз фаъолият монданд. Аз таҳлилу таҳиқиқи мо бармеояд, ки тамоюли камшавии ташкилотҳои маблағгузории хурд сабабҳои гуногуни худро дорад, вале метавон қайд кард, ки таъсири омилҳои тағйирёбии иқтисодиёти ҷаҳон дар давоми солҳои 2010-2023, бухронҳои пайдарпайи молиявӣ, зуҳуроти пандемия COVID-19, мувофиқат накардани фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, талаботи нави Бонки миллии Тоҷикистон нисбати афзоиши ҳаҷми сармояи оинномавии танзимшаванда ва номукаммалии таъминоти амнияти молиявӣ ба чашм мерасанд.

Қобили қайд аст, ки дар ин раванд ҳаҷми қарзҳои додаи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар ҳаҷми умумии қарзҳои додаи ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ тамоюл ба рушд доранд, (диаграммаи 2.2).




**Диаграммаи 2.2 - Ҳиссаи қарзҳои додаи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар ҳаҷми умумии қарзҳои додаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ, (солҳои 2015-2023, ҳазор сомонӣ, %).**

**Манбаъ:** Диаграмма дар асоси маводи Бонки миллии Тоҷикистон. // Бюллетени омори бонкӣ: 2018.№12(281).-59-63с., 2020.12(305).62-66, 2021.12(316).-50-55с, 2022.№12(329).-51-55с., 2023.№12(341).-53-57с.

Таҳлили маълумоти омории диаграммаи 2.2. нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 2015-2023 ҳаҷми қарзҳои додаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар маҷмуъ 2,5 (аз 53 664 16 ҳазор сомонӣ то ба 13 585 573,1 ҳазор сомонӣ) баробар  ва ҳаҷми қарзҳои хурди додаи ташкилотҳои маблағгузории хурд бошад ба андозаи 1,9 баробар (аз 2 613 864 ҳазор сомонӣ то ба  49 281 86,5 ҳазор сомонӣ) афзоиш ёфтааст. Ҳамчунин, ҳиссаи қарзҳои додаи ТМХ дар ҳаҷми умумии қарзҳои додаи ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ аз 48,71% то 36,28% ё худ 12,4 б.ф. кам шудааст. Яъне дар ин раванд, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки ТМХ нисбати бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар мавриди додани қарзҳо новобаста ба рушди қарздиҳӣ камфаъол буданд.

Дар диаграммаи 2.3. динамикаи рушди шумораи мизоҷони ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд давоми солҳои 2015-2023 мавриди  таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст, (диаграммаи 2.3).




| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ТМХ-ҳамагӣ | 307877 | 267115 | 291200 | 333404 | 280790 | 329220 | 384783 | 577473 |
| ТАҚХ | 265732 | 232823 | 258636 | 183669 | 248119 | 293695 | 357359 | 550730 |
| ТҚХ | 27904 | 21537 | 21492 | 20336 | 22540 | 24411 | 15537 | 15319 |
| ФҚХ | 14241 | 12755 | 11072 | 7840 | 10131 | 11114 | 11887 | 11424 |

**Диаграммаи 2.3.- Динамикаи рушди шумораи мизоҷони ташкилотҳои маблағгузории хурд дар  Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2015-2023, нафар)**

**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф аз маводи Бонки миллии Тоҷикистон. // Бюллетени омори бонкӣ: 2018.№12(281).-106с., 2020.12(305).70, 2021.12(316).-60с. -2022.№12(329).-62с., -2023.№12(341).-62с.

Аз баррасии нишондиҳандаҳои диаграммаи 2.3. бармеояд, ки шумораи мизоҷони ташкилотҳои маблағгузории хурд ҳамагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 307877 нафар дар соли 2015 то ба 577473 нафар дар соли 2023 расонида шуда, ба миқдори 269596 нафар зиёд гардидааст. Дар давраи таҳлилӣ шумораи мизоҷон ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ба миқдори 284998 нафар зиёд ва мутаасифона камшавӣ дар ташкилотҳои қарзии хурд ба миқдорӣ 12585 нафар ва фондҳои қарзии хурд ба миқдори 2817 нафар ба чашм мерасад. Сабаби чунин камшавиро мо дар мушкилоти банақшагирии нодурусти фаъолияти маркетингӣ, баланд будани меъёри хизматрасониҳо, ноустуворӣ дар бозори молиявӣ, ки садди роҳи инкишофи бизнеси хурду миёна мегардад, баҳогузорӣ менамоем. Ҳамчунин, дар ин раванд мо кӯшиш намудем, ки нишондиҳандаҳои асосии рушди ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, дар ҷадвали зерин пешниҳод намоем, (ҷадвали 2.1.1).

**Ҷадвали 2.1.1. -Динамикаи рушди нишондиҳандаҳои асосии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2015-2023**

| Нишондиҳанда | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/ 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дороиҳои ТМХ, млн сомонӣ | 2925 | 3517,00 | 4198,26 | 4378,70 | 5568,43 | 1,9 баробар (2643,43 млн. сом.) |
| Қарзҳо, ҳамагӣ, млн. сомонӣ | 1993 | 2057,71 | 2496,06 | 2982,55 | 3718,99 | 1,86 баробар (1725,99 млн. сом.) |
| Қарзҳои таъхирафтодаи ТМХ, млн. сомонӣ | 258 | 129,42 | 110,46 | 93,30 | 138,21 | 0,5 баробар (-119,79 млн. сом.) |
| Сармоягузориҳо, млн. сомонӣ | 129 | 86,60 | 31,52 | 1,32 | 3,50 | 0,02 баробар (-125,5 млн. сомонӣ) |
| Воситаҳои асосӣ, млн. сомонӣ | 138 | 174,85 | 179,59 | 135,30 | 231,21 | 1,7 баробар (93,21 млн. сомонӣ) |
| Сармоя, млн. сомонӣ | 833 | 1070,06 | 1215,58 | 1301,60 | 1519,80 | 1,8 баробар (686,8 млн. сомонӣ) |
| Бо фоиз нисбат ба ММД | 1,72% | 1,3% | 1,23 | 1,12 | 1,28% | 0,44% банди фоизӣ |
| Бақияи қарзҳои хурд, млн. сомонӣ | 2004,71 | 2071,01 | 2513,94 | 2998.16 | 3740,05 | 1,9 баробар (1735,3 млн. сомонӣ) |
| Сандуқи қарзии ТАҚХ, млн. сомонӣ | 1719,63 | 2057,70 | 2175,50 | 2674,56 | 3348,12 | 1, 9 баробар (1628,49 млн. сом.) |
| Ҳиссаи қарзҳои беэътимоди сандуқи қарзии ТАҚХ (бо % нисбати маблағи умумӣ) | 2,67% | 2,92% | 1,5% | 0,6% | 0,58% | -2,09% банди фоизӣ |

**Манбаъ:** Ҷадвал дар асоси маводи Бонки миллии Тоҷикистон. // Бюллетени омори бонкӣ: 2015.№12(245).-96-97с., 2020.12(305).-60,70,87,94с., 2021.12(316).-26,50,60,63с., 2022.№12(329).-27, 28,50,60с., 2023.№12(341).-19,28,29,50,60с.

Таҳлилу баррасии маълумоти омории солҳои 2015-2023 дар ҷадвали 2.1.1 оид ба динамикаи рушди нишондиҳандаҳои асосии ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо маълум менаямод, ки дар ин давра дороиҳои ташкилотҳои маблағгузориҳои хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 2643,43 млн. сомонӣ ва ё ба андозаи 1,9 баробар зиёд шудааст. Қарзҳои ТМХ ба миқдори 1725,99 млн. сомонӣ ва ё 1,86 баробар ва қарзҳои таъхирафтода бошад, ба миқдори 735,01 млн. сомонӣ ва ё 2,7 баробар афзудааст. Сармоягузориҳо аз 129 млн сомонии соли 2015 то ба 3,05 млн. сомонӣ дар соли 2023 коҳиш ёфта, воситаҳои асосӣ  дар ин давра ба миқдори 93,21 млн. сомонӣ ва ё ба андозаи  1,7 баробар зиёд шудааст. Ҳаҷми сармояи ТМХ дар ин давра ба миқдори 686,8 млн. сомонӣ ва ё ба андозаи 1,8баробар инкишоф ёфта, вале мутаасифона ҳиссаи он нисбат ба ММД ба андозаи 0,44 баробар кам гардидааст. Бақияи қарзҳои хурд дар ТМХ ба миқдори 1735,34 млн. сомонӣ ва ё ба андоза 1,9 баробар, сандуқи қарзии ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ба миқдори 1628,49 млн. сомонӣ ва ё ба андозаи 1,9 баробар зиёд гардида, ҳиссаи қарзҳои беэътимоди сандуқи қарзии ташкилотҳои амонатии қарзии хурд нисбати маблағи умумӣ ба андозаи 2,9 банди фоизӣ кам шудааст.

Хизматрасониҳои қарзии ТМХ дар буриши минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар бораи нуқтаҳои рушди фаъолияти онҳо маълумот медиҳад. Бо ин мақсад ҷадвали зеринро барои таҳлилу баҳодиҳии вазъи хизматрасониҳои қарзии ташкилотҳои қарзии ҷумҳуриро дар миқёси манотиқи кишвар пешниҳод менамоем, (ҷадвали 2.1.2).

Аз ҷадвали дар боло зикршуда мушоҳида мегардад, ки қарзҳои хурди додашуда аз рӯи минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2015-2023 ба миқдори 8219157,1 ҳазор сомонӣ ва ё 2,5 баробар зиёд шудааст. Таҳлилу баҳодиҳии вазъи хизматрасониҳои қарзии ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ дар миқёси манотиқи кишвар нишон медиҳад, ки аз ҳама ҳиссаи баландро минтақаи Суғд (32,54% дар соли 2023), баъдан минтақаи

Хатлон (26,54% дар соли 2023) ва шаҳри Душанбе (21,73 дар соли 2023) соҳиб мебошанд.

**Ҷадвали 2.1.2.-Қарзҳои хурди додашуда аз рӯи минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2015-2023, ҳазор сомонӣ, %)**

| | 2015 | 2018 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Қарзҳои хурд, ҳамагӣ** | 5366416 (100%) | 4812475 (100%) | 6251565 (100%) | 9262785,0 (100%) | 10527190,6 (100%) | 13585573,1 (100%) | 8219157,1 ҳазор сом. (2,5 бар.) |
| **ВМКБ** | 131241 (2,4%) | 50820 (1,1%) | 84213 (1,34%) | 130878,3 (1,41%) | 151156,3 (1,44) | 214072,9 (1,58%) | 82831,9 ҳазор сом. (1,6 бар.) |
| **НТҶ** | 826742 (15,4%) | 721466 (15%) | 1008718 (16,14%) | 1479934,3 (15,9%) | 1811856,3 (17,21%) | 2393031,2 (17,61%) | 1566289,2 ҳазор сом. (2,9 бар.) |
| **В/Хатлон** | 1223171 (22,8%) | 1059442 (22%) | 1567 630 (25,0%) | 2257155,4 (24,3%) | 2665700,3 (25,32%) | 3605503,8 (26,54%) | 2382332,8 ҳазор сом. (2,9 бар.) |
| **В/Суғд** | 2022578 (37,7%) | 1963102 (40,8%) | 2144151 (34,29%) | 3259660,1 (35,19%) | 3554372,9 (33,76%) | 4421165,5 (32,54%) | 2398587,5 ҳазор сом. (2,18 бар.) |
| **ш. Душанбе** | 1162684 (21,7%) | 1017645 (21,1%) | 1446854 (23,14%) | 2135157,0 (23,05%) | 2344104,9 (22,27%) | 2951799,7 (21,73%) | 1789115,7 ҳазор сом. (2,5 бар.) |

**Манбаъ:** Ҷадвал дар асоси маводи Бонки миллии Тоҷикистон. // Бюллетени омори бонкӣ: 2018.№12(281).-59-63с.,2020.12(305).62-66, 2021.12(316).-50-55с, 2022.№12(329).-51-55с., -2023.№12(341).-53-57с.

Дар давраи таҳлилӣ тибқи нишондиҳандаҳои ҷадвал 2.1.2 вилояти Хатлон - 2,9 баробар, ш. Душанбе - 2,5 баробар, НТҶ - 2,9 баробар, вилояти Суғд 2,18 баробар ва ВМКБ – 1,6 баробар зиёд шудааст. Мавриди зикр аст, ки новобаста ба тамоюлҳои рушди қарзҳо дар манотиқи кишвар ҳиссаи вилояти Суғд - 5,16% ва ВМКБ – 0,82% дар ҳаҷми умуии қарзҳои хурд кам гардидааст.

Пешниҳоди қарзҳои хурд аз ҷониби иштирокчиёни фаъоли бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин тарз ба роҳ монда шудааст, (ҷадвлаи 2.1.3).

Ҷадвали 2.1.3. нишон медиҳад, ки дар қиёс бо ташкилотҳои маблағгузориҳои хурди кишварҳои хориҷӣ пешниҳоди қарзҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фоизи баланд ва муҳлати кӯтоҳро дарбар гирифта, гувоҳ аз сатҳи пасти хизматрасониҳо мебошад. Аз ин хотир, барои пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат захираҳои дарозмуддат лозим мебошад.

**Ҷадвали 2.1.3. Пешниҳоди қарзҳои хурд аз ҷониби иштирокчиёни фаъоли бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 15.04.2024**

| № | ТМХ | Намудҳои қарз | Меъёри фоизи солона | Муҳлати додани қарзҳо | Маблағи қарз бо асъори миллӣ ва ё хориҷӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ҶСП ТАҚХ “Имон Интернешнл” | Қарзи "Файзи баҳор" | Аз 32% то 35% | Аз 2 то 36 моҳ | Аз 1000 то 30000 сомонӣ |
| | | Қарзи “Дастрас” | 30% | Аз 2 то 24 моҳ | аз 10001 то 100000 сомонӣ |
| | | Қарзи хурди «Инкишоф» | Аз 26% то 30% сом. 22%руб. рус. | Аз 2 то 36 моҳ | Аз 10001 то 500000 сом.; Аз 70001 руб. Рус. |
| | | Агро - қарз «Кишоварз» | аз 28% то 33% | Аз 2 то 36 моҳ | Аз 10 001 то 250 000 сомонӣ |
| | | Қарзи «Истифодаи самараноки об ва замин» | Аз 26% | Аз 2 то 60 моҳ | Аз 5 001 то 250 000 сомонӣ |
| 2. | ҶСП ТАҚХ “Ҳумо” | Қарзи “Старт Бизнес” | Аз 27 до 31% | Аз 3 то 24 моҳ. | Аз 500 то 10 000 сом. танҳо барои занон; |
| | | Қарз барои “Чорводорӣ” | Аз 27% то 31% вобаста аз маблағи қарз. | Аз 3 то 36 моҳ. | Шахсони инфиродӣ: аз 800 то 80000 сомонӣ; Барои гурӯҳ: аз 150 то 8000 сомонӣ. |
| | | Қарзҳои “Истеъмолӣ” | аз 31 то 36% бо сомонӣ. | Аз 3 то 36 моҳ. | То 25000 сомонӣ. |
| | | Қарзи “Манзилӣ” | 30% бо сомонӣ ё 18% бо доллари ИМА; | То 60 моҳ | аз 40 000 то 250 000 сомонӣ ё эквивалент бо доллари ИМА; |
| 3. | ҶДММ ТАҚХ “ФИНКА” | Қарзи “Соддакардашуда” | 36% | То 36 моҳ | Аз 2 000 сомонӣ то 50 000 сомонӣ |
| | | Қарзҳо “Барои рушди соҳибкорӣ” | Аз 29% то 36% | То 48 моҳ | 10000 сомонӣ то 100000 сомонӣ |
| | | Қарзҳо “Барои рушди хоҷагии деҳот” | Аз 29% то 36% | То 48 моҳ | аз 10000 сомонӣ то 100000 сомонӣ |
| 4. | ҶДММ ТАҚХ “МАТИН” | Қарзи “Бизнес” | 30% бо сомонӣ; 20% бо дол. ИМА | то 24 моҳ | аз 20001 то 50000 сом./аз 2001 то 5000 дол. ИМА |
| | | Қарзи “Осон” | 30% | то 12 моҳ | то 5000 сомонӣ |
| | | Қарзи “Дастрас” | 30% бо сомонӣ; 20% бо дол. ИМА | то 12 моҳ | то 5,000 сомонӣ / то 500 доллари ИМА |
| 5. | ҶДММ ТАҚХ «Фурӯз» | Қарзи “Тиҷоратӣ” | 32,4% | то 48 моҳ | то 250 000 сомонӣ |
| | | Қарз барои соҳибкории хурду миёна | Фоизи номиналӣ аз 2.6%; Фоизи самар. аз 2.8%; Комис хизм.1% | то 48 моҳ | то 250 000 сомонӣ |
| | | Қарз барои ҳунарҳои мардумӣ | 34,8% | то 36 моҳ | то 30000 сомонӣ |

**Сарчашма:** Ҷустуҷӯйи маълумот ва таҳияи ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси сомонаҳои расмии ташкилотҳои маблағгузории хурд.Сомонаҳои зерин: ҶСП ТАҚХ “Имон Интернешнл” https://imon.tj/credit/qarzo-1, ҶСП ТАҚХ “Ҳумо” https://humo.tj/tj/personal/loans/kredit-na-zhivotnovodstvo/, ҶДММ ТАҚХ “ФИНКА” https://finca.tj/tg, ҶДММ ТАҚХ “МАТИН” https://matin.tj/tj/person/credits, ҶДММ ТАҚХ «Фурӯз» [манбаи электронӣ].URL: https://furuz.tj/personal/loan.php?id=7(санаи истифодабарӣ: 12.04.2024).

Яке аз манбаъҳои асосии рушди қарзҳои хурд ин зиёд намудани захираҳои худи ташкилотҳо донистан ба мақсад мувофиқ мебошад, аз он ҷумла сармояи онҳо. Аммо сармояи ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон на он қадар кифоя мебошад. Инчунин аз 47 адад ташкилотҳои маблағгузориҳои хурд дар бозори маблағгузориҳои хурд шумораи ками иштирокчиён мавқеи меҳварӣ ва фаъолияти самарабахш доранд. Шумораи маҳдуди иштирокчиёни бозори маблағгузории хурд аз камфаъолии онҳо дарак медиҳад.

Албатта, камфаъолии ТМХ сабабҳои худро дорад. Бо ин мақсад таҳлили қиёсии хизматрасониҳои қарзии ТМХ - ро мухтасаран арзёбӣ менамоем. Таҳлили қиёсии хизматрасониҳои маблағгузории хурд дар асоси меъёрҳои таҳлилӣ гузаронида мешаванд. Масалан, ба сифати меъёрҳои (критерияҳои) таҳлилӣ - қиёсӣ нишондиҳандаҳои зерин хизматрасонӣ карда метавонанд:

- дастраси аҳолии камбизоат гардидани хизматрасониҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд;
- хароҷоти трансаксионнии дастраси хизматрасониҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд;
- вақти (муҳлати) гирифтани микроқарзҳо;
- шартҳои пардохти микроқарзҳо;
- меъёрҳои фоизии микроқарзҳо;
- ҳавасмандиҳо барои сари вақт баргардонидани микроқарзҳо ва пардохти онҳо;
- такрорёбии амалиёти қарздиҳӣ;
- амалиёти дастрас гардидан ба қарзҳои хурд;
- амалиёти додани ариза барои гирифтани микроқарзҳо ва гирифтани ҷавобҳо барои аризаҳои додашуда;
- гузоштани гаравҳои барои таъмини бозгардонидани микроқарзҳои гирифташуда.

Инҳо меъёрҳои асосие буданд, ки зимни гирифтани қарзҳои хурд ва дигар хизматрасониҳои маблағгузории хурд қариб ҳамаи ташкилотҳои молиявии расмӣ, нимрасмӣ ва ғайрирасмӣ истифода менамоянд. Аз ин рӯ, меъёрҳои дар боло зикргардидаро истифода намуда, таҳлили қиёсии ҳизматрасониҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурдро дар муқоиса бо хизматрасониҳои молиявии судхӯрон, бонкҳои тиҷоратӣ ва барномаҳое, ки давлат мавриди молиякунонӣ қарор додаст, дида мебароем, (ҷадвали 2.1.4).

**Ҷадвали 2.1.4**

**Таҳлили қиёсии хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд**

| Меъёрҳо (критерияҳо) | Судхӯрон | Бонкҳои тиҷоратӣ | Барномаҳои давлатии молиякунонӣ | Хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд |
|---|---|---|---|---|
| **Дараҷаи дастрас шудан ба ХМ** | баланд | паст | паст | **баланд** |
| **Хароҷоти дастрасӣ ба Х/маблағгузории хурд** | паст | хеле баланд | хеле баланд | **паст-миёна** |
| **Вақти дастраси микроқарзҳо** | хеле кӯтоҳ | хеле дароз | хеле дароз | **кӯтоҳ** |
| **Шартҳои пардохт** | тағйирёбанда ва қатъӣ | тағйирёбанда ва сабук | тағйирёбанда ва сабук | **чандир** |
| **Ставкаҳои фоизӣ** | хеле баланд | паст ва хело ҳам дастрас | паст, хело ҳам дастрас ва ёридиҳанда | **дастрас ва қобили қабул** |
| **Ҳавасмандӣ** | нест | нест | нест | **такрори қарзҳо бо пасткунии фоизи қарзҳо** |
| **Такроршавии гирифтани қарзҳо** | мумкин аст | мумкин, аммо бо эҳтимолияти кам | мумкин, аммо бо эҳтимолияти кам | **ҳатти қарзии боэътимод** |
| **Амалиёти дастраси ба микроқарзҳо** | хеле босуръат | вақти бисёрро мегирад ва мураккаб аст | вақти бисёрро мегирад ва мураккаб аст | **оддӣ ва босуръат аст** |
| **Амалиёти додани ариза барои гирифтани микроқарзҳо** | ғайрирасмӣ, | хастакунанда ва мураккаб | хастакунанда ва мураккаб | **оддӣ ва расмӣ** |
| **Гарав барои боз-гардонидани қарзи гирифташуда** | **ҳатмӣ мебошад** | **ҳатмӣ мебошад** | **ҳатмӣ мебошад** | **ҳатмӣ нест. Вазъи иҷтимоӣ худ гарав аст** |

**Манбаъ:** Ҷадвал дар асоси таҳлили маводи ҷамъовардашуда аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Таҷрибаи маблағгузории хурд дар давлатҳои рӯ ба инкишоф нишон медиҳад, ки дар шумораи умумии мизоҷони ташкилотҳои маблағузории хурд вазни қиёсии занҳо зиёдтар мебошанд. Масалан, шумораи мизоҷони Громин бонк зиёда аз 4 млн нафарро ташкил

медиҳад.[68] Аз шумораи умумии муштариёни Громин бонк зиёда аз 94%-ро занон ташкил медиҳанд.[69] Коршиносони АТМХТ бар он ақидаанд, ки шумораи мизоҷони ТМХ дар ҷумҳурии мо 36,7% занон ташкил медиҳанд. Ҳамчунин ин мутахассисон қайд мекунанд, ки аз шумораи умумии муштариёни ТМХ ҷумҳурии мо 62,1% аҳолии деҳот ва 37,8% аҳолии шаҳрнишин маҳсуб меёбанд.[70] Тибқи маълумотҳои оморӣ дар соли 2023 қарзҳои хурди додашуда ба занон, ҳамагӣ 4807857,1 ҳазор сомониро ташкил дода, 26% умумии қарзҳои хурди додашударо дарбар мегирад, инчунин 1787882,6 ҳазор сомонӣ ва ё 27 % қарзҳои хурди додаи ташкилотҳои маблағгузории хурд ба занон мансуб мебошад.[71]

Дар хулосаи мазкур барои равшанӣ андохтан ба ин зербоб сабабҳои асосии ин тамоюлро чунин ҷамъбаст мекунем:

1) Бонкҳо, одатан барои гирифтани қарз ягон намуди гаравро талаб мекунанд. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки дар хоҷагиҳои хонаводагӣ, аксаран молу мулкро мардон соҳибмулкӣ мекунанд. Аз ин рӯ, занҳо бештар имкон надоранд, ки ин ва ё он намуди молу мулкро ба гарав монда, барои оғози фаъолияти инфиродияшон ягон миқдор маблағро қарз гиранд. Бинобар ин, онҳо бештар аз хизматрасониҳои молиявии институтҳои маблағгузории хурд истифода менамоянд;

2) Дар шуъбаҳои дар деҳот воқеъбудаи бонкҳо асосан мардҳо кор мекунанд. Соири занҳо хоҳиш доранд, ки масъалаҳои молиявӣ-қарзии худро бо занҳо мавриди ҳаллу фасл қарор диҳанд. Дар ТМХ занҳо ба ҳайси афсарони қарзӣ кор мекунанд. Бинобар ин онҳо барои ҳалли мушкилоти худ дар самти норасоии маблағҳои пулӣ ба ТМХ муроҷиат менамоянд. Зеро мегӯянд, ки «занро зан мефаҳмад».

---

[68] Яразян А.Т.Становление и развитие микрофинансирования малого предпринимательства. Диссер. на соис.к.э.н. по спец.08.00.03.-Ереван,2016.-С.4(131стр).
[69] Ҷабборов А.Маблағгузории хурд. Китоби дарсӣ.-Душанбе.:"Ирфон", 2011.-С.56(274 саҳ).
[70] Ассоциация Микрофинансовых Организаций Таджикистана (АМФОТ). Страновой отчет по социальному воздействию в Республике Таджикистан, 2016. – С.19.
[71] Бонки миллии Тоҷикистон. // Бюллетени омори бонкӣ: 2023.№12(341).-61с.

3) Амалиётҳои бонкӣ расмияту ҳуҷҷатгузориҳои зиёдро талаб мекунанд, ки ин кори хеле ҳам мушкил мебошад. Азбаски дар бештари давлатҳои рӯ ба инкишоф зимни маълумотгирии занҳо монеаҳои зиёде вуҷуд доранд, бинобар ин дараҷаи маълумоти занҳои табақаҳои камбизоату қашшоқи аҳолӣ барои муроҷиат ба бонкҳо ва тайёр кардани ҳуҷҷатҳои қарзгирӣ намерасад. Аммо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд ин амалиётҳо хеле соддаву оддӣ анҷом дода мешаванд;

4) Занҳо, асосан дар қарибии хонаҳояшон, дар ҷои бехатар бо одамони наздику шинос ба ин ва ё он намуди фаъолият оғоз намуданро меписанданд. Ҳайати коркунони бонкҳо дар деҳот мунтазам иваз шуда меистанд, ки ин кори занҳоро мушкил мегардонад. Аз ин рӯ, онҳо бештар  ба ТМХ муроҷиат менамоянд;

5) Бонкҳо мехоҳанд, ки мизоҷонашон назди он раванд. Одатан, онҳо назди мизоҷон намераванд. Барои занҳо хона  ва нигаҳбонии кӯдаконро монда, ба бонк ва ё шуъбаи дар дигар деҳа қарордоштаи он рафтан кори мушкил аст. Яке аз принсипҳои  маблағгузории хурд  ин аст, ки ТМХ назди мизоҷ меравад.Бинобар ин занҳо ТМХ - ро интихоб менамоянд;

6) Занҳо як бозори нав барои хизматрасониҳои молиявӣ ба шумор мераванд, ки сектори молиявии расмӣ ин бозорро то ҳол кашф карда натавониста буд. Аз ин рӯ, институтҳои маблағгузории хурд ин бозорро мунтазам аз худ карда истодаанд;

7) Занҳо дар ҷамъкунии пасандозҳо ва нигоҳдории онҳо нисбати мардҳо устувортар мебошанд. Ин хусусият онҳоро ба мизоҷони доимии ташкилотҳои маблағгузории хурд табдил медиҳад;

8) Занҳо нисбати мардҳо ба тақдириояндаи фарзандонашон бештар ғамхориву масъулият доранд. Пасандозкунӣ яке аз усулҳои беҳтарини бартарафкунии ҳодисаҳои фавқулода ва бунёдиояндаи фарзандон ба шумор меравад. Аз ин рӯ, занҳо дар асоси пасандозҳои худ аз ташкилотҳои маблағгузории хурд қарзҳои хурди кӯтоҳмуддат гирифта, дар таҳсилу касбомӯзии кӯтоҳмуддати фарзандон кӯшиш менамоянд;

9) Занҳо, одатан ба маблағҳои нисбатан хурд ниёз доранд ва ин маблағҳоро ба муҳлатҳои кӯтоҳ қарз мегиранд. Зеро онҳо асосан дар хона ин ва ё он намуди корҳоро ба монанди пухтан, дӯхтан, риштану бофтан анҷом медиҳанд. Ин амалҳо ба онҳо имкон медиҳад, ки бо маблағҳои хурд фаъолияти худро оғоз намуда, соҳиби ягон миқдор даромад гарданд. Ин хусусияти қарзгирии занҳо барои ТМХ низ фоидаовар мебошад. Яъне онҳо имкон пайдо мекунанд, ки шумораи ҳарчи зиёдтари мизоҷонро бо хизматрасониҳои маблағгузории хурд таъмин намоянд;

10) Занҳои хоҷагиҳои хонаводагии камбизоату қашшоқ нисбати дигар таъминкунандагони хизматрасониҳои фаъолияти молиявӣ маълумоту алоқаҳои камтар доранд, ки ин ба рушди фаъолияти институтҳои маблағгузории хурд мусоидат мекунад, бозгардонидани микроқарзҳо аз ҷониби занҳо нисбати мардҳо босуботтар сурат мегирад. Бозгашти нисбатан пасти микроқарзҳо проблемаи асосии институтҳои маблағгузории хурд ба шумор меравад.

## 2.2. Арзёбии раванди маблағгузории хурд ва таъсири он ба паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ташкилотҳои маблағгузории хурд дар бахши паст кардани сатҳи камбизоатӣ, нақши муҳимро мебозанд. Имрӯзҳо дар давлатҳои гуногуни дунё, аз қабили Бангладеш, Ҳиндустон, Индонезия, Боливия, Камерун, Эфиопия, Гамбия, Гана, Мадагаскар, Марокко, Непал, Перу, Филиппин, Уганда, Замбия ва ғ. ҳазорҳо ташкилотҳою муассисаҳои маблағгузории хурд машғули расонидани хизматрасониҳои маблағгузории хурд ба аҳолии камбизоат мебошанд. Дар давлатҳои собиқ Шӯравӣ, аз ҷумла дар Белоруссия, Украина, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон раванди маблағгузории хурд дар марҳилаи гуногуни ташаккулёбию тараққӣ қарор дорад. Ташкилоту муассисаҳои маблағгузории хурд дар давлатҳои гуногун дар шаклҳои гуногуни

ташкилӣ-ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд. Раванди маблағгузории хурд кулли ташкилоту муассисаҳоеро, ки дар ин ва ё он шакл ба маблағгузории хурд машғуланд, метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кард:

- институтҳои маблағгузории хурд, ки мақсади асосиашон гирифтани фоида ба шумор намеравад;
- институтҳои маблағгузории хурд, ки мақсади асосиашон ҳамкориҳои муфид, яъне ҳамкориҳои барои тарафайн фоиданок мебошад;
- институтҳои маблағгузории хурд, ки мақсади фаъолияташон гирифтани фоида ба шумор меравад.

Бо вуҷуди бартарӣ ва камбудиҳояшон, новобаста ба духелагии фалсафаи мазмуни фаъолияташон институтҳои маблағгузории хурд дар тӯли якчанд даҳсола роҳи хело ҳам ҷиддиро тай намуда, ба фаҳмиши ҷомеаи ҷаҳонӣ моҳияти арзи вуҷуд намудану зарурияти фаъолияти худро расонида тавонистанд. Ва ҷомеаи ҷаҳонӣ низ дар асоси таҳлилу тадқиқи натиҷаҳои фаъолияти онҳо, ташкилоту муассисаҳои маблағгузории хурдро ҳамчун як ҷузъи зарурӣ дар механизми мубориза бар зидди паст намудани сатҳи камбизоатӣ қабул дорад. Ва имрӯзҳо онҳо дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмиллалӣ барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар кураи замин фаъолият намуда истодаанд. Дар баъзе мамлакатҳо, аз он ҷумла ИМА, механизмҳои ҳавасмандсозие истифода мешаванд, ки ба паҳншавии хизматрасониҳои бонкӣ дар бозорҳои маблағгузории хурди сатҳи поёнтар мусоидат менамоянд. Бо вуҷуди ин, дар ҳар ду ҳолат маблағгузории хурд бо амалисозии вазифаҳои худ шакли аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, ҳамчун бизнеси ҳамоҳангшудаи иқтисодию иҷтимоӣ баромад мекунад.

Баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва дар ин асос коҳиши сатҳи камбизоатӣ ҳамчун вазифаи муҳими афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудааст. Паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба рушди иқтисодӣ алоқаманд буда, дар натиҷаи таъмини рушди устувори

макроиқтисодӣ, беҳдошти вазъи иҷтимоию сиёсӣ дар кишвар ба даст омадааст. Асосан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар аксар кишварҳои ИДМ нишондиҳандаи асосӣ барои ҳисоб кардани сатҳи камбизоатӣ нишондиҳандаи маҷмуи истеъмоли моҳона ба сари аҳолӣ истифода карда мешавад. Натиҷаи таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо тибқи баҳодиҳии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола нишондиҳандаи камбизоатӣ коҳиш ёфта истодааст. Масалан сатҳи камбизоатӣ аз 53,5 фоизи соли 2007 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш ёфтааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки сатҳи зиндагии аҳолии кишвар тадриҷан бо назардошти нишондиҳандаҳои таъминоти хонаводагӣ беҳтар гашта истодааст, (диаграммаи 2.4).




**Диаграммаи 2.4- Раванди маблағгузории хурди ТМХ барои беҳдошти вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2007-2023, ҳазор сомонӣ, %).**

**Сарчашма:** Диаграмма дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/node/32191 (санаи истифодабарӣ: 29.12.2023). Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. // Продовольственная безопасность и бедность №4 – 2018.84 (114)с.Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012. Душанбе – 2010. 6 (67)с. Бонки миллии Тоҷикистон. // Бюллетени омори бонкӣ: 2015.№12(245).-66с 2018.№12(281).-52с., , 2020.12(305).54, 2021.12(316).-53с, 2022.№12(329).-54с., -2023.№12(341).-55с.

Аз диаграммаи 2.4 мушоҳида мегардад, ки дар раванди паст кардани сатҳи камбизоатӣ маблағгузории ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла ташкилотҳои маблағгузории хурд бавоситаи дастгирии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии фаъолиятҳои соҳибкорӣ назаррас аст. Таҳлилҳои оморӣ  нишон медиҳад, ки дар давоми солҳои 2007-2023 ба андозаи 32 646141,7 ҳазор сомонӣ қарзҳои хурд аз ҷониби ташкилотҳои маблағгузории хурд ҷиҳати паст кардани сатҳи камбизоатӣ, шуғлнокӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум, афзоиши даромаднокии аҳолӣ ва аз ин ҳисоб таъминоти нишондиҳандаҳои хонаводагӣ дар доираи маҷмӯи шаклҳои гуногуни хизматрасониҳои молиявӣ додашудааст.

Бинобар ин, рушди маблағгузорию фаъолкунонии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва таъсири он ба сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад. Рушду инкишофи онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки шумораи афзояндаи мардум ба ин раванд ҷалб карда шаванд. Азбаски сухан дар бораи аъзои камдаромади ҷомеа меравад, ки вазъияти онҳо то ҳадде хатарнок аст, мушкилоти мавҷудаи ташкилотҳои маблағгузории хурд, метавонанд вазъи онҳоро боз ҳам бадтар созанд ва ин ба вазъи бозори молиявии ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасонад. Бо назардошти муайян кардани мушкилотҳои ҷойдошта, пешниҳоди роҳҳои ҳалли он ва таъсири раванди маблағгузории хурди ТМХ-ро ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дида мебароем.

Ташкилотҳои маблағгузории хурди ҷумҳурӣ  аҳолӣ ва бизнеси хурду миёнаро дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти ҷумҳурӣ хизматрасонӣ менамоянд. Дар ҷадвали 2.2.1. динамикаи қарзҳои ТМХ дар буриши соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баҳогузорӣ қарор дода шудаанд.

Таҳлили динамикаи қарзҳои додаи ташкилотҳои маблағгузории хурд барои соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар давраи таҳлил ҳаҷми умумии қарзҳои мазкур ба андозаи 1,9 баробар тамоюл ба афзоиш доранд. Аммо як нукта нигаронкунанда аст,

ки дар давраи таҳлил дар ҳаҷми қарздиҳии ТМХ ба соҳаҳои сектори воқеии иқтисодиёт тамоюли камшавӣ ба назар мерасад. Ҳаҷми қарздиҳии ТМХ ба соҳаҳои хӯроки ҷамъиятӣ, саноат ва дигар соҳаҳои умумӣ кам гардидааст, (ҷадвали 2.2.1).

**Ҷадвали 2.2.1. - Динамикаи қарзҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд барои соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2015-2023, ҳазор сомонӣ, фоиз)**

| | 2015 | 2018 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии қарзҳои ТМХ | 2613864 (100%) | 2779 196 (100%) | 2611251 (100%) | 3472051,8 (100%) | 4055831,4 (100%) | 4928186,5 (100%) | 2314322,5 ҳазор сомонӣ (1,9 бар.) |
| Саноат | 378024 (14,4%) | 311 653 (11,2%) | 281154 (10,7%) | 383126,3 (11%) | 442010,5 (10,9%) | 356435,4 (7,2 %) | -21588,6 ҳазор сомонӣ (0,4 бар.) |
| Кишоварзӣ | 842106 (32,2%) | 736 169 (26,5%) | 835544 (31,9%) | 1098104,0 (31,6%) | 1311830,5 (32,3%) | 1442578,4 (29,3%) | 600472,4 ҳазор сомонӣ (1,7 бар.) |
| Нақлиёт | 16788 (0,6%) | 8 543 (0,3%) | 9843 (0,4%) | 7808,2 (0,2%) | 8232,4 (0,2%) | 46782,8 (0,9 %) | 29994,8 ҳазор сомонӣ (2,8 бар.) |
| Сохтмон | 98615 (3,7%) | 70 733 (2,5%) | 67617 (9,9%) | 84274,6 (2,4%) | 89141,6 (2,2 %) | 246361,0 (5 %) | 147746 ҳазор сомонӣ (2,5 бар.) |
| Хӯроки ҷамъиятӣ | 166016 (6,4%) | 146603 (5,3%) | 21951 ( 0,8%) | 21364,0 (0,6%) | 17851,8 (0,4 %) | 15400,6 (0,3 %) | -150615,4 ҳазор сомонӣ (0,1 бар.) |
| Хизматрасонӣ | 343970 (13,2%) | 382 803 (13,8%) | 387615 (14,8%) | 567476,2 (16,3%) | 622446,1 (15,4%) | 596492,3 (12,1%) | 252522,3 ҳазор сомонӣ (1,7 бар.) |
| Истеъмолот | 613142 (23,5%) | 999 972 (36%) | 841765 (32,3%) | 1142670,1 (32,9 %) | 1385898,6 (34,2%) | 1968644,9 (40%) | 1355502,9 ҳазор сомонӣ (3,2 бар.) |
| Савдои хориҷӣ | 145410 (5,6 %) | 131881 (4,7%) | 89746 (3,4%) | 105554,6 (3,04 %) | 123161,5 (3 %) | 147994,6 (3%) | 2584,6 ҳазор сомонӣ (1,02 бар.) |
| Дигар соҳаҳо | 155203 (6%) | 122720 (4,4%) | 75972,0 (2,9%) | 61673,9 (1,8%) | 55258,40 (1,4%) | 107496,50 (2,2%) | -47706,5 ҳазор сомонӣ (1,02 бар.) |

**Манбаъ:** Ҷадвал дар асоси маводи Бонки миллии Тоҷикистон. // Бюллетени омори бонкӣ: 2018.№12(281).-65с., 2020.12(305).67-68, 2021.12(316).-57-58с, 2022.№12(329).-57-58с., -2023.№12(341).-60с.

Ҳамчунин, дар мавриди қарзҳои истеъмолӣ тамоюли рушд ҷой дорад, яъне дар давраи солҳои 2015-2023 ҳаҷми қарзҳои додаи ташкилотҳои маблағгузории хурд ба соҳаи истеъмолот ба миқдори 1 355 502,9 ҳазор сомонӣ ва ё ба андозаи 3,2 баробар зиёд шуданд.

Дар раванди фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд пасандозҳои аҳолии камбизоат нақши хело муҳимро мебозанд. Муҳимияти ин намуди хизматрасониҳоро барои фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар нуқтаҳои зерин ифода намудан мумкин аст:

1).Маблағгузории хурд бидуни пасандозкунии аҳолии камбизоат, дар кадом бонке, ки набошад, ба монанди велосипеди якчархааст. Аз ин рӯ,

мизоҷони ташкилотҳои маблағгузории хурд бояд амали пасандозкуниро ба иҷро расонанд;

2).Талаботи бештари одамон ба пасандозҳои доимӣ нисбати маблағҳои қарзӣ зиёдтар аст. Мизоҷони ташкилотҳои маблағгузории хурд нисбати он муассисаву ташкилотҳое, ки дар онҳо пасандозҳои худро нигоҳ медоранд, вафодор мешаванд;

3).Мизоҷоне, ки дар ташкилотҳои маблағгузории хурд пасандоз доранд, пардохтҳои қарзии худро мунтазам иҷро мекунанд;

4).Пасандозҳои аҳолии камбизоат ин кафолати қобили пардохтҳои қарзӣ будани онҳо мебошад;

5).Соҳиби пасандоз будани мизоҷ беҳтарин нишондиҳандаи мизоҷи бовариноки қарзгиранда будани ӯ ба шумор меравад;

6).Пасандозҳои аҳолии камбизоатро ташкилотҳои маблағгузории хурд дар оянда метавонад ҳамчун сарчашмаи қарзӣ истифода намояд. Зеро маблағҳои грантӣ ва қарзии донорҳо, ки ба ташкилотҳои маблағгузории хурд медиҳанд, беохир нестанд;

7).Пасандозҳои аҳолии камбизоат барои ташкилотҳои маблағгузории хурд нисбати қарзҳои калони бонкҳо арзонтару дастрас ба ҳисоб мераванд. Яъне ин пасандозҳо даромаднокии ташкилотҳои маблағгузории хурдро зиёд мекунанд;

8).Мизоҷон метавонанд (бо мурури замон) як қисми пасандозҳои худро ба сармояи ташкилотҳои маблағгузории хурд гузаронанд ва ба ин тариқ ба фоидаи он шарик шаванд;

9).Қабули пасандозҳо аз аҳолии камбизоат ва додани қарзҳо ба онҳо имкон медиҳад, ки кадрҳои ин ташкилотҳо самаранок истифода шаванд;

10).Сафарбаркунии пасандозҳои аҳолии камбизоат фаъолияти сфераи хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурдро васеъ ва фоидаовар мегардонад; 11).ТМ ва бонкҳои аъзои АМФОТ ба таври фаъол ба амалиётҳои пасандозкунӣ машғул мебошанд;

Меъёри кушодани пасандозҳо ва намудҳои хизматрасонии иштирокчиёни фаъоли бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст. (Нигаред ба ҷадвлаи 2.2.2.)

**Ҷадвали 2.2.2. - Кушодани пасандозҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳолати 15.04.2024)**

| № | ТМХ | Намудҳои пасандозҳо | Меъёри фоизи солона | Мӯҳлати ҳадди аққал ва ҳадди аксар | Маблағи ҳадди ақал барои кушодани пасандоз |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ҶСП ТАҚХ “Имон Интернешнл” | Пасандози "Пурсамар-ҷамъшаванда" | Аз 5% то 18% | Аз 3 то 24 моҳ | На камтар аз 500 сомонӣ |
| | | Пасандози "Пурсамар" | Бо сомонӣ аз 12% то 18%; Бо доллари ИМА аз 1% то 6,1%; Бо рубли русӣ аз 1% | Аз 3 то 24 моҳ | Аз 5 000 сомонӣ |
| | | Маҳсулоти амонатии «Олиха» | То 18% | То 24 моҳ | На кам аз 100 сомонӣ |
| | | Маҳсулоти амонатии «Кафолат» | 18% сомонӣ, 5% доллари ИМА | 12 моҳ | На кам аз 1 000 сомонӣ, на кам аз 100 доллари ИМА |
| | | Амонатии «Фарзанди бомуваффақ» | то 18% | То расидан ба синни 18-солагии кӯдак-амонтагузор | На кам аз 50 сомонӣ |
| 2. | ҶСП ТАҚХ “Ҳумо” | Амонати “Сарчашма” | Бо сомонӣ 16%; Бо рубли русӣ 10%; Бо доллари ИМА 5% | Тибқи шартнома | Аз 10 сомонӣ; 10 рубли ФР; 1 доллари ИМА; |
| | | Пасандози “Кафолат” | Бо сомонӣ то 18%; Бо доллари ИМА то 6 % | Тибқи шартнома | Аз 100 сомонӣ; 10 доллари ИМА |
| 3. | ҶДММ ТАҚХ “ФИНКА” | Пасандози мӯҳлатноки «БОНУ» | 19 % TJS, 5,5%USD; | Аз 1 сол (12 моҳ) то 2 сол (24 моҳ); | Аз 100 TJS / 10 USD то 2,000,000TJS / 200,000USD; |
| | | Пасандози «Классикӣ» | 15%TJS, 4%USD, 9% RUB | Аз 1 сол (12 моҳ) то 5 сол (60 моҳ) | Аз 1000TJS / 200USD / 10000RUB |
| | | Пасандози «АМОНАТ» | 4-10% бо сомонӣ/ 0,5-3% USD | Бе маҳдуд | 10 сомони / 1 доллар |
| 4. | ҶДММ ТАҚХ “МАТИН” | Пасандози мӯҳлатноки «Дурнамо» | 365 рӯз пас 729 - сомонӣ 18%, доллар 7%, баъд 730 - сомонӣ 18,5%, доллар 7% | аз 12 моҳ ва зиёда | аз 100 сомонӣ, аз 100 доллар |
| | | Пасандози «Имконият» | 17% | Аз 12 моҳ ва зиёда | Бо сомонӣ аз 100 то 500 000 |
| | | Пасандози «Насли Нав» | 12% | 36 моҳ | Оғоз аз 100 воҳиди асъори пасандоз |
| | | Пасандози «Матин+» | 15% | Оғоз аз 3 моҳ | Оғоз аз 100 воҳиди асъори пасандоз |
| 5. | ҶДММ ТАҚХ «Фурӯз» | Амонати мухлатноки "Боварӣ" | 20% | Аз 1 то 36 моҳ | Оғоз аз 1000 сомонӣ то 10 000 сомонӣ |
| | | Амонати «Бароҳат» | 5% | Бемуҳлат | Оғоз аз 1000 сомонӣ то 10 000 сомонӣ |

**Сарчашма:** Ҷустуҷӯйи маълумот ва таҳияи ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси сомонаҳои расмии ташкилотҳои маблағгузории хурд.Сомонаҳои зерин: ҶСП ТАҚХ “Имон Интернешнл” https://imon.tj/deposit/amonato-1; ҶСП ТАҚХ “Ҳумо” [манбаи электронӣ].URL: https://humo.tj/tj/personal/deposits/;(санаи истифодабарӣ: 12.04.2024). ҶДММ ТАҚХ “ФИНКА” https://finca.tj/tg; ҶДММ ТАҚХ “МАТИН” https://matin.tj/tj/person/deposits; ҶДММ ТАҚХ «Фурӯз» https://furuz.tj/deposit/

Чи тавре, ки аз ҷадвали 2.2.2. мушоҳида мегардад, хизматрасонии намудҳои пасандозҳо, меъёри фоизи солона, мӯҳлат ва ҳаҷми маблағи ҳадди ақал барои кушодани пасандоз дар ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногун буда, фосилаи фоизи солонаи додаи қарзҳои хурд ва пасандоз дар ТМХ хеле фарққунанда буда, барои оилаҳои камбизоат, инчунин камдаромад наонқадар қулай мебошад. Бинобар ин, ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки вобаста ба фаъолияти хизматрасонии кушодани пасандозҳо ва корбарӣ бо мизоҷон аз усулҳои муосири меркетингӣ истифода намоянд.

Дар таҷрибаи пасандозкунии ташкилотҳои маблағгузории хурд ду намуди асосии пасандозкуниро ҷудо мекунанд: пасандозкунии маҷбурӣ ва ихтиёрӣ. Пасандозкуниҳои маҷбурӣ ин хоси ташкилотҳои маблағгузории хурд мебошад, ки дар ташкилоту муассисаҳои маблағгузории хурди гуногун бо номҳои мухталиф ба амал бароварда мешаванд (пасандозҳои маҷбурӣ, ҳатмӣ, пасандозҳои зарурӣ ва ғ.).

Пасандозҳои ихтиёрӣ дар таҷрибаи институтҳои маблағгузории хурд таи якчанд соли охир инкишоф ёфтаанд. Шакли бештар паҳншудаи онҳо дафтарчаи амонатгузории бонкӣ мебошад, ки бо ёрии он мизоҷ метавонад ҳар вақте, ки хоҳад дар номи худ маблағи пулӣ пасандоз мекунад ё маблағи заруриро ситонида мегирад. Имрӯзҳо намудҳои зиёди пасандозҳои ихтиёрӣ амал мекунанд, ки мақсади муайянро доро мебошанд. Масалан, пасандозҳои тӯёна, пасандозҳои нафақавӣ, пасандозҳои барои харидкунии ягон намуди моликият ё ҷиҳози хона.

Тамоюлҳои пасандозҳои ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои 2015-2023 дида мебароем, (диаграммаи 2.5).




**Диаграммаи 2.5. - Тамоюлҳои рушди пасандозҳои (амонатҳои) ташкилотҳои маблағгузории хурд дар солҳои 2015-2023 (млн. сомонӣ).**

**Манбаъ:** Диаграмма дар асоси маводи Бонки миллии Тоҷикистон. // Бюллетени омори бонкӣ: 2015.№12(245).-96-97с., 2020.12(305).-60,70,87,94с., 2021.12(316).-26,50,60,63с., 2022.№12(329).-27, 28,50,60с., 2023.№12(341).-19,28,29,50,60с.

Таҳлили муқоисаи солҳои 2015-2023 дар диаграммаи 2.5. аз он гувоҳи медиҳад, ки ҳаҷми пасандозҳо (амонатҳо)-и ташкилотҳои маблағгузории хурд ба миқдори 1010,82 млн. сомонӣ ва ё 3,3 баробар зиёд шуда, тамоюли рушди нишондиҳандаи мазкурро таъмин намудааст. Дар ин давраи таҳлилӣ ҳаҷми амонатҳои дархосшаванда бо пули миллӣ 82,24 млн. сомонӣ ва ё 1,9 баробар, миқдори амонатҳои дархосшаванда бо асъори хориҷӣ 34,54 млн. сомонӣ ва ё 1,8 баробар афзудааст. Боиси нигаронӣ аст, ки миқдори амонатҳои дархосшаванда дар ташкилотҳои маблағгузории хурд кам буда, ҳиссаи амонатҳои дархосшаванда бо пули миллӣ аз 19 фоизи соли 2015 то ба 11,4 фоиз дар соли 2023 паст шудааст.

Масъалаи муҳими хизматрасонии молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд ин суғуртакунонии хурд баҳисоб меравад. Суғуртакунонии хурд - ин пешниҳоди хизматрасонии суғуртавӣ аз ҷониби ташкилотҳои маблағгузории хурд ба аҳолии камбизоат мебошад.

Аҳолии камбизоат аз фалокатҳои табиӣ, бемориҳои гуногуни сирояткунанда, ҳодисаҳои ногаҳонии фалокатовар бештар озору азият

мебинанд. Институтҳои маблағгузории хурд дар кам кардани озору азияти мардуми ин табақот ва паст кардани сатҳи камбизоатию қашшоқӣ нақши фаъолро мебозанд. Муассисаҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд барои ин табақоти аҳолиро аз хизматрасониҳои молиявӣ бархӯрдор намудан аз воситаҳои гуногун истифода менамоянд. Масалан, дастраси аҳолии камбизоату қашшоқ гардонидани микроқарзҳо ва мусоидат намудани онҳо ба пасандозкунӣ, интиқоли маблағҳои пулии онҳоро ба хориҷу дохили кишвар бо нархҳои нисбатан арзон ва ғ. аз зумраи кӯшишҳои ин ташкилотҳо мебошанд, дар роҳи паст намудани сатҳи камбизоативу қашшоқӣ. Аммо бо вуҷуди ин институтҳои маблағгузории хурд садди роҳи ҳама хатарҳоро гирифта наметавонанд. Ҳодисаҳои гуногуни фалокатовар ҳастанд ва онҳо рӯй медиҳанд. Дар натиҷаи чунин рӯйдодҳои фалокатовар маҳз табақаи аҳолии камбизоату қашшоқ нисбати дигар табақаи ҷомеа зиёдтар зарар мебинанд. Ин ҳодисоти фалокатовар хоҷагиҳои хонаводагии аҳолии камбизоату қашшоқро ба бӯҳрон дучор гардонида, даромадҳои иқтисодии онҳоро кам мекунанд. Дар чунин ҳолатҳо микроқарзҳо ва пасандозҳои онҳо дархӯри талаботашон намегарданд. Зеро зарари дар натиҷаи чунин ҳолатҳо баамаломада нисбати воситаҳои андӯхтаи онҳо чандин маротиба зиёд аст. Дар чунин ҳолатҳо суғуртакунӣ (дар баробари микроқарзҳо ва пасандозҳо) дар бартараф намудани зарари расонидашуда ё кам кардани таъсири манфии ҳодисоти фалокатовар нақши арзандаро мебозад.

Дар шароити имрӯза институтҳои маблағгузории хурд намудҳои гуногуни суғуртакуниро ба монанди суғуртакунии ҳаёт, суғуртакунии саломатӣ, суғуртакунии молу амвол, суғуртаи ҳосили зироатҳо ва ғ. пешниҳод ва анҷом дода истодаанд. Ин намуди хизматрасониҳои институтҳои маблағгузории хурд, яъне микросуғуртакунонӣ дар сектори маблағгузории хурд, консепсияи нисбатан нав ба шумор меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи ҶСП ТАҚХ “Ҳумо” оид ба суғуртаи пасандоҳо чунин аст, (ҷадвали 2.2.3).

**Ҷадвали 2.2.2.- Системаи суғуртаи пасандозҳо дар ҶСП ТАҚХ “ҲУМО” (ба ҳолати 15.04.2024)**

| Маънидоди системаи суғуртаи пасандозҳо |
|---|
| Низоми суғуртаи пасандозҳо маҷмуи тадбирҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии амонатгузорон тавассути пардохти ҷуброни суғуртави ба пасандоздорон ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар ташкилотхои қарзии иштирокчии Фонди сугуртаи амонату пасандозҳо мебошад.Мақсади низоми суғуртаи амонату пасандозҳо таъмини суботи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла нигоҳ доштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ мебошад. Асосҳои фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» танзим мекунад. Бо мақсади таъмини самаранокии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо Фонди суғуртаи амонату пасандозҳо (минбаъд Фонд) амал мекунад. Фонд ҳангоми ба амал омадани ҳодисаи суғурта ба пасандозгузорон ҷуброни суғурта медиҳад, фехристи ташкилотҳои қарзие, ки ба системаи суғуртаи амонатӣ дохил мешаванд, бахисобгирӣ ва аз ташкилотхои кредитӣ гирифтани маблағро пеш мебарад. |
| **Ҳадафҳои бунёд** |
| 1) ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии амонатгузорон тавассути пардохти ҷуброни суғурта; 2) таҳкими эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| **Дараҷа ва фарогирии пардохти суғуртаи фонд** |
| Амонатҳо ва ҳиссаҳо ба таври автоматӣ суғурта карда мешаванд ва аз тарафи пасандозгузор бастани шартномаи сугуртаро талаб намекунанд. Обекти суғурта пасандозҳо ва пасандозҳо бо асъори миллӣ ва асъори хориҷӣ мебошанд, ки бо шартномаҳои пасандози бонкӣ ва (ё) суратҳисобҳои бонкии кортҳои музди меҳнат ва пардохтҳои нафақа ва (ё) дафтарчаи амонатӣ тасдиқ карда шудаанд. |
| **Баргардонидани маблағи суғурта** |
| Шарти суғурта - барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти карзӣ ё бо карори суд бидуни асос барои муфлисшавӣ ё дар асоси муфлисшавӣ мутобиқи Қонуни Чумхурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳам додани ташкилотҳои қарзӣ», ки дар натиҷаи он Фонд ӯҳдадор мешавад маблағи суғуртаро ба пасандозгузорони ташкилоти кредитии муфлисшуда. Агар мутобиқи қонун ҳодисаи суғурта ба амал ояд, маблағи ҷуброни пасандозҳои суғурташуда ба як амонатгузор дар як ташкилоти қарзӣ: на бештар аз 35 000 (сию панҷ ҳазор) сомонӣ мебошад; Фоизи пасандозҳо аз ҳисоби Фонд баргардонда намешавад. Агар дар шартномаи пасандоз гузоштани фоизҳо аз рӯи пасандоз пешбинӣ шуда бошад, пас ҷуброн аз бақияи пасандоз пардохта мешавад. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси сомонаи расмии ҶСП ТАҚХ “Ҳумо” [манбаи электронӣ]. URL: https://humo.tj/tj/personal/deposits/strakhovanie-vkladov/ (санаи истифодабарӣ: 12.04.2024).

Таҷрибаи системаи суғуртаи пасандозҳо дар ҶСП ТАҚХ “ҲУМО” нишон барои ҳамаи категорияи шаҳрвандон суғуртаи пасандозҳо якхела мебошанд. Одатан ташкилотҳои маблағгузориҳои хурд хизматрасониҳои суғуртавиро ба аҳолии камбизоат пешниҳод намуда, ду мақсади асосиро аз ин амал бояд пайгирӣ менамоянд: 1). Мақсади иҷтимоӣ. Ин мақсадро барномаи иҷтимоии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар бахши микросуғуртакунӣ низ номгузорӣ мекунанд. Дар ин маврид институтҳои маблағгузории хурд талаботи аҳолии камбизоату қашшокро ба

хизматрасониҳои микросуғуртавӣ пайгирӣ намуда, дар таҷрибаи амалии фаъолияти худ ошкор месозанд, ки ин намуди хизматрасониҳои маблағгузории хурд дар ҳақиқат табақоти аҳолии номбурдаро аз хатарҳои ногаҳонӣ то андозаи муайян эмин медоранд. Яъне микросуғуртакунонӣ ва микропасандозҳо дар якҷоягӣ ба мизоҷони ташкилотҳои маблағгузории хурд имконият медиҳанд, ки дар вазъиятҳои муътадили ҳаёту фаъолияти худ талаботи молиявии худро аз ҳисоби микроқарзҳо мунтазам қонеъ гардонанд. Ва дар мавриди рӯй додани ҳодисоти фалокатовар онҳо дар якҷоягӣ барои бартараф намудан, ё худ кам кардани зарари ин ҳодисот мусоидат мекунанд; 2). Мақсади тиҷоратӣ. Ин мақсадро барномаи тиҷоратии институтҳои маблағгузории хурд дар бахши микросуғуртакунонӣ низ меноманд. Микросуғуртакунонӣ дар баробари микропасандозҳо, дар баробари вазифаҳои асосии худ боз барои институтҳои маблағгузории хурд нақши дигареро низ мебозанд. Яъне маблағҳое, ки дар ин фондҳои мизоҷон ҷамъ меоянд барои институтҳои маблағгузории хурд ба таври худ кафолати микроқарзҳои ҳамин мизоҷонашон низ ба ҳисоб меравand. Ҳамчунин, агар институти маблағгузории хурд хизматрасониҳои микросуғуртавиро дуруст идора карда тавонад, он гоҳ ин намуди хизматрасонии маблағгузории хурд метавонад нерӯи сафарбаркунии фондҳои муассисаро афзун гардонад. Яъне хизматрасониҳои суғуртавӣ ва пасандозӣ ба институтҳои маблағгузории хурд имкон медиҳанд, ки аз вазъи вобастагӣ ба грантҳо раҳоӣ ёфта, ба муассисаҳои маблағгузории хурди аз нигоҳи молиявӣ мустақил табдил ёбанд.

Оид ба ин масъала баъзе тавсияҳо мо ба ташкилотҳои маблағгузории хурд оид ба хизматрасониҳои суғуртакунонии хурд. Тавсияҳо ба институтҳои маблағгузории хурд. Тавсияҳои мазкур аз ҷониби мутахассисони баландихтисоси бахшҳои гуногуни хизматрасониҳои маблағгузории хурд коркард шудаанд. Бештари онҳоро дар таҷрибаи маблағгузории хурди дигар институтҳои

маблағгузории хурд амалӣ гардонида, ҷиҳатҳои мусбию манфии онҳоро таҳлил намуда, хулосабарорӣ намудаанд. Институтҳои маблағгузории хурд дар қитъаҳои гуногуни олам дар марҳилаҳои гуногуни тараққиёт қарор доранд. Аз ин рӯ, тавсияҳои ҷамъовардаи мо аз фаъолияти маблағгузории хурди институтҳои маблағгузории хурди тараққикарда мебошанд ва онҳо ба пешравии хизматрасониҳои суғуртавии ташкилоту муассисаҳои микромолиявии навташкил мусоидат бояд кунанд. Баъзе аз онҳоро пешниҳоди хонанда мегардонем:

- суғуртакунонӣ ягона намуди хизматрасонии маблағгузории хурд оид ба идоракунии хатарҳо набуда, пасандозҳо ва микроқарзҳо дар ин масъала воситаҳои нисбатан самараноки молиявӣ ба шумор меравванд;
- қабл аз пешниҳод намудани ин ва ё он намуди суғурта институти маблағгузории хурд бояд самараи иқтисодӣ ва мураккабии ин намуди хизматрасонии микромолиявиро ҳамаҷониба таҳлилу тадқиқ карда барояд;
- ин намуди хизматрасониро аз шумораи ками мизоҷон оғоз намуда, бо мурури замон миқёси фаъолият ва шумораи мизоҷонро васеъ кардан лозим аст;
- фаъолиятро аз комплекти хизматрасониҳои суғуртавӣ оғоз намудан чандон ба мақсад мувофиқ нест. Зеро ин намуди хизматрасонӣ хатарҳои зиёдеро доро мебошад. Бинобар ин хизматрасониро аз як ё ду намуди нисбатан васеъ паҳнгардидаи хизматрасониҳои суғуртавӣ оғоз намудан ба мақсад мувофиқ мебошад;
- институтҳои маблағгузории хурд бояд сари масъалаи ҳамгироии хизматрасониҳои микросуғуртавӣ ва микропасандозӣ андеша намоянд;
- институтҳои маблағгузории хурд ва ташкилотҳои ғайридавлатии молиякунандаи онҳо дар масъалаи хизматрасониҳои микросуғуртавӣ бояд ҳамфикру ҳамкор (шарик) бошанд. Агар миёни онҳо дар ин масъала ҳамфикрӣ ба амал наояд, пас институтҳои маблағгузории

хурдро лозим меояд, ки мураккабию мушкилоти ин намуди хизматрасонии маблағгузориро хеле хуб дарк кунанд.

Дар масъалаи ҷорӣ намудани хизматрасониҳои микросуғуртавӣ миёни донорҳо (сарпарастон)-и институтҳои маблағгузории хурд ақидаҳои мухталиф вуҷуд доранд. Масалан, гурӯҳе ин намуди хизматрасониҳоро барои аҳолии камбизоату қашшоқ меписанданд ва онро дастгирӣ менамоянд. Барномаҳои иҷтимоӣ ва тиҷоратии институтҳои маблағгузории хурдро оид ба хизматрасониҳои суғуртавӣ қабул доранд. Гурӯҳи дигари сарпарастон ин намуди хизматрасониҳоро инкор намекунанд, аммо онро дар доираи табақоти номбурдаи аҳолӣ кори мураккаб, мушкил ва хатараш баланд медонанд. Ва онҳо бар он ақидаанд, ки на ҳар як институти маблағгузории хурд аз ӯҳдаи ин намуди хизматрасонӣ ба пуррагӣ баромада метавонад. Яъне, хеле мушкил аст, ки институти маблағгузории хурд ҳам мизоҷони худро бо ин намуди хизматрасонӣ таъмин карда тавонаду ҳам, дар баробари ин манфиатҳои худро зери хатар нагузорад. Барои ҳимояи ақидаҳои ҳар ду гурӯҳ мисолҳои гуногун аз таҷрибаи амалии институтҳои маблағгузории хурд овардан мумкин аст. Ду нуқтаи муҳимро пешниҳоди хонанда менамоем:

- дар ҳақиқат дар баъзе ҳолатҳо инструментҳои чандири пасандозкуниро истифода бурдан хубтару арзонтар ба шумор меравад. Зеро дар ҳақиқат нисбати хизматрасониҳои микроқарзӣ ва миропасандозкунӣ хизматрасониҳои суғуртавӣ қимматтар ва хатарашон баландтар аст;
- суммаи маблағҳое, ки дар симстемаи чандирӣ пасандозкуниҳо иштирок мекунанд, мумкин аст, ки дар ҳолатҳои зарурӣ талаботҳои молиявии хоҷагии хонаводагии камбизоату қашшоқро қонеъ гардонида натавонанд. Масалан, ин маблағ метавонад барои шифо додани ягон бемории сабуки ягон аъзои оила кифоя бошад. Аммо ин маблағ барои бартараф кардани зарари хонае, ки ба сӯхтор дучор гардидааст ё барои

бартараф кардани зарари хонадоне, ки саробони худро аз даст додааст, кифоягӣ намекунад.

Барои бомуваффақият таъмин намудани мизоҷон ташкилотҳои маблағгузории хурдро лозим меояд, ки мушкилоти зиёдеро паси сар намоянд. Дар ҳақиқат, аз даҳсолаҳои охири асри гузашта то имрӯз як миқдори муайяни институтҳои маблағгузории хурд дар боби фарогирии мизоҷон ва устувории фаъолияташон ба муваффақиятҳои калон ноил гардиданд. Албатта, чунин раванд натиҷаи ташкили дурусти фаъолият ва қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба баҳодиҳии омилҳои ба устувории фаъолияташ мусоидаткунанда ба шумор меравад. Тибқи чунин қарорҳои идоракунӣ онҳо сиёсати дурусти нархӣ (ставкаҳои фоизӣ), коркарди маҳсулоти мувофиқ ва ҷорӣ намудани технологияи мувофиқи қарздиҳиро ба даст оварда, дар ин бозори навини хизматрасониҳои молиявӣ мавқеъ ва мақоми устуворро дарёфт намуданд. Олимон ва мутахассисони ин бахш роҳи тайкарда ва бурду бохтҳои онҳоро таҳлилу таҳқиқ намуда, чунин унсурҳои асосиро барои тарҳрезии ташкилотҳои маблағгузории хурди навташкил ва устуворию босуботии онҳо пешниҳод намудаанд:

Ташкилотҳои маблағгузории хурде, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият доранд бояд чунин роҳҳои такмилдиҳии худро пешаи кори худ кунанд:

1. Дараҷаи дастрас шудан ба хизматрасониҳои маблағгузории хурдро бояд дар сатҳи баланд гузоранд. Масалан, агар мизоҷ ба ташкилоти микромолиявӣ барои гирифтани маблағ қарз дархост кунад бояд ташкилот ба мизоҷ сари вақт ин маблағи дархосткардаи мизоҷро дар вақти зарурии он дода тавонад, ки ин кор дар бонкҳо камаш 2-3 рӯз давом мекунад;

2. Хароҷоти дастрас гардидан ба хизматрасониҳои маблағгузории хурд бояд нисбати дигар ташкилотҳои молиявӣ камтар бошад. Агар ҳамон қадар мизоҷ маблағи қарзи дархосткардаашро дер гирад дар онҷо хароҷот зиёд мешавад, барои ҳамин ташкилотҳои маблағгузории

хурд бояд сари вақт ба мизоҷ қарз диҳад, ки нисбати дигар рақибони қарздеҳ мизоҷи бисёртар ва мавқеашро дар минтақа ва ё ҳамон ноҳия мустаҳкам кунад.

3. Вақти дастрас гардидани микроқарзҳо бояд дар мӯҳлати кӯтоҳтари мизоҷ ба қарз таъмин карда шавад, на зиёда аз як рӯз.

4. Ставкаҳои фоизӣ бояд дастрас ва қобили қабул бошанд.

5. Ҳавасмандӣ бояд дар ташкилотҳои маблағгузории хурд дар сатҳи баланд ба роҳ монда шавад. Дар ташкилоти маблағгузории хурд агар мизоҷ бори дуюм барои қарзгирӣ ҳозир шавад, бояд барои он пасткунии фоизи қарзро пешниҳод кунад, ки мизоҷро аз даст надиҳад.

6. Ташкилоти қарзӣ барои такмилдиҳии фаъолияти худ бояд сари вақт намудҳои нави қазро барои мизоҷони худ пешниҳод кунад ва ҷиҳатҳои фоизи қарз, муҳлатнокӣ, гарав ва дигар категорияҳое, ки барои қарзгирии мизоҷ лозим аст, нисбати дигарон хубтару беҳтар ба роҳ монад.

Арзёбии қиёсии хизматрасониҳои маблағгузориҳои хурд дар асоси меъёрҳои таҳлилӣ гузаронида мешаванд. Масалан, ба сифати меъёрҳои таҳлили қиёсӣ нишондиҳандаҳои зерин хизматрасонӣ карда метавонанд: дастраси аҳолии камбизоат ва қашшоқ гардидани хизматрасониҳои молиявии институтҳои маблағгузориҳои хурд; хароҷоти трансаксионнии дастраси хизматрасониҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузориҳои хурд; вақти (муҳлати) гирифтани микроқарзҳо; шартҳои пардохти микроқарзҳо; ставкаҳои фоизии микроқарзҳо; ҳавасмандиҳо барои сари вақт баргардонидани микроқарзҳо ва пардохти онҳо; такрорёбии амалиёти қарздиҳӣ; амалиёти дастрас гардидан ба қарзҳои хурд; амалиёти додани ариза барои гирифтани микроқарзҳо ва гирифтани ҷавобҳо барои аризаҳои додашуда; гузоштани гаравҳои барои таъмини бозгардонидани микроқарзҳои гирифташуда. Инҳо меъёрҳои асосие буданд, ки зимни гирифтани микроқарзҳо ва дигар хизматрасониҳои маблағгузории хурд қариб ҳамаи ташкилотҳои молиявии расмӣ,

нимрасмӣ ва ғайрирасмӣ истифода менамоянд. Аз ин рӯ, меъёрҳои дар боло зикргардидаро истифода намуда, таҳлили қиёсии ҳизматрасониҳои молиявии институтҳои маблағгузории хурдро дар муқоиса бо хизматрасониҳои молиявии судхӯрон, бонкҳои тиҷоратӣ ва барномаҳе, ки давлат мавриди молиякунонӣ қарор додаст, анҷом дода, ҷанбаҳои мусбию манфии онҳоро ба инобат гирифта, фаъолияти худро бояд ба роҳ монанд.

Дар солҳои охир фаъолияти маблағгузории хурд ҳамчун раванди дастрас намудани аҳолии камбизоат ба хизматрасониҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ташаккулу тараққӣ карда истодааст. Дар шароите, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ барои дастрас шудан ба Ҳадафҳои рушди усутвор, ки дар заминаи Ҳадафҳои рушди ҳазорсола қабул шудааст, кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ташаккулёбию равнақи ин падидаи навини иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар ҷумҳурии мо шоёни дастгирӣ мебошад. Вазъи камбизоатӣ дар ҷумҳурии мо аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқӣ хело ҳам ҷиддӣ арзёбӣ гардидааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пасткунии сатҳи камбизоатӣ ҳамаҷониба кӯшиш намуда истодааст. Бо кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналхалқии сарпараст (донор) дар солҳои охир дар ҷумҳурӣ микдори аҳолии камбизоат сол то сол рӯ ба пастшави меорад, зеро паст кардани сатҳи камбизоатӣ вазифаи муҳими афзалиятноки Ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикони байналмилалӣ ва дар маҷмуъ тамоми ҷомеаи Тоҷикистон мебошад.

Дар доираи ин тамоюлҳои мусбӣ нақши маблағгузории хурд ҳамчун олоти пурқувват (дар ҳолати самаранок истифода намудани он) барои паст кардани сатҳи камбизоат хеле назаррас мебошад. Қобили қайд аст, ки барномаҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мусоидати ташкилотҳою институтҳои молиявии байналхалқӣ, ташкилотҳои тиҷоратию ғайритиҷоратии маблағгузории хурд,

сохторҳои бонкӣ, ташкилотҳои ғайрибонкию ғайридавлатӣ дар амал татбиқ гардида истодаанд.

Қабули қонуни мазкур имкон дод, ки фаъолияти маблағгузории хурд ба қисмати муҳими системаи молиявии миллӣ пайваст гардида, ба як сектори молиявие табдил ёбад, ки ба аҳолии камбизоату қашшоқ хизматрасониҳои молиявӣ расонида, ба рушду равнақи бизнеси хурду хурдтарин мусоидат намояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сектори маблағгузории хурд дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад. Ва имрӯз дар тамоми шаҳрҳову деҳоти ҷумҳурӣ дар баробари бонкҳо ташкилотҳои маблағгузории хурд низ ба аҳолӣ хизматрасониҳои молиявиро анҷом медиҳанд. АТМХ ҶТ ташкилотҳои маблағгузории хурдро вобаста аз сандуқи қарзиашон ба 3 - гурӯҳ ҷудо мекунад: ташкилоти калони қарзӣ, ки сандуқи қарзиаш аз 3 млн. доллари ИМА зиёд аст (15,8%); ташкилоти миёнаи қарзӣ, ки сандуқи қарзиаш 1-3 млн. доллари ИМА аст(13,2%); ташкилоти хурди қарзӣ, ки сандуқи қарзиаш аз 1 млн. доллари ИМА кам аст (71,0%).

Ташкилотҳои маблағгузории хурди шомили АТМХТ аз рӯйи соли фаъолияташон дар бозори маблағгузории хурди ҷумҳурӣ ба тариқи зерин тавсиф мешаванд: ТМХ зиёда аз 5 сол фаъолияткунанда (36,8%); ТМ зиёда аз 3 то 5 сол фаъолияткунанда (55,2%); ТМ навташкил на зиёда аз 2 сол фаъолияткунанда (8,0%). АТМХ ҶТ ташкилотҳои маблағгузории хурди шомили худро, ва аз рӯйи фарогириашон минтақаҳои ҷумҳуриро ба таври зерин гурӯҳбандӣ мекунад: ТМ ба минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ хизматрасон (22,3%), ТМ ба минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ марказҳои маъмурӣ хизматрасон (47,4%), ТМ ба шаҳрҳои ҷумҳурӣ хизматрасон (30,3%).

Ҳамин тариқ, дар ҷамъбасти хулосагирии зербоби мазкур бояд қайд намуд, ки:

1) маблағгузории хурд вазифаи асосии худро оид ба таъмини талаботи соҳибкорӣ ҳифз намуда, ба соҳаи фаъолияти худ маблағгузории талаботи шаҳрвандонро ҷалб мекунад;

2) Бидуни шак бо ҳам пайваст шудани қарзҳои соҳибкорӣ ва истеъмолӣ, зимни инкишофи пешравандаи қарзи истеъмолӣ ба баланд бардоштани самаранокии иҷтимоии маблағгузории хурд мусоидат мекунад.

3) Имконоти молиявии аҳолиро тавсеа дода, қарзҳои истеъмолӣ ба баланд бардоштани фаъолияти корӣ дар бозорҳои маҳаллӣ боис мегардад. Аз ин рӯ, инкишофи самти истеъмолӣ дар маблағгузории хурд ба ташаккули дархост ба молҳо ва хизматрасониҳои соҳибкорӣ дар бозорҳои маҳаллӣ мусоидат мекунад. Аз сӯйи дигар, ҳамон тавре ки таҷриба нишон медиҳад, ҳиссаи муайяни қарзҳои истеъмолиро соҳибкорон ҷалб мекунанд, ки қарзҳо ба бизнес-лоиҳаҳо пайваст шуда, бо ҷалби маблағҳо барои қонеъ гардонидани талаботҳои ҷорӣ ва дарозмуддати оилаҳои хеш сарф мешаванд;

4) Маҳсулоти қарзҳои истеъмолӣ диапазони васеи чунин хизматрасониҳоро аз маблағгузории ниёзҳои ҷорӣи оилаҳо гирифта, то қарзҳои дарозмуддати калонҳаҷм барои харидорӣ ва сохтмони манзил таъмин мекунанд;

5) Маблағгузории хурд имконият медиҳад одамони қобили соҳибкории камтаҷриба навгониашонро дар корхонаҳои мушаххас таҷассум созанд ва ҷомеаи шахрвандони масъулиятшиносеро ташаккул диҳанд, ки онҳо пояи мустаҳками ҳар ҷамъияти муваффақи демократӣ баҳисоб меравaнд.

## 2.3. Амсиласозии иқтисодӣ-омории омилҳои рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Масъалаи рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба беҳтарсозии фазои тиҷорати хурд, шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ, дастгирии иҷтимоии аҳолии камбизоат ва дар маҷмӯъ ба рушди нишондиҳандаҳои иқтисоди миллӣ имконият фароҳам сохта, аз як қатор омилҳо ва сабаҳо вобастагӣ дорад. Барои арзёбии вазъи муосири таъсири маблағгузории хурд

ба рушди иқтисодиёти миллӣ тавассути воситаҳои пуриқтидори таҳлили маълумотҳои ададӣ аз қабили усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ ва амсиласозии иқтисодӣ-оморӣ истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст. Таҳияи амсилаи иқтисодӣ-омории маблағгузории хурд барои арзёбии вазъи муосири ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва дар ниҳоят пешгӯии он аҳамияти бениҳоят баланд дорад. Махсусан, тавассути натиҷаҳои амсиласозии регрессионӣ вазъи муосири нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон тавассути таъсири маблағгузории хурд арзёбӣ карда мешаванд.

Бо таъкиди олимони соҳа: Ходиев Д.А., Хофизов Х.А., Табаров О.С. «Амсиласозии таъсири маблағгузории хурд дар низоми молиявӣ дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар имкон меҳад, ки вазъият ва ҳолати кунунии он дар намуди амсилаҳои иқтисодӣ-оморӣ ифода карда шуда, параметрҳои он аз ҷиҳати оморӣ баҳо дода шаванд. Доир ба ин масъала муҳаққиқони хориҷию ватанӣ дар таҳқиқоти худ таъсири омилҳои ба аломати натиҷавӣ таъсиррасонро тавассути амсиласозии иқтисодӣ-оморӣ коркард намудаанд».[72]

Дар ҷои дигар муаллифон: Набиев Б.М., Набиев С.М., Табарзода О.С. қайд мекунанд, ки «Ҳадафи таҳияи амсилаҳои регрессонӣ арзёбии вазъи муосири рушду инкишофи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ таҳти таъсири бевоситаи маблағгузории хурд буда, соҳаҳои алоҳидаи молияи кишвар, бурду бохти он ва паёмадҳои мусоиду ногуворро ба муассисаҳои молиявӣ муайян кардан имконпазир мегардад».[73]

Мавриди зикр, ки дар айни замон барои аксари кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба инкишоф нишондиҳандаҳои молиявии маблағгузории хурд нишондиҳандаи муҳимми иқтисоди миллӣ буда, таъсири он дар сатҳи зиндагии аҳолӣ намоён аст. Илова бар ин, нишондиҳандаҳои молиявии ба

[72] Ходиев Д.А., Хофизов Х.А., Табаров О.С. Моделирование и прогнозирование привлечения инвестиций для освоения природно ресурсного потенциала региона // Вестник таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук 2018 №6. Душанбе -2018. С.30-36.
[73] Набиев Б.М., Набиев С.М., Табарзода О.С. Моделсозии раванди сармоягузорӣ ба энергетика ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. № 5. Душанбе -2020.С. 30-39

маблағгузории хурд таъсиррасон метавонанд аз якчанд омилҳои сифатию миқдорӣ иборат бошанд, ки дар маҷмӯъ ба инкишофи нишондиҳандаҳои молиявӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири бевосита доранд.

Аз нигоҳи илмӣ интихоби мо дар заминаи таҳқиқот бар он аст, ки чунин омилҳо метавонанд нишондиҳандаҳои молиявии $X_1$ - Бақияи пасандозҳо дар ТҚМ, $X_2$ - Дороиҳои ТҚМ, $X_3$ -Ҳаҷми сандуқи қарзӣ, $X_4$-Захираҳои бонкӣ, $X_5$-Сармояи ТҚМ, $X_6$-Даромади пулии аҳолӣ бошанд. Аз ин лиҳоз фарзияи иқтисодӣ-омориро пешниҳод менамоем, ки маблағгузории хурд таҳти таъсири бевоситаи омилҳои дар боло зикршуда инкишоф меёбад. Барои тафтиши ин фарзия ва баҳодиҳии вазъи муосири таъсири нишондиҳандаҳои молиявии зикршуда ба маблағгузории хурд татбиқи таҳлили коррелясионӣ-регрессионӣ ба мақсад мувофиқ аст. Бо ин мақсад аз маълумотҳои омории нишондиҳандаҳои молиявии маблағгузории хурд ва омилҳои ба он таъсиррасон истифода мебарем, (ҷадвали 2.3.1).

**Ҷадвали 2.3.1.- Омилҳои асосии рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2010-2023, млн.сомонӣ)**

| Солҳо | Y | $X_1$ | $X_2$ | $X_3$ | $X_4$ | $X_5$ | $X_6$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **2010** | 1793,1 | 3270 | 6832,6 | 3241,3 | 566 | 1411,6 | 13256 |
| **2011** | 2402,5 | 4423,5 | 9056,4 | 4191,8 | 838 | 1878,7 | 16190,9 |
| **2012** | 3138,2 | 4927,2 | 10529,5 | 4708,9 | 715 | 2297,8 | 20161,2 |
| **2013** | 4707,5 | 5521,6 | 12653 | 7178,2 | 860 | 2590 | 22346,2 |
| **2014** | 6189,9 | 6690,6 | 14854 | 9396,7 | 1244 | 2346 | 24196,5 |
| **2015** | 5366,4 | 8613,5 | 18639 | 10955,3 | 1560 | 2417 | 25569,8 |
| **2016** | 3626,4 | 9243,2 | 21187 | 9591,7 | 1597,1 | 5497 | 31373 |
| **2017** | 3817,1 | 9283,5 | 20932 | 8307,3 | 1778,1 | 5725 | 37247,5 |
| **2018** | 4812,5 | 9723,8 | 21201 | 8426,4 | 2026 | 5913 | 41083,9 |
| **2019** | 633,7 | 9742,2 | 21976 | 9448 | 1938 | 6226 | 47986,3 |
| **2020** | 6251,6 | 11414,2 | 26307,4 | 10882,5 | 1727 | 7175,7 | 65347 |
| **2021** | 9262,8 | 12248 | 27867,5 | 11649,8 | 2182 | 5075,7 | 80508,8 |
| **2022** | 10527,2 | 15507,8 | 28080 | 13269,6 | 5155,5 | 6299 | 87034,1 |
| **2023** | 13585,6 | 19462,63 | 37679,52 | 17473,9 | 5366,65 | 7360,69 | 1127434,1 |
| Y - Қарзҳои хурд, млн. сомонӣ; $X_1$ - Бақияи пасандозҳо дар ТҚМ, млн. сомонӣ; $X_2$ - Дороиҳои ТҚМ, млн.сомонӣ; $X_3$ -Ҳаҷми сандуқи қарзӣ, млн. сомонӣ; $X_4$- Захираҳои бонкӣ, млн. сомонӣ; $X_5$-Сармояи ТҚМ, млн. сомонӣ; $X_6$-Даромади пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ | | | | | | | |

**Манбаъ:** Таҳияи ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи Бонки миллии Тоҷикистон. // Бюллетени омори бонкӣ: 2015.№12(245).-66с 2018.№12(281).-59-63с., 2020.12(305).62-66, 2021.12(316).-50-55с, 2022.№12(329).-51-55с., 2023.№12(341).-53-57с.

Самти афзалиятноки таҳқиқи сохтор ва зерсохторҳои низоми молиявӣ ва таъсири онҳо ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва дар маҷмуъ баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мебошад, ки дар ҳадафҳои стратегии давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гаштаст. Тавзеҳи параметрҳо, маҳакҳои омории он ва таҳияи дурнамо дар асоси амсилаи таҳияшудаи қаторҳои вақтӣ сурат мегирад. Барои то чӣ андоза аҳамиятнок будани зерсохторҳои низоми молиявӣ аз қабили маблағгузории хурд ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии кишвар таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ тавсия карда мешавад. Барои ин пеш аз ҳама дар асоси маълумотҳои омории ҷадвали 2.3.1. матритсаи коэффисиентҳои ҷуфтро муайян менамоем, ки ин коэффисиентҳо зиччи алоқамандии нишондиҳандаҳои иқтисодии зерсохторҳои низоми молияviро дар намуди хаттӣ ошкор мекунад. Ин маънои онро дорад, ки ин коэффисисент нишондиҳандаи зичии алоқамандиро танҳо дар намуди хатти рост ошкор менамояд, агар чунин алоқамандӣ ҷой дошта бошад. Агар ин нишондиҳада ба сифр наздик бошад, ин маънои онро дорад, ки нишондиҳандаҳои ба рушди маблағгузории хурд таъсиррасон алоқамандии ғайрихаттӣ доранд.

Дар адабиётҳо доир ба амсиласозии регрессионӣ қайд карда шудааст, ки коэффисиенти коррелятсияи хаттӣ дар фосилаи аз –1 то 1 қимат қабул менамояд. Яъне $-1 \leq r_{xy} \leq 1$. Агар коэффисиенти регрессия $b > 0$ бошад, он гоҳ коэффисиети коррелятсияи хаттӣ $r_{xy}$ дар фосилаи аз 0 то 1 қимат қабул менамояд. Баръакс агар $b < 0$ бошад, коэффисиети коррелятсияи хаттӣ $r_{xy}$ дар фосилаи аз -1 то 0 қимат қабул менамояд. Агар ин коэффисиент ҳар чӣ қадар ба ±1 наздик бошад, ҳамон қадар $y$ аз $x$ алоқамандии зич дорад ва баръакс агар ин коэффисиент ҳар чӣ қадар ба сифр наздик бошад, ҳамон қадар $y$ аз $x$ камтар алоқаманд аст[74].

Қимати коэффисиенти коррелятсияи хаттиро бо формулаи зерин муайян кардан мумкин аст:

[74] Тбарзода О.С., Одинаев М.А. Амалияи эконометрика. Дастури методӣ. Душанбе -2021. 184 С.

$$r_{xy} = \frac{\overline{Y \cdot X} - \overline{Y} \cdot \overline{X}}{\delta_x \cdot \delta_y} \qquad (1)$$

дар ин ҷо: $\overline{Y \cdot X} = \frac{\sum_{i=1}^{n} x_i \cdot y_i}{n}$, $\overline{Y} = \frac{\sum_{i=1}^{n} \cdot y_i}{n}$, $\overline{X} = \frac{\sum_{i=1}^{n} \cdot x_i}{n}$ - қиматҳои миёна;

$\delta_x = \sqrt{\frac{\sum X_i^2}{n} - \left(\frac{\sum X_i}{n}\right)^2}$ - тамоюли миёнаи квадратии *x,*

$\delta_y = \sqrt{\frac{\sum y_i^2}{n} - \left(\frac{\sum y_i}{n}\right)^2}$ - тамоюли миёнаи квадратии *y*.

Пас аз иҷрои алгоритмаҳои махсус дар пакети барномаҳои муосири компютерӣ матритсаи коэффисиентҳои ҷуфти коррелятсияро барои масъалаи гузошташударо ҳосил кардан мумкин аст. Дар натиҷаи ҳисобкунӣ бо истифодаи пакети барномаҳои амалӣ ҷадвали зеринро ҳосил мекунем, дар бурриши сатру сутуни мувофиқ коэффисисентҳои коррелятсияи нишондиҳандаҳои ба рушди маблағгузории хурд таъсиррасон ҷой дода шудааст.

**Ҷадвали 2.3.2. Матритсаи коэффисисентҳои коррелятсия**

| | *Y* | *X1* | *X2* | *X3* | *X4* | *X5* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| X1 | 0,8384 | | | | | |
| X2 | 0,7829 | 0,9800 | | | | |
| X3 | 0,8465 | 0,9495 | 0,9464 | | | |
| X4 | 0,8308 | 0,9359 | 0,8497 | 0,8570 | | |
| X5 | 0,4811 | 0,8387 | 0,8854 | 0,7301 | 0,6958 | |
| X6 | 0,6995 | 0,7136 | 0,6560 | 0,6818 | 0,7057 | 0,4456 |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқот.

Аз натиҷаи ҷадвал ҳисобӣ мешавад, ки нишондиҳандаи маблағгузории хурд танҳо бо 5 омили ба он таъсиррасон дар алоқамандии хеле зич қарор доранд. Тамоми коэффисисентҳои коррелятсия дар сутуни *Y*

ба 1 хеле наздик аст ва ин аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки маълумотҳои омории зерсохторҳои низоми молиявии кишвар тамоюли хаттӣ доранд.

Аммо дар навбати худ 4 омили новобаста бо ҳамдигар дар алоқамандии зич қарор доранд, ки проблемаи мултиколлинеариро боис мегарданд. Бартараф накардани мушкилии мултиколлинеарӣ боиси барғалат арзёбӣ гардидани параметрҳои модел мегардад.

Барои баратараф кардани ин муаммо аз миқдори умумии омилҳо $X_1$, $X_2$, ва $X_6$- хориҷ карда амсилаи регрессияи маҷмӯии зеринро тартиб медиҳем:

$Y=bx_3+cx_4+dx_6$ (2)

Амсилаи бисёрченкаи иқтисодӣ-омориро бо яке аз пакети барномаҳои амалӣ мураттаб менамоем,(ҷадвали 2.3.3).

**Ҷадвали 2.3.3. Натиҷаҳои амсиласозии регрессияи бисёрченака.**

| НАТИҶАҲОИ ҶАМЪБАСТӢ | | | |
|---|---|---|---|
| *Омори регрессионӣ* | | | |
| Коэффитсиенти коррелятсияи маҷмӯӣ | 0,9664 | | |
| Коэффитсиенти детерминатсияи маҷмӯӣ | 0,9339 | | |
| Коэффитсисенти детерминатсияи меърӣ | 0,8309 | | |
| Хатогии стандартӣ | 1866,8384 | | |
| Мушоҳидаҳои оморӣ | 14 | | |
| *F*-меъёри Фишер | 51,775 | | |
| | Параметрҳои муодилаи регрессия | Хатогии стандартии параметрҳо | *t-омори Стюдент* |
| X3 | 0,3904 | 0,1493 | 2,6155 |
| X4 | 0,8288 | 0,6807 | 1,2175 |
| X6 | 0,0021 | 0,0023 | 0,8988 |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқот

Ҳамин тавр, аз маълумотҳои ҷадвали 2.3.3 амсилаи регресссияи бисёрченакаро дар шакли мушаххас тартиб медиҳем:

$\mathbf{Y=0{,}3904x_3+0{,}8288x_4+0{,}0021x_6}$ (3)

Маълумотҳои ҷадвали натиҷаҳои ҷамъбастии омори регрессионӣ шарҳу тавзеҳи зеринро тақозо менамояд:

- коэффисисенти коррелятсияи маҷмӯӣ дар усули риёзӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$R_{yx} = \sqrt{1 - \frac{\sum (Y - \tilde{Y}_x)^2}{\sum (Y - \bar{Y})^2}} \qquad (4)$$

Қимати коэффисисенти коррелятсияи маҷмӯӣ ба 0,9664 баробар буда маънои онро дорад, ки дар байни аломати натиҷавӣ ва аломатҳои омилӣ ($X_3$, $X_4$, $X_6$) алоқамандии бениҳоят зич мавҷуд буда, ба вобастагии функсионалӣ наздикро нишон медиҳад;

- коэффитсиенти детерминатсияи маҷмӯӣ бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$R^2_{yx} = 1 - \frac{\sum (Y - \tilde{Y}_x)^2}{\sum (Y - \bar{Y})^2} \qquad (5)$$

Дар ин ҷо: $Y$-маълумотҳои воқеии қарзҳои хурд, млн. сомонӣ; $\tilde{Y}_x$- қиматҳои қарзҳои хурд, ки дар асоси амсилаи регрессия ҳисоб карда шудааст; $\bar{Y}$ - қимати миёнаи маълумотҳои қарзҳои хурд.

Қимати коэффитсиенти детерминатсияи маҷмӯӣ ҳар чӣ қадар ба 1 наздик бошад, ҳамон қадар сифти амсилаи регрессияи маҷмӯӣ хубтару беҳтар аст. Қимати коэффитсиенти детерминатсияи маҷмӯӣ дар масъалаи таҳқиқшаванда ба 1 ниҳоят наздик буда, (0,9964) сифати хуби амсилаи регрессияи маҷмӯиро тавсиф менамояд;

- аҳамиятнокии муодилаи регрессияи маҷмӯӣ дар маҷмӯъ бо ёрии F - меъёри Фишер баҳо дода мешавад:

$$F = \frac{R^2}{1-R^2} \cdot \frac{n-m-1}{m} \qquad (6)$$

Барои тафтиши сифати амсилаи регресссияи маҷмӯи қимати ҳисобии онро тавассути формулаи (6) ва қимати ҷадвалии онро бо ҳам муқоиса карда мешаванд. Қимати ҳисобии F-меъёри Фишер ба 51,7757 баробар буда, аз қимати ҷадвалӣ ($F_{\text{ҷадвалӣ}}$=3,49) хеле калон аст, ки ин гипотезаи сифрии $H_0$-ро инкор мекунад. Гипотезаи сифрии $H_0$ дар назар дорад, ки ҳамаи параметрҳои назди тағйирёбандаҳои $X_3$, $X_4$ ва $X_6$ ба сифр баробаранд. Аз сабаби қимати F-меъёри Фишери ҳисобӣ аз қимати $F_{\text{ҷадвалӣ}}$ калон аст, бинобарин гипотезаи сифрии $H_0$ рад карда мешавад ва доир ба сифатнок будани муодилаи регрессияи маҷмӯӣ хулосабарорӣ карда мешавад;

- аҳамиятнокии коэффитсиентҳои софи регрессияи (3) бо ёрии *t*-меъёри Стюдент баҳо дода мешавад. Дар ин маврид барои ҳар як омил бузургии
*t*- меъёри Стюдент бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$t_{b_i} = \frac{b_i}{m_{b_i}} \qquad (7)$$

дар ин ҷо: $b_i$ – коэффисиентҳои регрессия (барои амсилаи (2) инҳо параметрҳои *b, c, d*); $m_{b_i}$ - Хатогии стандартии параметрҳои *b, c, d*.

Қимати ҳисобии *t*- меъёри Стюдент бо қимати ҷадвалиаш муқоиса карда мешавад. Агар қимати ҳисобӣ аз қимати ҷадвалӣ калон бошад, он гоҳ доир ба аҳамиятнок будани ҳар як параметри амсилаи регрессияи маҷмӯӣ хулоса бароварда мешавад. Қиматҳои *t*-омори Стюдент барои омилҳои $X_3$ ва $X_4$ ба қимати *t*-омори ҷадвалӣ (1,78) наздик буда, аҳаммиятнок будани параметрҳои амсилаи регрессияи маҷмӯиро нишон медиҳад. Барои параметри назди омили $X_6$ қимати *t*-меъёри Стюдент каме аз қимати ҷадвалӣ каме хурдтар буда, камаҳаммият будани онро нишон медиҳад. Аз дигар

ҷониб хатогии стандартии параметри назди омили $X_6$ тамоман ночиз (0,0023) буда, камаҳаммият будани ин параметрро баратаф менамояд.

Илова бар ин параметрҳои назди омилҳои $X_3$, $X_4$ ва $X_6$ низ дорои аҳаммият, моҳият ва тавсифҳои қобили қабул буда аз ҷиҳати иқтисодӣ-оморӣ чунин тавзеҳ дода мешаванд:

- $b$= 0,39 маънои онро дорад, ки ҳангоми ба 1 млн сомонӣ афзудани бузургии сандуқи қарзӣ нишондиҳандаи ҳаҷми қарзҳои хурд ба 390 ҳаз. сомонӣ меафзояд, агар омилҳои боқимондаи модел бетағйир бошанд.
- $c$= 0,828 маънои онро дорад, ки ҳангоми ба 1 млн сомонӣ афзудани ҳаҷми захираҳои бонкӣ, нишондиҳандаи ҳаҷми қарзҳои хурд ба 828 ҳаз. сомонӣ меафзояд агар омилҳои боқимондаи модел бетағйир бошанд.
- $d$= 0,002 маънои онро дорад, ки ҳангоми ба 1 млн сомонӣ афзудани даромади пулии аҳолӣ, нишондиҳандаи ҳаҷми қарзҳои хурд ба 2 ҳаз. сомонӣ меафзояд агар омилҳои боқимонда бетағйир бошанд.

Илова ба тавсифҳои омории амсилаи регрессия маҷмӯӣ сифати худи амсилаи регрессияро тавассути хатогии миёнаи аппроксиматсия низ баҳо додан мумкин аст. Хатогии миёнаи аппроксиматсия нишон медиҳад, ки ба ҳисоби миёна ҳангоми сохтани амсилаи регрессия ба чанд фоиз хатогӣ роҳ дода шудааст.

$$\overline{A} = \frac{1}{n} \cdot \sum \left| \frac{(Y - \tilde{Y}_x)}{Y} \right| \cdot 100\%. \qquad (8)$$

Ҳудуди имконпазири хатогии миёнаи аппроксиматсия на зиёдтар аз 10%-15% ҳисобида мешавад. Аз сабаби он, ки ин нишондиҳандаи хатогии миёнаи аппроксиматсия дар ҷадвали натиҷаҳои амсиласозии регрессияи бисёрченака вуҷуд надорад, онро тавассути формулаи (8) муайян мекунем.

Бояд қайд намоем, ҳангоми ҳисоби хатогии миёнаи аппроксиматсия маълумотҳои соли 2019-ум бинобар тафовути хеле калон доштанаш аз қимати миёна, ба эътибор гирифта нашудааст.

$$\overline{A} = \frac{1}{n} \cdot \sum \left| \frac{(Y - \tilde{Y}_x)}{Y} \right| \cdot 100\% = \frac{1}{14} \cdot 0{,}1389 \cdot 100 = 13{,}89\%$$

Қимати ҳосилшудаи хатогии миёнаи аппроксиматсия ба 13,89% баробар буда, маънои онро дорад, ки ҳангоми амсиласозии регрессионӣ тақрибаан ба 14% хатогӣ роҳ дода шудааст. Ин қимати хатогии миёнаи аппроксиматсия дар ҳудуди таъиншуда ҷойгир аст, бинобарин, доир ба сифати баланд доштани амсилаи регрессияи маҷмӯӣ хулоса бароварда мешавад.

Маъмуотҳои воқеӣ ва ҳисобии аз рӯи муодилаи регрессияи маҷмӯӣ ҳосилшудаи нишондиҳандаи ҳаҷми қарзҳои хурдро дар як диаграмма ҷойгир намуда, ба воқият наздик будани амсилаи регрессияи маҷмӯиро боварӣ ҳосил менамоем, (диаграммаи 2.6).




**Диаграммаи 2.6- Тамоюли нишондиҳандаҳои воқеӣ ва ҳисобии қарзҳои хурд (солҳои 2010-2023, млн. сомонӣ).**

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси маводи Бонки миллии Тоҷикистон. // Бюллетени омори бонкӣ: 2015.№12(245).-66с 2018.№12(281).-59-63с., 2020.12(305).62-66, 2021.12(316).-50-55с, 2022.№12(329).-51-55с., 2023.№12(341).-53-57с.

Аз диаграмма 2.6. ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҳангоми табдил додани қиматҳои воқеӣ ба ҳисобӣ тақрибан ба 14% саҳв роҳ дода шудааст. Барои

Ҷадвали 2.3.4. – Ҳиссаи қарзҳои хурди додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро нисбат ба МММ (2010-2023, млн.сомонӣ, фоиз) дида мебароем.

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
| Қарзҳои хурд, млн. сомонӣ | 1793,1 | 2402,5 | 3138,2 | 4707,5 | 6189,9 | 5366,4 | 3626,4 | 3817,1 | 4812,5 | 633,7 | 6251,6 | 9262,8 | 10527,2 | 13585,6 |
| ММД (бо нархҳои амалии солҳои мутобиқ), млн. сомонӣ | 24707,1 | 30071,1 | 36163,1 | 40525,5 | 45606,6 | 50977,8 | 54790,3 | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 101076,3 | 115739,4 | 130791,5 |
| **Ҳиссаи ҚХ нисбат ба ММД, %** | **7,2%** | **7,9%** | **8,6%** | **11,6%** | **13,5%** | **10,5%** | **6,6%** | **5,9%** | **6,7%** | **0,8%** | **7,4%** | **9,2%** | **9,0%** | **10,3%** |

**Манбаъ:** таҳияи ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи Бонки миллии Тоҷикистон. // Бюллетени омори бонкӣ: 2015.№12(245).-66с 2018.№12(281).-59-63с., 2020.12(305).62-66, 2021.12(316).-50-55с, 2022.№12(329).-51-55с., 2023.№12(341).-53-57с.

Дар давоми солҳои 2010-2023 новобаста ба кам гардидани шумораи ташкилотҳои қарзии молиявӣ таҳлилҳои омори бонкӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи қарзҳои хурди додашуда нисбат ба ММД аз 7,2 фоизи соли 2010 то ба 10,3 фоиз дар соли 2023 баланд шудааст.

Тамоми тавсифҳои иқтисодӣ ва меъёрии омории амсиласозии регрессяи маҷмӯӣ аз сифати хуб доштани амсилаи регрессияи (3) гувоҳӣ медиҳанд, бинобар ин нишондиҳандаҳои ба з ҳаҷми қарзҳои хурд таъсиррасонро тавассути муодилаи хати рост барои то давраи соли 2035 ояндабинӣ намудан мумкин аст. Яке аз масъалаҳои муҳимми арзёбии вазъи ниҳодҳои молиявӣояндабинии нишондиҳандаҳои асосии молиявию макроиқтисодӣ ва таҳияи дурнамои онҳо ба ҳисоб меравад.

Бо ин мақсад ду амсилаи қатори вақтиро тахя карда дар асоси он нишондиҳандаҳои мавриди назарро ояндабинӣ менамоем, (диаграммаи 2.6).




**Диаграммаи 2.6. Амсилаи қатори вақтии тамоюли ММД, (*$Y_1$*-ММД млн. сомонӣ, t- омили вақт, солҳои 2015-2023)**

**Манбаъ:** таҳияи ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи Бонки миллии Тоҷикистон. // Бюллетени омори бонкӣ: 2015.№12(245).-66с 2018.№12(281).-59-63с., 2020.12(305).62-66, 2021.12(316).-50-55с, 2022.№12(329).-51-55с., 2023.№12(341).-53-57с.




**Диаграммаи 2.7. Амсилаи қатори вақтии тамоюли қарзҳои хурд (*$Y_2$* - қарзҳои хурд млн. сомонӣ, *t*- омили вақт, солҳои 2010-2024).**

**Манбаъ:** таҳияи ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи Бонки миллии Тоҷикистон. // Бюллетени омори бонкӣ: 2015.№12(245).-66с 2018.№12(281).-59-63с., 2020.12(305).62-66, 2021.12(316).-50-55с, 2022.№12(329).-51-55с., 2023.№12(341).-53-57с.

Ҳамин тавр, амсилаи қатори вақтие, ки дар диаграммаи 2.6. тасвир шудааст яке аз вариантҳои имконпазири тамоюли хаттии ММД буда, дар диаграммаи 2.7 тамоюли параболаи тартиби дуюми бузургии қарзҳои хурд ҳосил карда шудааст. Вобаста ба ин натиҷаи дурнамои рушди қарзҳои хур ва ММД-ро бо муайян кардани ҳиссаи қарзҳои хурд барои солҳои 2024-2035 дар зербоби 3.2. дида мебароем.

# БОБИ III. САМТҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА РАВНАҚИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХУРД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Такмили фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муносибатҳои молию пулӣ дар ҷаҳони муосир аз ҷониби ташкилотҳои маблағгузории хурд на ҳама вақт ва на дар ҳар як давлат имкон доранд, ки ташаккулу равнақ ёфта, фаъолияти устувор дошта бошанд. Тибқи маълумоти омори бонкӣ **а**йни замон дар бозори маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон 47 адад ташкилотҳои маблағгузории хурд бо фарогирии 19 адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, 3 адад ташкилотҳои қарзии хурд, 25 адад фондҳои қарзии хурд бақайд гирифта шуда, фаъолият доранд, (ҷадвали 3.1.1).

**Ҷадвали 3.1.1.- Рӯйхати ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 01.01.2024**

| № | Номи ташкилот | Макони ҷойгиршавӣ |
|---|---|---|
| 1. | ҶСП ТАҚХ “Имон Интернешнл” | Ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, иншооти 2 |
| 2. | ҶСП ТАҚХ “Ҳумо” | Ш. Душанбе, н.Фирдавсӣ, кӯчаи Н.Қарабоев 148/1 |
| 3. | ҶДММ ТАҚХ “ФИНКА” | Ш. Душанбе, кӯчаи Ҷ.Расулов, 9 |
| 4. | ҶДММ ТАҚХ “МАТИН” | Вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, кӯчаи Шарқ, 84 |
| 5. | ҶДММ ТАҚХ “Фазо С” | Ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Деҳи Боло 180 |
| 6. | ҶСП ТАҚХ “Ҳамров” | Ш.Душанбе, ноҳ. И.Сомонӣ, хиё. Рудакӣ, 172/2, хуҷ.29 |
| 7. | ҶДММ ТАҚХ “Зудамал” | Ш.Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи С.Айнӣ 40 |
| 8. | ҶДММ ТАҚХ “Арғун” | Ш.Душанбе, кӯчаи Фотеҳ Ниёзӣ, 36 |
| 9. | ҶДММ ТАҚХ “Тезинфоз” | Ш. Душанбе, кӯчаи Яккачинор 144/1 |
| 10. | ҶДММ ТАҚХ “Азизӣ-Молия” | Ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ, 203”б” |
| 11. | ҶДММ ТАҚХ “Сомон-Тиҷорат” | Ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н.Қарабоев, 58 |
| 12. | ҶДММ ТАҚХ “Сарват” | Ш. Душанбе, х. Сомонӣ, кӯчаи Советская 18, |
| 13. | ҶСП ТАҚХ “Сандуқ” | Ш.Душанбе, н.Шоҳмансур, к.Истаравшан 18 |
| 14. | ҶСП ТАҚХ “Ардо-капитал” | Ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Умед 676 |
| 15. | ҶДММ ТАҚХ “Пайванд Гурух” | Ш.Душанбе, ноҳияи Сино, кӯч. А.Сино, бинои 29/2 |
| 16. | ҶДММ ТАҚХ “Фуруз” | Ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ №27 |
| 17. | ҶСП ТАҚХ “Шукр Молия | Ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 158 |
| 18. | ҶДММ ТАҚХ “Эмин Сармоя” | Ш.Душанбе, н. Сино, к. Б.Ғафуров 21 |
| 19. | ҶДММ ТАҚХ “Баракат Молия” | Ш.Душанбе, н.Сино, кӯчаи М.турсунзода 172 |
| 20. | ҶДММ ТҚХ “ОКСУС” | Ш. Душанбе, 2 гузаргоҳи кӯчаи Шарқ, хонаи 14 |
| 21. | ҶДММ ТҚХ “Меҳнатобод” | Ноҳ. Кушониён, ҷамоати деҳоти “Меҳнатобод” |
| 22. | ҶДММ ТҚХ “Рушди Кухистон” | ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯч. Ш. Шотемур,419 |
| 23. | ФҚХ “Имон” | Ш. Хуҷанд, маҳаллаи 19, бинои 55 |
| 24. | ФҚХ “Рушди водии зарафшон” | Ш. Панҷакент, хиёбони Рудакӣ, 14/1 |

| | | |
|---|---|---|
| **25.** | ФҚХ «МикроИнвест» | Ш. Душанбе, н. И.Сомонӣ, кӯч. И.Сомонӣ 3/1 |
| **26.** | ФҚХ “Равнақ” | Ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомони, хонаи 3, хуҷраи 7 |
| **27.** | ФҚХ “НУРИ ҲУМО” | Ш.Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур, 21 |
| **28.** | ФҚХ “Рушди Суғд” | Ш. Хуҷанд, кӯчаи ба номи Камоли Хуҷандӣ-83 |
| **29.** | ФҚХ «Боршуд» | Ш. Душанбе, н.Сино, к. Навбаҳор-29 |
| **30.** | ФҚХ «Ҳамёрӣ» | Ш. Хуҷанд, кӯчаи М.Танбурӣ, хонаи 46»б» |
| **31.** | ФҚХ “ИМДОДИ ХУТАЛ” | Ш. Кӯлоб, кӯчаи Н.Хувайдуллоев, хонаи 13, хуҷ.30 |
| **32.** | ФҚХ “САРВАТИ ВАХШ” | Ш.Бохтар кӯчаи Шоймардонов, 25 |
| **33.** | ФҚХ «Имконият» | Вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Гафуров, 10 |
| **34.** | ФҚХ «Зар» | Ш. Душанбе, хиёбони Сино, 110 |
| **35.** | ФҚХ «Чилучор Чашма» | Ноҳ. Шаҳритус, кӯчаи Рӯдакӣ, хонаи 24 |
| **36.** | ФҚХ “Эҳёи кӯҳистон” | Ноҳияи Ҷиргатол, кӯчаи Сомонӣ 12 |
| **37.** | ФҚХ «Сарпараст» | Ш. Хуҷанд, кӯчаи Шота Руставели 44 |
| **38.** | ФҚХ “ЗАЙНАЛОБИДДИН 1” | Ноҳ. Ҷиликул кӯчаи Пролетарская, 22 |
| **39.** | ФҚХ «МАДИНА» | Ш.Хоруғ, кӯчаи Ш.Шоҳтемур, 66 |
| **40.** | ФҚХ “ТУГАРАКИЁН” | Ноҳияи Восеъ, ҷамоати деҳоти “Тугарак” |
| **41.** | ФҚХ «Барор» | Ш.Хуҷанд, кӯчаи Камоли Хуҷандӣ, 142, хуҷраи 6 |
| **42.** | ФҚХ “ПАХТАОБОД” | Ноҳ. Восеъ, ҷам. Деҳ. М. Вайсов, деҳаи Чорбоғ |
| **43.** | ФҚХ “ДЕХКОНАРИК” | Ноҳ. Фархор, ҷамоати Деҳқонарик, деҳаи Арча |
| **44.** | ФҚХ “Қуллаи Умед” | Ноҳ. Тавилдара, ҷамоати деҳоти “Чилдара” |
| **45.** | ФҚХ “СОЛИҲИН” | Ноҳ.Восеъ, ҷам. Деҳ. “Мичурин” деҳаи Анористон |
| **46.** | ФҚХ “Фонди бозтамвил” | Ш.Душанбе, н.Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан, 18, |
| **47.** | ФҚХ “Мададгор-Д” | Ш. Кӯлоб, ҷамоати деҳоти Даҳана, деҳаи Даҳана |

Манбаъ: таҳияи ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: https://nbt.tj/tj/banking_system/organizations/ (санаи истифодабарӣ: 12.04.2024).

Вале мутаасифона аз шумораи 47 адад ташкилотҳои маблағгузориҳои хурд ҳамагӣ 5 адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурди зерин: ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл», ҶСП ТАҚХ «Ҳумо», ҶДММ ТАҚХ «Фурӯз», ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА», ҶДММ ТАҚХ «МАТИН» фаъол буда, дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ бо иқтидори нишондиҳандаҳои худ нақши бориз доранд, (**ҷадвали 3.1.2**).

**Ҷадвали 3.1.2. -Иқтидори нишондиҳандаҳои молиявии ТМХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳолати 31.12.2023, млн. сомонӣ)**

| № | НИШОНДИҲАНДАҲО | ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» | ҶСП ТАҚХ «Ҳумо» | ҶДММ ТАҚХ «Фурӯз» | ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» | ҶДММ ТАҚХ «МАТИН» |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **1** | **Дороиҳо** | **1653,3** | **1622,2** | **145,5** | **387,3** | **134,5** |
| **1.1** | Нақдина | 71,9 | 93,6 | 2,8 | 9,9 | 10,1 |
| **1.2** | Барои гирифтан аз БМТ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 45,8 | 215,0 | 1,5 | 35,4 | 18,4 |
| **1.3** | Коғазҳои қиматнок ва сармоягузорӣ | 0,4 | 2,8 | 0,0 | 0,1 | 0,0 |
| **1.4** | Қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафт | 1386,3 | 1153,7 | 103,6 | 308,3 | 74,2 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **1.5** | Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 33,5 | 54,4 | 2,3 | 6,5 | 8,6 |
| **1.6** | Дигар дороиҳо | 115,4 | 102,7 | 35,3 | 27,2 | 23,3 |
| **2** | **Уҳдадориҳо** | **1385,1** | **1351,6** | **119,3** | **335,1** | **96,8** |
| **2.1** | Барои пардохт ба БМТ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 542,9 | 762,5 | 91,8 | 191,1 | 9,7 |
| **2.2** | Амонатҳо | 694,5 | 355,6 | 11,0 | 96,6 | 59,5 |
| **2.3** | Коғазҳои қиматноки баровардашуда | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| **2.4** | Дигар уҳдадориҳо | 147,7 | 233,5 | 16,5 | 47,4 | 27,5 |
| **3** | **Сармояи тавозунӣ** | **268,3** | **270,6** | **26,2** | **52,2** | **37,7** |
| **3.1** | Сармояи пардохташуда | 111,1 | 99,0 | 13,9 | 81,2 | 31,5 |
| **3.2** | Захираҳо | 140,2 | 101,9 | 9,7 | -31,3 | 5,0 |
| **3.3** | Фоидаи соли ҷорӣ | 17,0 | 69,7 | 2,6 | 2,2 | 1,3 |
| | **Уҳдадорӣ ва сармоя** | **1653,3** | **1622,2** | **145,5** | **387,3** | **134,5** |
| | **Нишондиҳандаҳои фаъолият** | | | | | |
| **4.1** | Даромаднокии дороиҳо (ROA, %) | 1,4% | 4,3% | 1,8% | 0,6% | 0,9% |
| **4.2** | Даромаднокии сармоя (ROE, %) | 8,4% | 25,8% | 10,0% | 4,3% | 3,4% |
| **4.3** | Даромади фоизии холис (NIM, %) | 12,2% | 27,3% | 24,3% | 35,1% | 21,7% |
| **4.4** | Меъёри пардохтпазирии ҷорӣ (К-2.1, %) | 63,8% | 127,5% | 90,6% | 118% | 64% |
| **4.5** | Миқдори филиалҳо (адад) | 27 | 24 | 1 | 18 | 10 |
| **4.6** | Марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд (адад) | 99 | 49 | 6 | 7 | 14 |
| **4.7** | Миқдори банкоматҳо (адад) | 59 | 80 | 0 | 4 | 0 |
| **4.8** | Миқдори POS-терминалҳо (адад) | 247 | 1 042 | 0 | 26 | 66 |
| **4.9** | Миқдори кортҳои бонкӣ (адад) | 110842 | 167193 | 0 | 21297 | 7575 |

**Сарчашма:** Ҷустуҷӯйи маълумот ва таҳияи ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон. [манбаи электронӣ]. URL: https://nbt.tj/tj/banking_system/nishondihandaho/financical_indicators.php (санаи истифодабарӣ: 12.04.2024)

Натиҷаи маълумотҳои омории ҷадвалҳои 3.1.1. ва 3.2.2. гувоҳи фарқиятҳои калони шумора амалкунандаи ташкилотҳои маблағгузории хурд ва фаъолнокии онҳо дар бозори маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар таҳқиқотҳои илмии аксари муҳаққиқони ватанию хориҷӣ Мамута М.В., Ҳикматов У.С., Шилов В.А., Сорокина О.С., Уксукова М.С., Ҷабборов А., Ярозян А.Т., Н. Манапаева, Гладкова В.Е. ва диг., ки дар зербобҳои боло мо асарҳояшонро мавриди баррасӣ қарор дода будем, оид ба ин мавзуъ ва ҳалли он якчанд нуқтаи назар ба назар мерасанд. Дар доираи кори илмии диссертатсионӣ таҳқиқоти олимони дар боло номбаршударо мавриди таҳлилу баррасӣ ва омӯзиш қарор дода, ба натиҷае омадем, ки такмили фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории

хурди дар шароити иқтисодиёти ҷумҳурии мо низ ба масоили зерин алоқамандии мустақиму ғайримустақим доранд.

1. Беҳтаргардонии таҷрибаи маблағгузории хурд аз нигоҳи коркард ва такмили маҳсулоту хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд;
2. Унсурҳои асосии тарҳрезии ташкилотҳои маблағгузории хурди устувор;
3. Идоракунии пардохт нашудани қарзҳо ва пешгирии зарарҳо (бохтҳо) - шарти муҳими устувории фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд.

Аз ин рӯ, дар таҳлилҳои минбаъдаи худ мо тарҳрезии ташкилотҳои маблағгузории хурди босуботро яке аз самтҳои рушди раванди маблағгузории хурд арзёбӣ намуда, онро дар се ҷабҳа мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, ба шароити иқтисодиёти ҷумҳурӣ нигоҳ карда, фикру пешниҳодоти худро дар ин зербоб натиҷагирӣ намудем.

1.Коршиносони соҳаи маблағгузории хурд ба он ақидаанд, ки яке аз роҳҳои ташаккул ва равнақи раванди маблағгузории хурд беҳтаргардонии таҷриба аз нигоҳи коркард ва такмилдиҳии маҳсулоти институтҳои маблағгузории хурд ба шумор меравад. Махсусан барои ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки навташкил ҳастанд ва ё дар марҳилаҳои ибтидоии оғози фаъолият дар бахши мазкур қарор доранд, ба масъалаҳои коркард ва такмилдиҳии маҳсулоти ба мизоҷон пешниҳодкунандаи худ бояд диққати ҳамаҷониба ҷиддӣ диҳанд. Ва агар ин ва ё он ташкилоти маблағгузории хурд дар пеши худ мақсад гузошта бошад, ки дар бахши хизматрасониҳои молиявӣ ба аҳолии камбизоату қашшоқ ба муваффақият ноил гардида, фаъолияташро устувору босубот мегардонад, пас бояд ки ба нуқтаҳои зерин аҳамияти ҳамаҷониба диҳад. Дар ҳолати риоя намудану ба инобат гирифтани ин нуқтаҳо ин ташкилотҳо метавонанд муваффақияту босуботии фаъолияти худро таъмин намоянд. Ба инобат гирифтани ин нуқтаҳо ба онҳо имкон медиҳад, ки дар ин бозори нави хизматрасониҳои молиявӣ бо маҳсулоти худ баромад намуда, рақобатпазир бошанд ва ҳиссаи фоидаи худро

соҳиб гардида, босубот фаъолият намоянд. Дар таҷрибаи ташкилотҳои муваффақи ин бахш то имрӯз шартҳое коркард шуданд, ки аз фаъолияти касбии онҳо бароммаданд ва метавонанд ба фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди навташкил таъсири мустақим дошта бошанд. Муҳимтарини онҳоро метавон чунин арзёбӣ кард:

- мувофиқат намудани маҳсулот, яъне хизматрасониҳои пешниҳоднамудаи ташкилоти маблағгузории хурд ба талаботи мизоҷон;
- мувофиқати миқдор ва давраҳои пардохтҳо ба талаботи мизоҷон;
- мувофиқати андозаи қарзҳо ба талаботи мизоҷон;
- таҳқиқи талабот ба қарзҳои инфиродӣ;
- васеъкунии доираи хизматрасониҳои маблағгузории хурди ташкилотҳои маблағгузории хурд барои аҳолии кабизоат;
- таҳқиқи ҷараёнҳои молиявӣ ва сикли пардохтҳо;
- васеъкунии номгӯи маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки институтҳои маблағгузории хурд барои аҳолии камбизоату қашшоқ пешниҳод менамоянд;
- афзун гардонидани чандирии маҳсулоти ташкилотҳои маблағгузории хурд зимни хизматрасониҳои молиявӣ ба аҳолии камбизоату қашшоқ;
- таъмин намудани аҳолии камбизоату қашшоқ бо маҳсулоти хизматрасониҳои суғуртавии ташкилоту муассисаҳои маблағгузории хурд;
- беҳтаргардонии имконниятҳо барои пасандозкуниҳои инфиродии аҳолии камбизоату қашшоқ.

Раванди маблағгузории хурд гувоҳи он аст, ки дар таҷибаи фаъолияти чандинсолаи кории худ институтҳои маблағгузории хурди пешқадам озмоишҳо, таҳқиқҳои зиёде оид ба хизматрасониҳои молиявӣ ба аҳолии камбизоату қашшоқ гузарониданд ва натиҷаҳои хуб ҳам ба даст овардаанд. Назари коршиносон, мутахассисон ва олимонеро, ки дар

ин самт бо онҳо ҳамкорӣ намуданд мавриди таҳлилу омӯзишу натиҷагирӣ қарор дода, мо барои ташкилоту муассисаҳои маблағгузории хурди навбунёд таҷриба намудани чорабиниҳо ва амалиётҳои зеринро пешниҳод менамоем:

➢ дар мавриди ҳалли муштараки проблемаи баргардонидани микроқарзҳо ва фоизи онҳо аз усули гурӯҳии қарздиҳӣ истифода намудан беҳтар аст. Масалан, дар модели Громин Бонк усули гурӯҳии қарздиҳӣ истифода мешавад. Дар гурӯҳҳои ёрии байниҳамдигарӣ (Ҳиндустон) аъзоёни гурӯҳ аз болои қарзҳои гирифтаи гурӯҳ назорат мебаранд;

➢ мавриди ҳалли мушкилоти қарздории мизоҷон ҷадвали такроршавии пардохтҳои қарзии мизоҷонро тартиб дода аз болои иҷроиши муҳлатҳои дар он нишондодашуда назорати доимӣ бурдан лозим аст;

➢ усулҳои соддаву оддии интихоби мизоҷонро истифода намудан барои ташкилотҳои маблағгузории хурд мувофиқи мақсад мебошад;

➢ дар оғози фаъолияти кори истифодаи қарзҳои хеле хурд барои институтҳои маблағгузории хурд самаранок мебошанд. Чунки ин қарзҳо ба маблағҳои воқеан дар пасандозҳои мизоҷонбуда мувофиқат мекунанд, ё худ мизоҷон метавонанд аз шуғли худ ин маблағи қарзиро дар муҳлати муқарраршуда пардохт намоянд;

➢ қарзҳои нисбатан калонтарро барои мизоҷон истифода бурдан мумкин аст, агар баъди оне ки мизоҷ якчанд маротиба қарзҳои хурд гирифта, аз ӯҳдаи пардохти он баромад, ташкилот барои ҳавасмандгардонии мизоҷ метавонад маблағи қарзии нисбатан зиёдтарро барояш пешниҳод намояд;

➢ дар мавриди ҷои гарав ё ӯҳдадориҳоро кафолати гурӯҳҳо ё саҳмҳои ҳатмӣ (масалан, пасандозҳою суғуртакуниҳо) иваз намоянд хеле хуб мешавад;

➢ ҳавасмндии коркунони ташкилотҳои маблағгузории хурди навташкил. Яъне барои аз ҷониби ҳайати коркунони ташкилот фаро гирифта шудани миқдори зиёди мизоҷон ва таъмини самаранокии баланди истифодаи вақту

рӯзи корӣ низоми чораҳои ҳавасмандгардониро ташкил ва ба роҳ мондан лозим аст;

➢ барои ташкилотҳои маблағгузории хурди навташкил стандартикунонии маҳсулот ва амалиётҳо, соддакунии бақайдгирию баҳисобгирии онҳо шарти зарурӣ барои самаранокии фаъолияти онҳо ба шумор меравад;

➢ қобили қайд аст, ки ҳисоботи молиявии дақиқ, сиёсати қатъӣ нисбати қарзҳои баргардониданашуда, истифодаи технологияи ахборотӣ ҳангоми коркарди маълумотҳо ва ҳисобкуниҳо дар системаи баҳисобгири бухгалтерии ташкилоти маблағгузории хурди навташкил самаранокии фаъолияти онро баланд мебардорад.

Дар шакли расм нуктаҳои номбурдаро чунин тасвир намудан мумкин аст,(расми 6).




**Расми 6. Чораҳо оид ба беҳтаргардонии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди навташкил**

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

2.Унсурҳои асосии тарҳрезии ташкилотҳои маблағгузории хурди устувор. Барои бомуваффақият таъмин намудани мизоҷон аз табақоти аҳолии камбизоату қашшоқ бо хизматрасониҳои молиявӣ институтҳои маблағгузории хурдро лозим меояд, ки мушкилоти зиёдеро паси сар намоянд. Дар ҳақиқат, аз даҳсолаҳои охири асри гузашта то имрӯз як миқдори муайяни институтҳои маблағгузории хурд дар боби фарогирии мизоҷон ва устувории фаъолияташон ба муваффақиятҳои калон ноил гардиданд. Албатта чунин раванд натиҷаи ташкили дурусти фаъолият ва қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба баҳодиҳии омилҳои ба устувории фаъолияташ мусоидаткунанда ба шумор меравад. Тибқи чунин қарорҳои идоракунӣ онҳо сиёсати дурусти нархӣ (ставкаҳои фоизӣ), коркарди маҳсулоти мувофиқ ва ҷорӣ намудани технологияи мувофиқи қарздиҳиро ба даст оварда, дар ин бозори навини хизматрасониҳои молиявӣ мавқеъ ва мақоми устуворро дарёфт намуданд. Назари коршиносон ва мутахассисони ин бахшро таҳлилу таҳқиқ намуда, чунин унсурҳои асосиро барои тарҳрезии ташкилотҳои маблағгузории хурди навташкил ва устуворию босуботии онҳо пешниҳод менамоем:

- ❖ дурнамоҳои нақшавӣ, вазифа, фалсафа ва принсипҳои институтҳои маблағгузории хурд бояд хело ҳам равшану фаҳмо бошанд, то ин ки шарикон хеле хуб онҳоро фаҳмида тавонанд;
- ❖ зинаҳои болоӣ ва мобайнии идоракунӣ ва инчунин коркунони ҳайати техникӣ бояд дараҷаи баланди тахассусро соҳиб бошанд ва аз нигоҳи техникӣ муҷаҳҳаз бошанд;
- ❖ роҳбарият ва ҳайати коркунон бояд пурра ба кор дода шуда бошанд ва барои пешомадҳои нақшавию вазифаҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд худро масъул шуморанд;
- ❖ системаи муҳосиботи ташкилотҳои маблағгузории хурд бояд бо сифати баланд кор карда, менеҷеронро бо ахбори дақиқу саривақтӣ таъмин карда тавонад. Ҳолатҳои қаллобиро ошкор намуда, онҳоро ислоҳ намояд ё барои давом кардани онҳо имконият надиҳад;

❖ ташкилотҳои маблағгузории хурд бояд бовар дошта бошанд, ки маҳсулоти қарзӣ ва пасандозии ӯ ба талаботи аҳолии камбизоату қашшоқ мувофиқат менамоянд ва онҳо мизоҷони ташкилотҳои маблағгузории хурд мегарданд.

Қобили қайд аст, ки ташкилотҳои маблағгузории хурд барои устувориро дар фаъолияташон нигоҳ доштан чунин масъалаҳоро бояд пайгирӣ намоянд:

- ченаки фоизи қарзҳо бояд ба маҳаки меъёри бозорӣ мувофиқат намояд ё ба онҳо дар масофаи қариб қарор гирад. Ин ҳолат ба ташкилотҳои маблағгузории хурд имкон медиҳад, ки фоида гирад ва сарчашмаҳои тиҷоратии молиякунониро истифода намояд;
- ташкилотҳои маблағгузории хурд бояд методологияи мувофиқи микромолиякунониро истифода намоянд, то ин ки кафолати фарогирии миқдори заруриь мизоҷон, хизматрасониҳои маблағгузории хурди самаранок ва иҷроиши пардохти қарзҳою ҷамъоварии саҳмҳо бошанд;
- ташкилотҳои маблағгузории хурд бояд амалиётҳо, сиёсат ва ҷузъҳои ҷараёнҳои асосии фаъолияти худро стандартизатсия кунонанд, то ин ки тавассути онҳо қабули босуръати қарорҳои идоракунӣ, камкунии ҳолатҳои қаллобию ришвахӯриро таъмин карда тавонанд. Стандартикунонӣ барои баландбардории фоиданокӣ ва сарфкунии амалиётҳо мусоидат менамояд;
- қарорҳои қатъӣ ва амалҳои ҷиддии роҳбарият назорати хароҷоти асосиро таъмин намуда, хароҷоти ғайримустақимро то дараҷаи минимум кам карда метавонанд;
- ҳайъати коркунон ва хизматчиёни институтҳои маблағгузории хурд бояд хусусиятҳои маҳсулот, сиёсат ва ҷараёнҳои кории ташкилотро хуб донанд. Роҳбарияти муассисаҳои маблағгузории хурд нисбати ҳайати коркунону хизматчиёнаш бояд муносибати хуб дошта бошад. Коркунону хизматчиён бояд ба таври воқеӣ ҳавасманд гардонида шуда, имконоти омӯзиш ва ҳаракатро ба зинаҳои хизматӣ дошта бошанд;

- барои ошкор намудани ҳолатҳои пардохт нашудани маблағҳо ё комёбиҳои амалиётӣ ҳар моҳ таҳлилҳои молиявии пурра ва ҷузъӣ гузаронидан лозим аст;
- банақшагирии фаъолияти корӣ: зарур аст, ки ҳар сол банақшагирии молиявии пурра, тартибдиҳии бюҷет гузаронида шавад. Зимни банақшагириҳои солонаи фаъолият аз инструментҳои идоракунӣ ваояндабинӣ истифода намудан лозим аст.

Дар шакли расм нуқтаҳои номбурдаро чунин тасвир намудан мумкин аст, (расми 7).




**Расми 7. Унсурҳои асосии тарҳрезии ташкилотҳои маблағгузории хурди навташкил ва босуботии фаъолияти онҳо.**

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Банақшагирии бизнес ва ба моделдарории фаъолияти молиявӣ барои фаъолияти устувору босуботи институтҳои маблағгузории хурд нақши асосиро мебозанд. Банақшагирии фаъолияти бизнес ин яке аз равандҳои асосии механизми идоракунӣ, воситаи рушди институти маблағгузории хурд ва инкишофи он ба самти мустақилияти соҳаи молиявӣ ба шумор меравад. Банақшагирии бизнеси ташкилотҳои маблағгузории хурд дар намуди умумӣ аз ду қисмати асосӣ таркиб ёфтааст. Қисмати якуми он унсурҳои муҳими банақшагирии стратегиро фаро мегирад:

- алоқаи байни вазифаҳо;
- муайянкунии бозорҳо ва мизоҷон;
- таҳлили муҳити фаъолият;
- коркарди стратегия.

Қисмати дуввуми банақшагирии бизнеси ташкилотҳои маблағгузории хурд аз унсурҳои асосии банақшагириҳои амалиётӣ таркиб ёфтааст. Унсурҳои асосии банақшагири амалиётӣ ва ба моделдарории фаъолияти молиявӣ инҳоянд:

- муайянкунии маҳсулоти молиявӣ ва хизматрасониҳо;
- муайянкунии каналҳои маркетингӣ;
- банақшагирии имкониятҳо ва захираҳои институтсионалӣ;
- коркарди стратегияи молиякунонӣ;
- таҳлили проектҳои молиявӣ ва индикаторҳо.

Ташкили курсҳо ва семинарҳои омӯзишӣ барои кормандони ташкилотҳои маблағгузории хурд оид ба ин қисмати банақшагирии бизнес ва бамоделбарории фаъолияти молиявӣ ва тарзу усулҳои тартиб додани бизнес-нақшаҳо ва проектҳои молиявӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки дониши андӯхтаи худро дар таҷрибаи кориашон истифода намоянд.

3.Идоракунии пардохт нашудани қарзҳо ва пешгирии зарарҳо (бохтҳо) ҳамчун шарти муҳими устувории ташкилотҳои маблағгузории

хурд. Яке аз муҳимтарин масъалаҳои ба самаранокии фаъолияти институтҳои маблағгузории хурд ва устуворию босуботии онҳо таъсиррасон ин проблемаҳои бозгашт нашудани қарзҳои додашуда, пардохт нашудани маблағҳо аз рӯи ставкаи фоизи қарзҳо ё ба таъхир андохтани пардохти ҳаққи хизматрасониҳои молиявӣ ба шумор мераванд. Пардохт нашудани ин маблағҳои пулӣ ё таъхири пардохти онҳо ба фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд зарарҳои гуногунро ворид месозанд. Ин зарарҳое, ки аз ҳисоби пардохт нашудани маблағу хизматрасониҳои номбурда ворид мегарданд ташкилоти маблағгузории хурдро ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мегардонанд. Ва агар ташкилоти маблағгузории хурд барои бартараф кардани онҳо кӯшиши ҷиддӣ ба харҷ надиҳанд, он гоҳ ин зарарҳои номбурда ташкилотро муфлис мегардонанд.

Муаммоҳои асосии барнагаштани қарзҳои хурд ва пардохт нашудани ҳаққи хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурдро чунин баҳогузорӣ кардан аз имкон дур нест:

- истифодабарандагони микроқарзҳо аз фаъолият оғознамудаашон фоида гирифта натавонистанд;
- мизоҷ аз пардохти хизматрасониҳои молиявии ба ӯ расонидашуда саркашӣ менамояд;
- мизоҷ ахбороти дурӯғ ё нодурустро оид ба пардохти хизматрасониҳои молиявӣ ва муҳлати онҳо қабул намудааст;
- шахси масъул, яъне ҷамъкунандаи қарзҳо ва пардохтҳои онҳо дар маҷлиси гурӯҳҳо иштирок намекунад;
- мизоҷ барои пардохти маблағҳои қарзӣ шавқ надорад;
- мизоҷ аз офати табиӣ зарар дидааст;
- қарз мувофиқи мақсадҳои нишондодашуда истифода нашудааст;
- интихоби нодурусти мизоҷон;
- ҷараёни додани қарз тӯл кашидааст;

- ташкилоти ғайридавлатӣ қарзҳоро дар вақташ пардохт карда натавонистааст;
- ставкаҳои фоизи қарзҳо ба рақобат тобовар нестанд;
- қобили пардохт будани қарзгиранда баҳогузорӣ нашудааст;
- ба қарзгирандагон маблағҳои нисбатан калони қарзӣ пешниҳод карда шудааст;
- мавҷуд набудани системаи баҳисобгирии бухгалтерии хуб фаъолияткунанда.

Дар таҷрибаи амалӣ ба таъхир афтодани пардохти хизматрасониҳои молиявӣ ё умуман пардохт нашудани қарзҳои додашуда дар муҳлатҳои муқарраршуда ба фаъолияти институтҳои маблағгузории хурд бо тарзҳои зерин зарар ё худ таъсири манфии худро мерасонанд:

- таъхири даромад ё аз даст рафтани онҳо ба камшавии даромадҳои институтҳои маблағгузории хурд оварда мерасонанд;
- бӯҳрони маблағҳои накдиро дар фаъолияти ташкилоти маблағгузории хурд ба вуҷуд меоваранд;
- ба сустшавии гардиши портфели қарзӣ ва пастшавии ҳосилнокии активҳои ташкилоти маблағгузории хурд мусоидат менамояд;
- хароҷоти ҷамъоварии маблағҳои пардохтнашуда зиёд мешавад;
- боварии сарпарастон ба воқеияти барномаҳои маблағгузории хурди ташкилотҳои маблағгузории хурд кам мегардад;
- қафомонӣ дар иҷроиши бизнес-нақшаҳои институтҳои маблағгузории хурд ба амал меояд;
- ба дарозмуддатии барномаҳои хизматрасони молиявӣ ва босуботии фаъолияти институтҳои маблағгузории хурд хатарҳо таҳдид мекунанд;
- рӯҳияи муоширати кории ҳайати коркунони ташкилоти маблағгузории хурд зарари маънавӣ мебинад;

- ➢ мумкин аст, ки ба пурра пардохт нашудани маблағҳои қарзӣ оварда расонанд;
- ➢ арзиши захираҳои барои бартарафкунии талафоти маблағҳои қарзӣ равоншуда баланд мегарданд;
- ➢ обрӯю эътибори барномаҳои маблағгузории хурди институтҳои маблағгузории хурд дар назди мизоҷони бовиҷдонаш паст мегардад;
- ➢ боиси он мегарданд, ки институтҳои маблағгузории хурд як қисмати мизоҷони худро аз даст медиҳанд;

Дар таҷрибаи ташкилотҳои микромоливӣ пардохт нашудани маблағҳои қарзӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида ва ба таъхир афтодани мӯҳлатҳои пардохти маблағҳои номбурда зарурати идоракунии онҳоро ба вуҷуд меоварад. Ҳангоми ташкили идоракунии ин намуди мушкилот ба якчанд нуқта диққати ҷиддӣ додан лозим меояд. Мо дар боло бо сабабҳои асосии пардохт нашудани маблағҳои қарзӣ ва ё ба таъхир афтодани онҳо шинос шудем. Тамоми ин сабабҳоро ба ду гурӯҳи калон ҷудо кардан мумкин аст:

❖ сабабҳое, ки зимни ташкили идоракунии оқилона институти маблағгузории хурд метавонад онҳоро бартараф намояд ё таъсири манфии онҳоро то ба дараҷаи минимум оварда расонад;

❖ сабабҳое, ки институти маблағгузории хурд ба онҳо таъсир расонида наметавонад. Зеро ба вуҷуд омадани ин сабабҳо ба омилҳое вобаста мебошанд, ки институти маблағгузории хурд ба онҳо таъсир расонида наметавонад. Баъзе аз омилҳоеро дида мебароем, ки сабабҳои пайдоиши пардохт нашудани қарзҳо ё ба таъхир афтодани пардохтҳои онҳо мегарданд ва институтҳои мирокомолиявӣ онҳоро назорату идора карда наметавонанд:

<u>1.Фалокатҳои табиӣ</u> – заминҷунбиҳо, сӯхторҳо, обхезиҳо ва хушксолиҳо ба иқтисодиёт ва ҳамзамон ба фаъолияти микрокорхонаҳо таъсиру зарарҳои калон мерасонанд.

2.Тағйирот дар сиёсати давлатӣ – истифодаи чораҳои қатъӣ нисбати савдогарони кӯчагӣ, андозҳои нав, ногаҳон муҳоҷир намудани аҳолии камбизоату қашшоқ аз маҳалли зисташон.

3.Бӯҳронҳои инфиродӣ – бемори ё марги сарвари оила, ки хоҷагии хонаводагии камбизоату қашшоқро ба вазъи мушкили иқтисодӣ дучор мекунад.

4.Вазъи иқтисодиёти маҳаллӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ – фаъолияти савдогарони кӯчагӣ, ки бештари онҳо мизоҷони институтҳои маблағгузории хурд мебошанд, аз молҳои воридотӣ вобастагии мустақим дорад.

Мавриди зикр аст, ки ташкилотҳои маблағгузории хурд мунтазам ба муқобили пардохт нашудани маблағҳои қарзӣ ё ба таъхир афтодани пардохти онҳо мубориза мебаранд. Зеро ин пардохт нашудани маблағҳои қарзӣ ва ё таъхири пардохти онҳо барои институтҳои маблағгузории хурд зарар меоваранд. Ва ин зарарҳо хоҳ хурд бошанд ва хоҳ калон, онҳоро пешгирӣ ва идора кардан лозим меояд. Дар таҷрибаи маблағгузории хурд тарзу усулҳои зиёди санҷидашуда ва исботшудаи идоракунию пешгирии зарарҳо мавҷуданд. Муҳимтарини онҳоро пешниҳоди хонанда мегардонем:

- ташкилотҳои маблағгузории хурд бояд ҳамеша ҷонибҳои сусти портфели қарзии худро баҳогузорӣ ва таҳлил намояд;

-ташкилотҳои маблағгузории хурд бояд сабабҳои бохтҳои (зарарҳои) худро таҳқиқ намуда, онҳоро муайян намояд ва стратегияи самараноки назорату бартарафсозии онҳоро бунёд созад;

-менеҷерони ташкилотҳои маблағгузории хурд бояд дар бораи арзиши зарарҳо маълумоти аниқ дошта бошанд, тарзу усулҳои ҳисобкунӣ ва назорати сифати портфели қарзиро хеле хуб донанд;

-ташкилотҳои маблағгузории хурд бояд дараҷаи бохтҳои худро назорат намоянд;

- ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити имрӯза бояд аз стандартҳои байналхалқии қабулшудаи ҳисобкунии объектҳо ва баҳодиҳии сифати портфелҳои қарзӣ истифода намоянд;

-ташкилотҳои маблағгузории хурд усулҳои хосу хусусиятҳои иҷтимоидоштаи ҷамъоварии қарзҳои додашударо аз худ намоянд;

-институтҳои маблағгузории хурд бояд ҳама вақт кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки бохти онҳо ба минимум расонида шаванд.

Барои кам кардан напардохтани қарзҳо ё ба таъхир афтодани мӯҳлати пардохти онҳо ташкилотҳои маблағгузории хурд аз чорабиниҳои ҳавасмандкунанда ва ҷазоӣ истифода менамоянд. Баъзе аз онҳоро барои омӯзишу таҳлил пешниҳод менамоем.

<u>Чорабиниҳои ҳавасмандкунандаи мизоҷон:</u>

- паст кардани ставкаҳои фоизии қарзҳо;
- додани мукофотҳо ба монанди «Ба мизоҷи беҳтарин»;
- ташкили хизматрасониҳои суғуртакунии ҳаёт;
- таъмини қарзҳои фоизҳои паст барои таҳсили фарзандони мизоҷони ташкилот;
- дастгирии қарзҳои хурд барои ҳифзи саломатии хоҷагиҳои хонаводагии камбизоат ва факр;
- ба мизоҷон шароити муосид фароҳам овардан ба намудани хизматрасониҳои таълимӣ-омӯзишии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва ғ.;

<u>Чорабиниҳои хусусиятҳои ҷазоидошта:</u>

- ҷаримаҳо;
- ҷамъкунии гаравҳо ба мақсади таъмини бозгашту пардохтҳои хизматрасониҳои қарзӣ;
- ташриф овардани афсарони қарзии ташкилотҳои маблағгузории хурд ба манзили мизоҷон;
- чораҳои ҳуқуқӣ;

➢ аз даст рафтани имкониятҳои мизоҷон дар боби истифодабарии хизматрасониҳои суғуртавӣ, таълимӣ ва тиббӣ;

➢ ба рӯйхати сиёҳ афтидан. Яъне ташкилотҳои маблағгузории хурд чунин мизоҷони худро ҳамчун мизоҷони «номувофиқ» ба дигар институтҳои маблағгузории хурд муаррифӣ менамояд.

Дар шакли расм нуктаҳои номбурдаро чунин тасвир намудан мумкин аст, (расми 8).




**Расми 3.1.3. Тарзу усулҳои пешгирии зарарҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурди навташкил.**

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Дар идоракунии пардохт нашудани қарзҳо ё ба таъхир афтидани муҳлати пардохти онҳо нақши муҳимро сифати сандуқи қарзӣ мебозад, яъне институти маблағгузории хурд сандуқи қарзии худро баҳо дода истода, муайян мекунад, ки пардохт нашудану ба таъхир афтодани пардохти ин ва ё он миқдор қарзҳо ба фаъолияташ чӣ қадар зиён расонида метавонад. Аз ин рӯ, сифати сандуқи қарзӣ дар институтҳои маблағгузории хурд тавассути индикаторҳои гуногун муайян карда мешавад. Дар таҷрибаи амалии ташкилотҳои маблағгузории хурд бо ин мақсад асосан се индикаторро истифода менамоянд:

- коэффитсиенти хатари портфели қарзӣ аз рӯи муҳлат;
- коэффитсиенти пардохт;
- коэффитсиенти бақияпулӣ.

Коэффитсиенти хатари портфели қарзӣ аз рӯи муҳлат бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$КХ_{ПҚ} = БҚ_{пнт} / ПҚ_{пн},$$

дар ин ҷо: $КХ_{ПҚ}$ – коэффитсиенти хатари портфели қарзӣ аз рӯи вақт;

$БҚ_{пнт}$ – баланси ҳамаи қарзҳои пардохтшудаи таъхиршуда дар ягон давра (масалан, 30 ё 60 рӯзи таъхиршавӣ);

$ПҚ_{пн}$ – портфели қарзии пардохтнашуда.

Ин нишондиҳанда мефаҳмонад, ки агар ҳамаи қарздорони муҳлати пардохташон таъхиршуда ӯҳдадориҳои худро иҷро накунанд, институти маблағгузории хурд чӣ қадар зарар мебинад.

Коэффитсиенти пардохт аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$К_{п} = М_{ПА} / С_{ҚУ},$$

дар ин ҷо: $К_{п}$ – коэффитсиенти пардохт;

$М_{ПА}$ – миқдори пардохтҳои адошуда;

$С_{ҚУ}$ – суммаи қарзҳои умумӣ дар ин давра, ҷамъи қарзҳои таъхиршудаи давраҳои гузашта.

Нишондиҳандаи мазкур миқдори қарзҳои адошударо нисбати суммаи умумии қарзҳо баҳо медиҳад.

Коэффитсиенти бақияпулӣ нишон медиҳад, ки иҷро нашудани пардохти қарзҳо то чӣ андоза васеъ паҳн гардидааст. Яъне, ин коэффитсиент миқдори қарзҳои асосиро, ки бояд пардохт карда шаванд, аммо алҳол пардохт нашудаанд, нишон медиҳад. Ин коэффитсиент аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад.

$$К_{Б} = М_{ҚТ} / ПҚ_{ПН},$$

дар ин ҷо: $К_{Б}$ – коэффитсиенти бақияпулӣ;

$М_{ҚТ}$ – миқдори қарзҳои пардохтнашуда;

$ПҚ_{ПН}$ – портфели қарзии пардохтнашуда.

Ташкилотҳои маблағгузории хурд зимни муайянкунии сифати сандуқи қарзии худ аз индикаторҳои номбурда ва дигар индикаторҳои мавҷуда ба таври комплексӣ бояд истифода намоянд. Зеро истифодаи як индикатор ба масъалаи таҳлилшаванда яктарафа баҳо дода, ҷанбаҳои дигари он аз назар дур мемонанд. Дар натиҷа аз ҳисоби пардохт нашудани қарзҳо ё ба таъхир афтодани пардохти онҳо институти маблағгузории хурд ба бохтҳои калон дучор мегардад, ки идора кардани онҳо хело ҳам мушкил мебошад.

Дар маҷмуъ маҳсулоти қарзии ТМХ ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд: намуди қарзҳои соҳибкорӣ, намуди қарзҳои кишоварзӣ ва намуди қарзҳои чакана, ки ҳаматарафа талаботи ташкилотҳои хурд, соҳибкорони хурду миёна, фаъолияти кишоварзон, занони ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул ва доираи васеи талаботҳои истеъмолӣ ва манзилии қарзгирандагонро қонеъ мегардонанд.

*Гурӯҳи 1: Қарзҳои соҳибкорӣ .* Қарзҳои соҳибкорӣ барои қонеъ намудани талаботҳои ташкилотҳои хурд ва соҳибкорони хурду миёна пешнибӣ шуда, афзалият ба занони соҳибкор дода мешавад. Ин намуди

қарзҳоро барои зиёд намудани воситаҳои гардон, хариди воситаҳои асосӣ ё васеъ намудани соҳибкории хурду миёна истифода бурдан мумкин аст.

*Гурӯҳи 2: Қарзҳои кишоварзӣ.* Маҳсулоти қарзии "кишоварзӣ" ба хоҷагиҳои деҳқонӣ/деҳқонон барои кишти зироатҳо, чорводорӣ, коркард- захиракунӣ ва ба фурӯш баровардани маҳсулоти кишоварзӣ пешбинӣ шудааст. Бартарии ин маҳсулот дар он аст, ки муҳлати қарз ва муҳлати имтиёз барои пардохти қарзи асосӣ зиёдтар дорад. Ин бартарӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ/деҳқононро дар идораи мавсимнокӣ дастгирӣ менамояд, танҳо агар маблағи қарз дар самти зарурӣ равона шуда бошад. Қарзҳои кишоварзӣ барои ҳама намуди зироаткорӣ ва чорводорӣ дар асоси меъёрҳои техникӣ ва агрономӣ арзёбӣ ва таҳлил карда мешаванд.

*Гурӯҳи 3: Қарзҳои чакана.* Қарзҳои чакана ба доираи васеи мизоҷон пешниҳод карда мешаванд, аз ҷумла барои соҳибкорон, хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаҳои давлатӣ/ ғайридавлатӣ ва деҳқонон. Қарзҳои чакана ба мизоҷон имконият медиҳад, ки онҳо ниёзҳои гуногуни истеъмолии худро қонеъ намоянд, аз ҷумла таҳсил, муолиҷаи тиббӣ, харидории васоити рӯзгор, саёҳат ва ғайра. Қарзҳои чакана ҳам бо асъори миллӣ ва ҳам бо асъори хориҷӣ пешниҳод карда мешаванд.

**Идоракунии пардохт нашудани қарзҳо дар ТМХ.** Агар пардохти моҳонаи қарз дар рӯзи муқарраршуда пардохт нашавад, онгоҳ қарз батаъхирафтода ҳисобида мешавад. Маблағи ҷаримаи пардохти моҳона дар асоси талаботи Дастурамали №186 БМТ ҳисобида мешавад. Маблағи ҷарима вобаста ба шумораи рӯзҳои батаъхирафтода ва фоизе, ки аз тарафи роҳбарияти ТМХ дар асоси шарт ва шароити бозорӣ муайян кардааст, ҳисобида мешавад, (ҷадвали 3.1.3).

## Ҷадвали 3.1.3.-Раванди идоракунии қарзҳои таъхирафтода

| № | Рӯзҳои бата/афтода | Амалиёт идоракунии қарзҳои таъхирафтода |
|---|---|---|
| 1. | Рӯзи 1 | Дар рӯзи якуми таъхири пардохти қарз, низоми Бонкӣ ба мизоҷ СМС паёми огоҳӣ оиди ба таъхир гузоштани пардохти моҳонаи қарз ирсол менамояд. |
| 2. | Рӯзи 3 | Корманди қарзӣ бояд фавран бо қарзгир дар тамос шуда, оиди пардохт кардани қарз хабардор намояд. |
| 3. | Рӯзи 5 | Корманди қарзӣ дар рӯзи панҷуми таъхири пардохти қарз мизоҷро бояд боздид намояд ва муайян намояд, ки мушкилоти бавуҷудомада “яккарата” мебошад ё ин ки он метавонад пардохти минбаъдаи қарздоро дар хатар гузорад. |
| 4. | Рӯзи 10 | Оиди ба таъхир афтодани қарз ба Роҳбари МХБ ва Директори Филиал ҳисобот пешниҳод кардан зарур аст. Корманди қарзӣ бояд ба хонаи мизоҷ, нуқтаҳои фаъолияти соҳибкорӣ ё ҷои кор рафта пардохти қарзро талаб намояд. |
| 5. | Рӯзи 20 | Огоҳиномаи аввал ба мизоҷ бояд дода мешавад. Корманди қарзӣ сабаби мушкилии мизоҷро шарҳ дода роҳҳои ҳалли масъаларо пешниҳод менамояд. Ҳисобот дар сатҳи роҳбарият баррасӣ шуда, бо мизоҷ ва бо зомин вохӯриҳо оиди пардохти қарз бояд гузаронида шаванд. Агар зарур бошад, дар ин марҳила тамдиди қарз ба мизоҷ бояд пешниҳод карда шавад. Дар ин марҳила корманди қарзӣ метавонад дархост намояд, ки корманди бозгардонии қарзҳо ё ҳуқуқшинос ӯро ҳамроҳӣ намоянд. |
| 6. | Рӯзи 25 | Роҳбари МХБ, Роҳбари шуъбаи қарзӣ ва корманди бозгардонии қарзҳо ба хонаи мизоҷ рафта бо аъзоёни оилаи мизоҷ бояд ҳамсуҳбат шаванд. Бо зомин вохӯрӣ намуда ӯҳдадории зоминро такроран ба ӯ фаҳмонанд. Пайнавишти вохӯрӣ бо мизоҷ ва зомин бояд тартиб дода шавад ва аз ҷониби тарафҳо ба имзо расонида шуда дар ҷузвдони мизоҷ нигоҳ дошта шавад. |
| 7. | Рӯзи 30 | Дар ин марҳила тариқи почта бо хати супоришӣ (заказное письмо) бо огоҳномаи қабули хат ба мизоҷ, зомин ва гаравдиҳанда Хабарнома бояд ирсол карда шавад. Агар зарур бошад, дар ин марҳила тамдиди қарз ба мизоҷ пешниҳод карда мешавад. Таҷдид ё тамдиди қарз танҳо дар асоси дархости хаттии мизоҷ, арзёбии дурусти мизоҷ ва тасдиқи КҚ Саридора бояд амалӣ гардад. Нархгузории амволи ба гарав гузошташуда бояд аз нав гузаронида шавад. Ҳолати мазкур дар ҳисоботи моҳонаи қарзҳои батаъхирафтода ба қайд гирифта мешавад. Парванда барои оғоз намудани амалиёти бозгардонии қарз ба тартиб даровarda мешавад. Роҳбарияти филиал ба назди мизоҷ, аъзоёни оилаи мизоҷ ва зомин рафта бо онҳо ва бо гаравдиҳанда, агар шахси сеюм бошад, ҳамсуҳбат шаванд. |
| 8. | Рӯзи 31 | Дар ин марҳила ҳисоби фоиз ва ҷаримаҳо дар ҳисоби тавозунӣ қатъ карда мешаванд ва ба ҳисоби ғайритавозунӣ гузаронида мешаванд. Агар зарур бошад, дар ин марҳила тамдиди қарз ба мизоҷ пешниҳод карда мешавад. Дар ин марҳила роҳбарияти филиал ҳамаи роҳҳои бозгардонии қарзро бояд амалӣ намояд. |
| 9. | Рӯзи 45 | Дар ин марҳила тариқи почта бо хати супоришӣ (заказное письмо) бо огоҳномаи қабули хат ба мизоҷ, зомин ва гаравдиҳанда Мактуби иддао бояд ирсол карда шавад. |
| 10. | Рӯзи 60 | Амалиёти барқарорсозии қарз аз тарафи гурӯҳи бозгардонӣ амалӣ карда мешавад. Гурӯҳи бозгардонӣ моликиятҳои соҳибкории мизоҷро ва хонаи мизоҷро боздид намуда, фаъолияти мизоҷро таҳлил менамоянд. Инчунин, гаравро аз нав нархгузорӣ намуда, бо зомин вохӯрӣ мегузаронанд. Агар тариқи гуфтушунид бозгардонии қарз аз тарафи мизоҷ ва зомин ---------------- |
| 11. | 90 руз ва зиёда | Барои пурра барқарор кардани қарз, гурӯҳи бозгардонӣ фурӯши гаравҳоро бояд ба роҳ монад ё барои аз тарафи зомин пардохт шудани қарз чораҳои конкретӣ андешад. Чораҳои конкретии ҳуқуқӣ бояд андешида шаванд. Аризаи даъвои ба Суди дахлдор бояд пешниҳод карда шавад. |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзишҳо.

Ҳамин тариқ, дар хулосаи зербоби мазкур метавон гуфт, ки барои такмили ташкилотҳои маблағгузории хурди дар шароити иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба масоили дар боло баррасишуда диққати ҷиддӣ дода, суботи молиявию иқтисодии ТМХ-ро таъмин намудан зарур аст. Инчунин пайгирии масъалаҳои зерин пешниҳод мегардад:

1) Дастурамали қарзии ҳар як ТМХ раванди идоракунии қарзҳои батаъхирафтодаро қадам ба қадам пешниҳод менамоянд. Қарз онгоҳ пардохтнашуда ҳисобида мешавад, агар: 1) мизоҷ пардохти қарзро мувофиқи шартномаи қарзӣ сари вақт иҷро карда натавонад; 2) қарз дар асоси қарори Кумитаи қарзӣ ё қарори суд аз ҳисоб хориҷ карда шавад; 3) дархост оиди мурофиаи судӣ ба суд пешниҳод шуда бошад; 4) қарз дар асоси қарори Кумитаи қарзӣ ҳамчун қарзи пардохтнопазир ҳисобида шавад;

2) Кормандони бозгардонии қарзҳо ҳангоми барқарор кардани қарзҳои пардохтнашуда стратегияҳои гуногунро истифода бояд баранд. Дар мадди аввал онҳо ҳолати молиявӣ ва ғайримолиявии мизоҷро арзёбӣ менамоянд ва муайян менамоянд, ки мизоҷ ба шартҳои тамдид/таҷдид кардани қарз мутобиқат мекунад ё не. Агар кормандони Шуъбаи бозгардонии қарзхо муайян намояд, ки мизоҷ қобилияти пардохти қарзро дорад, вале бо бонк ҳамкорӣ кардан намехоҳад, онгоҳ ӯ чораи ҷиддитар барои барқарор кардани қарз меандешад. Агар қарзи мизоҷ бе гарав бошад, дар ин ҳолат корманди қарзи ва корманди бозгардонии қарзҳо бо зомини мизоҷ вохӯрда оиди ӯҳдадории он барои пардохти қарзи мизоҷ суҳбатҳо мегузаронанд. Агар гарав ба тавозун гирифташуда фурӯхта шавад, амалиёт бояд шаффоф гузаронида шавад. Яъне қисми зиёдатии маблағ, ки аз ҳисоби фурӯши гарав ба даст омадааст, бо гирифтани ҳуҷҷати тасдиқкунанда бояд ба мизоҷ баргардонида шавад. Мувофиқи шартномаи қарзӣ, зомини мизоҷ метавонад дар раванди фурӯши гарав иштирок намояд, то ин ки рафти кор ва ӯҳдадориҳои худро дарк намояд;

3) Ҳолатҳое мешаванд, ки фурӯши амволи ба гаравмонда бо сабаби даст кашидани мизоҷ аз ҳамкорӣ ва дигар сабабҳои алоқаманд ғайриимкон мегардад. Дар чунин ҳолат кормандони Шуъбаи бозгардонӣ бо қарори Кумитаи қарзии Роҳбарияти ТМХ амалҳои ҳуқуқиро (даъвои судӣ) оғоз менамояд. Ҳуқуқшиноси филиал тамоми ҳуҷҷатҳои заруриро дар якҷоягӣ бо Шуъбаи назорат ва бозгардонии қарзҳо омода сохта, аризаи даъвогиро дар мақомоти дахлдор ба қайд медарорад. Ҳамаи амалиётҳои бозгардонӣ аз тарафи роҳбарияти шуъбаи назорат ва бозгардонии қарзҳои Саридора назорат карда мешавад.

4) Корманди қарзӣ, директори филиал ва роҳбари МХ то пурра баргардонидани қарзи пардохтнашуда бояд бо мутахассисони Шуъбаи бозгардонии қарзҳо бояд ҳамкорӣ намояд. Бонк таҷрибаи беҳтарини байналмиллалиро дар барқарорсозии қарзҳои пардохтнашуда татбиқ намуда, ҳангоми баррасии қарзҳои мушкилситон меъёрҳои баланди ахлоқиро бояд риоя намояд.

5) Маълум аст, ки даромади бештари ТМХ дар босифат нигоҳ доштани сандуқи қарзии он мебошад. Дар зиёд намудани сандуқи қарзӣ ва босифат нигоҳ доштани он, кормадони қарзӣ ва шуъбаи қарзии ТМХ масъул мебошанд. Ба кормадони қарзӣ аз тарафи шуъбаи қарзӣ нақшаҳои ҳармоҳаи тавсеаи қарз ва шумораи қарзгирон, тарҳрезӣ карда мешавад. Корманди қарзӣ мебояд, ҳаррӯза пардохтҳои қарзиро назорат намояд ва дар баробари ин тавзеи қарзро иҷро намояд. Яъне тавсеаи қарз бояд аз пардохти қарз ҳаррӯза зиёд бошад. Зиёдшавии сандуқи қарзӣ ҳаррӯза бояд афзоиш ёбад. Кормандони қарзӣ бояд аз марҳилаи қарздиҳӣ то пурра пардохт шудани қарз, назорат намоянд. Онҳо бояд назорат намоянд, ки қарзҳо дар муҳлати муқарраршуда пардохт шуда истодаанд. Ҳамаи мизоҷон ду рӯз пеш аз санаи пардохти моҳонаи қарз бояд СМС паёмро оиди санаи пардохти қарз дастрас намоянд. СМС паём дар худ бояд рақами суратҳисоб, санаи пардохти моҳона, маблағи пардохти моҳона, асъор ва маълумот барои тамосро дарбар гирад.

6) Ҳар як ТМХ мувофиқи сиёсати қарзи худ, ба кормадони қарзӣ меъёри (лимити) сандуқи қарзӣ ва шумораи қарзгиронро муайян ва пешниҳод менамояд. Кормандони мутасаддии қарзӣ бояд, аз меъёри муқарраршуда зиёд сандуқи карзӣ ва шумораи мизоҷонро зиёд накунанд. Чунки ба корманди қарзӣ назорат ва идора кардани мизоҷони фаъол, мушкил мебошад.

## 3.2. Танзими давлатии ташаккул ва равнақи бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мушкилоти асосии бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки нокифояи чунин ташкилотҳо дар қарздиҳӣ ба соҳибкории хурду миёна ва танзими номукаммалии фаъолияти онҳо мебошад, ки ба коҳиши хатари ин соҳаи молиявӣ монеъ мешавад.

Маблағгузории хурд дар саросари ҷаҳон ҳамчун механизми муассири мубориза бо камбизоатӣ эътироф шудааст. Дар маҷмуъ, онро метавон ҳамчун як соҳаи молиявӣ муайян кард, ки барои расонидани хидматҳои асосии молиявӣ махсусан ба одамони камбизоат - онҳое, ки ба хидматрасонии молиявии муқаррарӣ дастрасӣ надоранд, муайян карда мешавад.

Новобаста аз як қатор тамоюлҳои мусбате, ки дар айни замон дар соҳаи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омадааст, як қатор масъалаҳои мушкиле боқӣ мондаанд, ки ба рушди пурраи ин соҳа дар бозори маблағгузории хурд халал мерасонанд:

- Махсусан дар сатҳи паст қарор доштани қонеъ гардонидани талабот ба захираҳои маблағгузории хурд;
- Таъмини нокифояи ҷанбаҳои методологии фаъолияти маблағгузории хурд дар системаи идорай;
- Ҳаракати сусти амалии ҷалби сармоягузории ТМХ аз ҷониби сармоягузорон;

- Дар шароити имрӯза ташаккули нокифояи низоми қарзии бисёрзинагӣ бо мақсади васеъ ва рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Рушди фаъол ва талаботи зиёди истеъмолкунандагон ба ин хизматрасониҳои молиявӣ сатҳи зарурии таҳияи заминаи меъёрию қонунгузориро, ки ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва бо назардошти аҳамияти иҷтимоию иқтисодии маблағгузории хурд барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст тақозо мекунад;

Мушкилоти ҷойдоштаи зикршуда метавонад имкониятҳои молиявии аҳолиро васеъ намуда, қарздиҳии истеъмолиро афзоиш дода, боиси рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бозорҳои маҳаллӣ мегардад. Аз ин рӯ, рушди самти истеъмолӣ дар маблағгузории хурд ба ташаккули талабот ба молу хизматрасониҳои соҳибкорон дар бозорҳои маҳаллӣ мусоидат мекунад. Аз тарафи дигар, тавре таҷриба нишон медиҳад, як қисми муайяни қарзҳои истеъмолӣ аз ҷониби соҳибкороне ҷалб карда мешавад, ки қарзҳоро барои лоиҳаҳои тиҷоратӣ бо ҷалби маблағ барои қонеъ кардани ниёзҳои ҷорӣ ва дарозмуддати оилаҳои худ якҷоя мекунанд. Маҳсулоти қарзи истеъмолӣ доираи васеи чунин хидматҳоро пешниҳод мекунад, аз қарзҳои нисбатан хурд то маблағгузории эҳтиёҷоти ҷории оилавӣ то қарзҳои ипотекаи дарозмуддат ва сармояталаб барои харид ё сохтмони манзил. Рушди институтҳо ва технологияҳои маблағгузории хурд омили муҳими муваффақият дар бунёди системаи молиявии фарогир мебошад, ки бояд ба модели диверсификатсияи институтсионалии бозори молиявии чакана асос ёбад. Инчунин, маблағгузории хурд бо нигоҳ доштани вазифаҳои асосии худ оид ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти молиявии соҳибкорони хурду миёна ва маблағгузории талаботи иҷтимоии шаҳрвандон мебошад. Мавриди зикр аст, ки ҳама заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва коргузорӣ барои ташаккул ва равнақи бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд мебошанд, вале баъзе аз мушкилотҳое (тарафаҳои заиф ва хатарҳо) мавҷуд ҳаст, ки ба ин монеа эҷод менамоянд, (ҷадвали 3.2.1).

**Ҷадвали 3.2.1- SWOT - таҳлили вазъи бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Қисматҳои қавӣ (Strengths) | Тарафҳои заиф (Weaknesses) |
|---|---|
| ➢ Мавҷудияти муҳити маблағгузории хурд дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>➢ Имкониятҳои дастрасии аҳолии камбизоат ба маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>➢ Муҳайё будани муқаррароти қонунгузорӣ ва шароити муосиди фаъолият барои соҳибкории хурд бо истифода аз микроқарзҳо бидуни гарав;<br>➢ Ҷой доштани талаботи аҳолӣ оид ба гирифтани қарзҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>➢ Роҳҳои ташаккул ва равнақи бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. | ➢ Маблағи қарзҳои додашаванда хеле хурд буда, мӯҳлаташон кӯтоҳ аст ва ин қарзҳо муттасил дода мешаванд;<br>➢ Сатҳи пасти маърифати молиявии қарзгирандагони ТМХ;<br>➢ Пардохт нашудани аъзоҳақиҳо ва ё бозгашт нашудани қарзҳои додашуда дар муҳлатҳои муқарраршуда;<br>➢ Ғайримақсаднок истифода шудани қарзҳои хурди ТМХ дар ҶТ;<br>➢ Дар сатҳи паст қарор доштани хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд ва истифода нашудани технологияҳои муосири маркетингӣ дар бозори МХ;<br>➢ Захираҳои маҳдуди молиявӣ;<br>➢ Риоя нашудани принсипҳо ва номувозинатии меъёрҳои фоизии фаъолият дар ТМХ. |
| **Имкониятҳо (Opportunities)** | **Хатарҳо (Threats)** |
| ➢ Дастгирии давлатии ташкилотҳои маблағгузории хурд тавассути муайян кардани имтиёзҳо дар қонунгузорӣ;<br>➢ Ҳавасмандии ташкили рақобати солим дар байни ташкилотҳои маблағгузориҳои хурд;<br>➢ Қабули барномаи баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолии камбизоат ва амалисозии он ба воситаи баргузории курсҳои омӯзишии ройгон, семинар-машваратҳо, таҳияи видео-роликҳо, маводҳои таълимӣ;<br>➢ Муайянкунии аҳолии эҳтиёҷдошта ба маблағгузории хурд ва ҷалби онҳо ба фаъолияти соҳибкории хурд ва бизнес-стартапҳо;<br>➢ Васеъ намудани фаъолияти бозори маблағгузориҳои хурд бо истифода аз диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузорӣ. | ➢ Ноустувории фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар бозори қарзии молиявӣ;<br>➢ Хароҷоти барзёди трансаксионнии дастраси хизматрасониҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд;<br>➢ Таъсири бекурбшавии пул ба фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд;<br>➢ Барнагаштани қарзҳои додашудаи ташкилотҳои маблағгузории хурд;<br>➢ Сатҳи пасти ҷалби пасандозҳо (амонатҳо)-и аҳолӣ бо асъори хориҷӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд.<br>➢ Имконияти маҳдуд ТМХ дар самти ҷалби маблағгузорӣ аз шаҳрвандони воқеӣ;<br>➢ Набудани нақшаҳои стратегии мушаххаси ташкилотҳои маблағгузории хурд дар бозори маблағгузории хурд.<br>➢ Таъсири ноустувории вазъи молиявӣ-иқтисодӣ. |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқот ва таҳлили мавзуи илмӣ.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда дар шакли ҷадвали SWOT - таҳлил мо бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки

аз қисматҳои қавӣ, тарафҳои заиф, самтҳои имкониятҳо ва паёмадҳои хатарҳо иборат аст пешниҳод мекунем, бо қисматҳои қаввӣ ва имкониятҳо мо бояд тарафҳои заифӣ ва паёмадҳои хатарҳоро бараф созем.

Аз рӯйи нақшаи SWOT-таҳлил омилҳои асосӣ муайян карда шуданд, ки метавонанд ба ташаккул ва равнақи бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиргузор бошанд. Бинобар ин, мо дар асоси ҷадвали SWOT-таҳлил роҳҳои ташккул ва равнақи бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо андешидан ва амалисозии тадбирҳои гуногун пешниҳод месозем.

Бо назардошти танзими давлатӣ дар бозори маблағгузории хурд тибқи маълумотҳои оморӣ дурнамои рушди ҳиссаи қарзҳои хурд нисбат ба ММД барои солҳои 2024-2035 ба таври зерин таҳия намудем, ки бо роҳи таъмини рушди устувори нишондиҳандаҳои дар зербои 2.3. баррасӣ гардида, аз ҷумла: даромади пулии аҳолӣ, ҳаҷми захираҳои бонкӣ ва афзудани бузургии сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳиссаи маблағгузорӣ баланд шуда, нақши он дар таъмини паст кардани сатҳи камбизоатӣ меафзоянд, (ҷадвали 3.2.2).

**Ҷадвали 3.2.2.- Дурнамои рушди ҳиссаи қарзҳои хурд нисбат ба ММД (барои солҳои 2024-2035, млн. сомонӣ, %)**

| Солҳо | ММД | Қарзҳои хурд | Ҳиссаи ҚХ нисбат ба ММД |
|---|---|---|---|
| **2024** | 132572,31 | 13657,85 | 10,3% |
| **2025** | 142377,06 | 15445,39 | 10,8% |
| **2026** | 152181,82 | 17372,22 | 11,4% |
| **2027** | 161986,57 | 19438,34 | 12,0% |
| **2028** | 171791,32 | 21643,73 | 12,6% |
| **2029** | 181596,08 | 23988,40 | 13,2% |
| **2030** | 191400,83 | 26472,35 | 13,8% |
| **2031** | 201205,58 | 29095,59 | 14,5% |
| **2032** | 211010,34 | 31858,10 | 15,1% |
| **2033** | 220815,09 | 34759,90 | 15,7% |
| **2034** | 230619,84 | 37800,98 | 16,4% |
| **2035** | 240424,60 | 40981,33 | 17,0% |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси амсилаи регрессионӣ.

Ҳамин тавр, интизор шудан мумкин аст, ки ММД дар соли 2035 таҳти таъсири афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба 240424,60 млн.

сомонӣ расонида шуда, қарзҳои хурд бо роҳи танзими давлаии бозори маблағгузории хурд дар асосии механизми амалкунандаи низоми бонкӣ ба 40981,33 млн сомонӣ баробар мешавад. Бояд тазаккур дод, ки дурнамои нишондиҳандаи ММД яке аз вариантҳои имконпазир буда, аз рӯи хати рост бо усули амсилаи ререссионӣ таҳия карда шудааст. Ҳолати инкишофи ММД аз рӯи хати каҷи экспонентавӣ низ аз эҳтимол дур нест.

Мавриди зикр аст, ки ҳалли масоили паст кардани сатҳи комбизоатӣ бо роҳи ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир аст.

Бинобар ин, дар мадди аввал ба масъалаи маърифати молиявӣ диққати аввалиндараҷа бояд зоҳир намуд. Баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ барои кам кардани хатарҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд мусоидат намуда, имкон медиҳад, ки меъёри фоизи пасттар муқаррар карда шавад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки бо дарназардошти ин дар сатҳи қонунгузорӣ дар низоми бонкӣ бештар қонунҳо ва дастурҳо таҳия карда шаванд, ин ба ифшои маълумот дар бораи қарзи хурд нигаронида мешавад.

Бонки миллии Тоҷикистон, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ширкаткунандагои бозор маблағгузориҳои хурд кӯшиш бояд кунанд, ки маърифати молиявии шаҳрвандонро баланд бардоранд ва ба ин васила тасаввуроти дурусти соҳаро дар ҷомеа ташаккул диҳанд, бо истифодабарандагони хизматрасонӣ кор баранд, телефонҳои боварӣ кушоянд, то ки мардум бо савол ё шикоят муроҷиат намоянд;, шаҳрвандон дар бораи амалиёти ташкилотҳои маблағгузории хурд маълумот гиранд. Инчунин зарур аст, ки дар ин замина маводи чопии таълимӣ таҳия карда шавад, аксияҳои ҷумҳуриявии «Рӯзҳои саводнокии молиявӣ» ва дарсҳои кушод дар муассисаҳои таълимӣ баргузор карда шаванд.

Муаммои дигар ин ташаккули меъёрҳои фоизӣ дар бозори маблағгузории хурд баҳисоб меравад. Қарзи таъминнашуда ҳамчун

унсури хавфи баланд дар меъёри фоизӣ инъикос меёбад. Дар ташаккули меъёри фоизӣ ба ғайр аз таваккал, арзиши захираҳои ҷалбшуда, сатҳи таваррум ва хароҷоти баланди марбут ба коркарди муомилоти хурд ҷалб карда мешаванд. Дар мусоҳибаи худ профессор Муҳаммад Юнус се ҳадди меъёри фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурдро муайян кардааст: «Меъёри якум – «Минтақаи сабз» аст ин фаъолияти ТМХ-ро тавсиф мекунад, ки кори дуруст мекунанд ва меъёри онҳо аз арзиши захираҳои ҷалбшуда 10% зиёдтар аст. Агар зиёда аз ин хароҷот 10-15% бошад, пас ин «Минтақаи зард» аст - фаъолияти чунин ТМХ ба стандартҳо мувофиқат мекунад. Дар сурати 15% ё бештар аз он ТМХ ба «Минтақаи сурх» мансуб мешавад, ки онро «Минтақаи қарзии акул» низ меноманд. Аксар вақт пайдоиши бозори маблағгузории хурд маҳз аз «Минтақаи сурх» оғоз мешавад ва дар доираи тамоюли мусбӣ, гузариш тадриҷан ба минтақаи фаъолияти солим мушоҳида мешавад. Бо вуҷуди ин, ҳатто минтақаи солим сатҳи меъёри фоизҳоро нисбат ба бонкҳои тиҷоратӣ баландтар мешуморад, зеро мушкилоти нисбатан баландтари хавфҳо бо захираҳои арзон, баланд бардоштани самаранокӣ ва кам кардани хароҷот ҳал намешавад».[75]

Дар сатҳи равоншиносӣ маълум карда шудааст, ки «Бартарии асосии раванди маблағгузории хурд барои аҳолии камбизоат ин дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ мебошад, на меъёри фоизи ин хадамот. Мизоҷони бозори маблағгузории хурд қарз гирифта, онро пардохт мекунанд ва аксар вақт барои қарзи дуюм бармегарданд. Ин низоми рафтор мавҷудияти қарзҳо ва фоидаи истифодаи онҳоро комилан инъикос мекунад».[76]

Ба хулосаи аслии кори Дэвид Портеус мувофиқ ҳастем ки чунин гуфтааст: «тағйири меъёри фоиз бояд табеи бошад ва то замоне, ки поин

---

[75] Дубровская А., Мухаммад Юнус: «Существующие банки — это банки для богатых» // Деловая газета «Маркер», 2011
[76] Morduch J. (2000), The Microfinance Schism, *World Development*, 28(4), 617–629с.

бурдани меъёр қарзҳои хурдро аз сабади маҳсулоти қарзии ташкилотҳои маблағгузории хурд истисно намекунад, таъсири ин раванд мусбат хоҳад буд. Дар сатҳи табиӣ, паст шудани фоизҳо бо хароҷоти паст, самаранокии баланди ТМХ ва роҳи дурусти иҷрои рисолати маблағгузории хурд ҳамроҳ мешаванд».[77]

Бо назардошти масъалаҳои болозикр илова менамоем, ки шартҳои асосӣ, ки ба танзими давлатии ташаккул ва равнаҳи бозори маблағгузории хурд мусоидат мекунанд ин: 1) таҳкими танзими низоми бонкӣ дар робита ба қарздиҳии истеъмолӣ; 2) сафарбарнамоии ташкилотҳои маблағгузории хурд ба аҳолии табақаҳои ниёзманди шаҳрҳо ва деҳот; 3)баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба ташкилотҳои маблағгузории хурд дар натиҷаи такмили танзими давлатии фаъолияти онҳо; 4)танзими фаъолияти маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли танзими фаъолияти бонкӣ; 5)мустаҳкамсозии бахши ҳуқуқии маблағгузории хурд дар мубориза бар зидди тиҷорати ғайриҳукуқӣ; 6)баланд бардоштани иқтидори назарраси бозори маблағгузории хурд барои соҳибкории хурду миёна; 7)кӯшиш барои пешбурди мутамаддини тиҷорати маблағгузории хурд, ки барои таҳкими он замина фароҳам меорад; 8)назорати мунтазам дар асоси принсипи бонкӣ; 9)зарурати андешидани маҷмуи чораҳо оид ба ҳифзи истифодабарандагони хизматрасониҳои маблағгузории хурд; 10)дар мувозинат нигоҳ доштани меъёрҳои табии фоизи қарзҳои хурд.

Татбиқи ин пешниҳодот бо риояи пайдарпайии амалҳои зерин имконпазир аст, ки ба баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд нигаронида шудаанд:

- таъсиси заминаи қонунгузорӣ, ки фаъолияти самараноки бозори маблағгузории хурдро таъмин мекунад;

[77] Портеус Д. Конкуренция и процентные ставки по микрокредитам //Консультативная группа помощи бедным (CGAP), 2006.-33.

- табақаи махсуси меъёрие, ки ташкилотҳои маблағгузории хурд дар асоси маблағҳои калон барои дастгирии соҳибкории хурду миёна фаъолият мекунанд;
- таъмини ҳамкории воқеии самарабахш байни бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурди ғайрибонкӣ;
- рафъи монеаҳои маъмурӣ барои фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар минтақаҳо;
- татбиқи барномаҳои самараноки давлатӣ оид ба дастгирии маблағгузории хурд;
- омода намудани кадрҳои баландихтисос барои кор дар ташкилотҳои маблағгузории хурд;
- баланд бардоштани шаффофият ва ҷолибияти фаъолият дар бозори маблағгузории хурд;
- кам кардани хатарҳои фаъолияти маблағгузории хурд;
- таҳияи технологияҳои нави ояндадори хизматрасонӣ ба мизоҷон.

Қобили қайд аст, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи рӯзафзуни соҳибкории хурду миёнаро ба маҳсулоти қарзӣ ташкилотҳои бонкӣ пурра қонеъ карда наметавонанд. Ташаккул ва равнақи бозори маблағгузории хурд вазифаест, ки метавонад ин мушкилотро ҳал кунад. Маблағгузории хурд барои васеъ намудани дастрасии корхонаҳои нав ва корхонаҳои хурд, ки наметавонанд аз маҳсулоти бонкӣ истифода баранд (бо сабаби хурд будани қарз, дур будани маҳали аҳолинишин, набудани таърихи қарзии субъект ва ғайра) зарур аст.

Инструменти иқтисодӣ, аз қабили имтиёзҳои андоз ва барномаҳои дастгирии молиявии хурду миёна, метавонанд ба ҳавасмандгардонии равнақи маблағгузории анъанавии хурд бо таваҷҷуҳи хоса ба қарздиҳии самаранок равона карда шаванд. Ҳамзамон, ташкилотҳои қарздиҳии рӯзи корӣ бояд аз ТМХ ҷудо карда шаванд ва қоидаҳои қавии ҳифзи истеъмолкунандагони молиявиро тавассути баррасии парвандаҳо ва

санҷишҳои фаврӣ барои ҷилавгирӣ аз афзоиши қарзи зиёдатӣ ва таҷрибаҳои ситонидани қарз дар соҳаи қарз муқаррар ва назорат кунанд.

Амсилаи мақсадноки таъмини рушди фаъолият дар бозори маблағгузории хурд бартараф ё хеле кам кардани таъсири омилҳои дар боло зикршударо дар бар мегирад. Ин ҳам дар натиҷаи сиёсати иқтисодии пешгирифтаи давлат (афзоиши даромади аҳолӣ, баланд шудани сатҳи саводнокии молиявӣ, кам кардани ҳиссаи музди меҳнати ғайрирасмӣ ва тиҷорати ниҳонӣ) ба даст хоҳад омад. Вобаста ба татбиқи тадбирҳои рушди бахши бонкӣ (аз ҷумла, рафъи номутаносибӣ дар таъмини минтақаҳо бо хизматрасонии бонкӣ). Дар робита ба ин, талабот ба хизматрасониҳои ТМХ аз ҷониби шахсони воқеие, ки ба тиҷорат машғул нестанд, торафт сусттар меафзояд ва бо мурури замон ҳатто коҳиш меёбад. Истисно он аст, ки як қисми қарзгирандагон, ки низоми соддакардашудаи коркарди қарз ва суръати баланди хизматрасониро талаб мекунанд. Онҳое чунин қарзгирандагон имкони гирифтани қарзро аз бонк доранд ва дар ҳолатҳои зарурии маблағгузории фаврӣ аз хизматрасонии ТМХ муроҷиат мекунанд. Омилҳои дар боло тавсифшуда ҳадафҳои ташаккул ва равнақи бозори маблағгузории хурдро муайян мекунанд, ки аз инҳо иборатанд: соддагардонии дастрасӣ ба маблағгузорӣ барои соҳибкорони хурд (ба истилоҳ «стартапҳо»); фароҳам овардани таърихи мусбати қарзӣ бо мақсади дар оянда тавассути бахши бонкӣ ҷалб намудани маблағҳои қарзӣ ва ғайраҳо.

Бозори маблағгузории хурд бояд пеш аз ҳама ҳамчун интиқолдиҳандаи захираҳои молиявӣ барои соҳибкории хурд, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ баррасӣ карда шавад, бинобар ин танзими ин бозор бояд ба баланд бардоштани дастрасии қарзҳо барои ин тоифаи субъектҳои иқтисодӣ равона карда шавад.

1. Барои васеъ намудани дастрасии қарзҳои хурд барои соҳибкорӣ, таваҷҷуҳи ТМХ ба ин сегментро зиёд кардан лозим аст.

Дар байни воситаҳои асосии пешниҳодшуда инҳоянд:

- ❖ Пешниҳоди имтиёзҳои меъёрӣ ҳангоми додани қарзҳои хурд ба аҳолии камбизоат ва соҳибкорон.
- ❖ Имтиёзҳо метавонанд аз рӯйи талаботи нисбатан сабуктар оид ба меъёрҳои ҳатмӣ ва захираҳо оид ба қарзҳои мушкилот татбиқ карда шаванд.
- ❖ Тамдиди кафолати фондҳои гарав барои қарзҳои хурд ба соҳибкорон.
- ❖ Афзоиши маҳдудиятҳо дар доираи барномаи соҳибкории хурд ва миёна барои маблағгузории қарзҳои хурд ба соҳибкорон, ки тавассути ТМХ дода мешаванд.
- ❖ Субсидия додани меъёри қарзҳои хурд ба аҳолии камбизоат ва соҳибкорон.

Дар байни ҳадафҳои такмили бахши маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он инҳоро муҳим медонем:

1) хизматрасонии қарзию амонатӣ ба ҳар як маҳалли аҳолинишини микдоран калони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) дар ҳар як минтақа таъсис додани на камтар аз як ташкилоти қарзии хурди махсуси ғайрибонкӣ ва як ташкилоти маблағгузории хурд;

3) ташаккул додани барномаи қарзҳои хурд барои сохибкории хурд, таъмини алоқа бо ташкилотҳои ғайрибонкии маблағгузории хурд дар доираи меъёри қарзии бисёр бонкҳо;

4) афзудани шумораи умумии карзҳои соҳибкории хурд то дараҷаи хизматрасонии бонкӣ ба ташкилотҳо ва шахсони хуқуқӣ.

Ҳамин тариқ, маълум аст, ки ТМХ дар оянда нақша доранд, ки ба воқеиятҳои тағйирёбандаи иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ шаванд ва аллакай дар ин шароит кӯшиш мекунанд, ки мавқеи худро дар бозори ТМХ нигоҳ доранд.

Инчунин, дар тақвияти гуфтаҳои болозикр оид ба ташаккул ва равнақи фаъолияти бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар расми 9 пешниҳод менамоем.




**Расми 9. Танзими давлатии ташаккул ва равнақи фаъолияти маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**Манбаъ:** *Таҳияи муаллиф.*

Оид ба беҳтар намудани ташаккул ва истифодаи захираҳои бонкӣ чорабиниҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Бақияи озоди маблағҳои захиравӣ дар шакли пасандозҳои бонкҳои боэътимод ҷойгир карда шавад;

2. Ҳангоми сармоягузорӣ принсипи диверсификатсияро риоя бояд кард;

3. Барои нигоҳ доштани қобилияти пардохтпазирии муътадил зарур аст, ки уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат ва миёнамуҳлат танҳо дар дороиҳои кӯтоҳмуддат ва миёнамуҳлат ҷойгир карда шаванд. Маблағи уҳдадориҳои дарозмуддат набояд аз ҳаҷми сармоягузориҳои дарозмуддат зиёд бошад;

4. Аз нуқтаи назари нигаҳдории устувории молиявӣ беҳтар аст, ки активҳои дарозмуддат аз ҳисоби маблағҳои худи ТМХ, яъне фондҳо захираҳо ва маблағгузории мақсадноки бебозгашт ва ҳиссагузориҳои саҳҳомон ташкил карда шаванд;

5. Баҳисобгирии самаранокии ҳар як самти ташаккули сандуқи қарзӣ аз рӯи гардиши пули накд, кам кардани хавфи қарзӣ, талабот ба ҳар як намуди қарз зарур аст;

6. Барои кам кардани хавфи аз даст додани даромаднокӣ зарур аст, ки аз номи саҳмдорон бо ташкилотҳои молиявие, ки дар бозори коғазҳои қиматнок амал мекунанд, шартномаҳо баста шавад;

7. Гузариш ба низоми соддакардашудаи андозбандӣ захираҳоро барои пардохтҳои андоз сарфа менамояд.

Татбиқи ин тавсияҳо оид ба беҳтар намудани фаъолияти ТМХ дар бозори маблағгузории хурд имкон дорад, ки на танҳо барои аксарияти аҳолии тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки барои соҳибкории хурду миёна дастрасии қарзҳои хурдро ба даст овард, ки ин боиси коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва поин шудани сатҳи хатарҳои молиявӣ мегардад.

Хулосаи мо оид ба зербоби мазкур чунин аст. Дар асоси мушкилоти мавҷуда дар соҳаи маблағгузории хурд андешаҳои имконпазир оид ба ҳалли онҳо заруранд.

Якум, зарур аст, ки меъёрҳои қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти маблағгузории хурд, инчунин пурзӯр намудани назорати давлатию ҳуқуқӣ аз болои фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, муайян кардани моҳияти дақиқи фаъолияти маблағгузории хурд ва доираи шахсоне, ки метавонанд ин фаъолиятҳоро анҷом диҳанд, зарур аст.

Дуюм, барои ТМХ-и ғайритиҷоратӣ ва тиҷоратӣ заминаи алоҳидаи қонунгузориро таҳия кардан лозим аст. Ин аз он сабаб аст, ки ташкилотҳои маблағгузории хурди ғайритиҷоратӣ, аксаран, ташкилотҳои зерсохтории дастгирии соҳибкории хурду миёна мебошанд, ки бо мақсади рушди маблағгузории хурд барои соҳибкории хурду миёна таъсис ёфтааст.

Сеюм, масъалаи ба охир расондани меъёри конунгузорӣ аз ҷиҳати танзими меъёри фоиз дар сатҳи давлатӣ (бо муқаррар намудани максимум ва ё бо таносуби муайян ба меъёри бозтамвил вобаста) бояд ҳал карда шавад. Аммо дар баробари ин масъалаи бо пул таъмин кардани худи ТМХ бояд хал карда шавад. Мушкилотро тавассути тағйироти қонунгузорие, ки ба ТМХ барои ҷалби пасандозҳо иҷозат медиҳад, ҳал кардан мумкин аст, ки дар принсипҳо ва хусусияти фаъолияти ин ташкилотҳои молиявӣ тағйироти куллиро ба вуҷуд меорад.

Чаҳорум, салоҳиятҳои назоратии Бонки миллии Тоҷикистонро дар самти назорат аз болои иҷрои қонунгузории амалкунанда аз ҷониби ташкилотҳои маблағгузории хурд бо мақсади пешгирӣ намудани амалияи такрори онҳо ҷудо кардан зарур аст.

Панҷум, қадами навбатӣ бояд фарогирии аҳолӣ бо хизматрасониҳои маблағгузории хурд тавассути баланд бардоштани маърифати молиявӣ ва маълумотдиҳӣ дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд ва самти иҷтимоии онҳо бошад.

## 3.3. Таҷрибаи хориҷии рушди маблағгузориҳои хурд ва имконоти истифодаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо вуҷуди он ки мушкили камбизотӣ дар тӯли таърихи мавҷудияти давлатҳо дар ҷомеа вуҷуд дошт, имрӯз он ҳалношуда боқӣ монда, яке аз мушкилоти ҷиддии ҷомеа маҳсуб мешавад. Маблағгузории хурд дар саросари ҷаҳон ҳамчун механизми муассири мубориза бо камбизоатӣ эътироф шудааст. Дар маҷмуъ, онро метавон ҳамчун як соҳаи молиявӣ муайян кард, ки барои расонидани хидматҳои асосии молиявӣ махсусан ба одамони камбизоат - онҳое, ки ба хидматрасонии молиявии муқаррарӣ дастрасӣ надоранд.

Ташкилотҳои маблағгузории хурд ба воситаи хидматрасониҳои молиявӣ дар самти паст кардани сатҳи қамбизоатӣ нақши муҳимро мебозанд. Дар ин ҷода, махсусан, хизмату фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд шоёни дастгирӣ мебошад. Дар давлатҳои гуногуни дунё, аз қабили Бангладеш, Ҳиндустон, Индонезия, Боливия, Камерун, Ҳабашистон, Гамбия, Гана, Мадагаскар, Марокаш, Непал, Перу, Филиппин, Уганда, Замбия ва ғ. ҳазорҳо ташкилоту муассисаҳои маблағгузории хурд машғули хизматрасониҳои маблағгузории хурд ба аҳолии камбизоату қашшоқ мебошанд.[78] Дар давлатҳои Белоруссия, Украина, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон раванди маблағгузории хурд дар марҳилаи гуногуни ташаккулу тараққӣ қарор дорад.

[78] Кульматова Р.У. Микрофинансирование в странах с переходной экономикой / Р.У. Кульматова // Финансы и кредит. - 2008. -№33. -С.69-77.

Ташкилоту муассисаҳои маблағгузории хурд дар давлатҳои гуногун дар шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд. Баъзе тадқиқотчиёни раванди маблағгузории хурд кулли ташкилоту муассисаҳоеро, ки ба ин ва ё он шакл ба маблағгузории хурд машғуланд, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд:

- институтҳои маблағгузории хурд, ки мақсади асосиашон гирифтани фоида ба шумор намеравад;
- институтҳои маблағгузории хурд, ки мақсади асосиашон ҳамкориҳои муфид, яъне ҳамкориҳои барои тарафайн фоиданок мебошад;
- институтҳои маблағгузории хурд, ки мақсади фаъолияташон гирифтани фоида ба шумор меравад.[79]

Ҳамин тариқ, институтҳои маблағгузории хурд бо вуҷуди бартариву камбудиҳо ва духелагии фалсафаи фаъолият дар тӯли якчанд даҳсола роҳи хело ҳам ҷиддиро тай намуда, ба фаҳмиши ҷомеаи ҷаҳонӣ моҳияти арзи вуҷуд намудану зарурати фаъолияти худро расонида тавонистанд. Ва ҷомеаи ҷаҳонӣ низ дар асоси таҳлилу тадқиқи натиҷаҳои фаъолияти онҳо, ташкилоту муассисаҳои маблағгузории хурдро ҳамчун як ҷузъи зарурӣ дар механизми мубориза бар зидди қашшоқию паст намудани сатҳи камбизоатӣ қабул дорад.

Иқтисодшиносони амрикоӣ В.Вудворт ва Г.Уоллер қарзи хурдро ҳамчун, ки тавассути ташкилотҳои маблағгузории хурд амали мегардад «Стратегияи навтарин барои ҳалли мушкилоти камбизоатии ҷаҳонӣ» муайян кардаанд.[80] Имрӯзҳо онҳо дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ барои аз байн бурдани қашшоқию камбизоатӣ дар кураи Замин фаъолият намуда истодаанд. Ин падидаи навини иқтисодӣ зиёда аз 100 давлати дунёро фарогир буда, мувофиқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, дар ҷаҳон зиёда аз

[79] Тағоев Ҷ.Ҳ. Асосҳои микромолиякунонӣ / Ҷ.Ҳ. Тағоев. -Душанбе: Ирфон, 2006. –70 (140) с.
[80] Woodworth W.,Woller G. (1999) What is microfinance. Journal of microfinance, 15, pp.6.

10000 ташкилоти маблағгузории хурд фаъолият мекунанд, ки ба 500 млн. аҳолии камбизоату қашшоқ хизмат мерасонанд ва сармояи дар гардиши ин ташкилотҳо буда, ба зиёда аз 100 млрд доллари ИМА баробар аст.[81] Лозим ба ёдоварист, ки омӯзиши таҷрибаи пешқадами мамолики хориҷӣ дар ҳама бахши фаъолияти иқтисодӣ метавонад натиҷаи мусбат ба бор оварад.

Яке аз намунаҳо ва таҷрибаҳои самарабахши маблағгузории хурд, лоиҳаи бангладешии ба ном «Громин» (Grameen Bank) мебошад. Он соли 1976 аз тарафи профессор Муҳаммад Юнус ҳамчун усули дастгирии молиявии фаъолияти иқтисодии табақоти камбизоати аҳолӣ дар яке аз мамлакатҳои сусттараққикарда ба роҳ монда шуд. Самти асосии барномаи мазкур маҳз ба бартарафсозии ноадолатӣ нисбати камбизоатон, аз ҷумла дар ҳаққи занон бо роҳи инкишоф додани соҳибкории занон баҳри расидан ба ҳадафҳои на танҳо иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ равона шуда буд. Муҳаммад Юнус дар оғоз ба 40 нафар вомгиранда маблағи баробар ба 27 доллари ИМА бо фоизи хеле ночиз, бе пешниҳоди ягон кафолат ва кафилон пешниҳод кард, аммо шарт он буд, ки онҳо бояд тиҷорати оилавии худро васеъ кунанд, ё ба роҳ монанд. Албатта, аз додани чунин маблағҳои дар назар кам Муҳаммад Юнус камбағал намешуд. Баръакс, ӯ маблағҳои худро баргардонид. Аз ҳама муҳим ин буд, ки ӯ ба боварии деҳқонон ҳам сазовор гашт. Ӯ ёдовар мешавад, ки ба ӯ гуфта буданд, ки камбағалон қарзи гирифтаашонро бар нахоҳанд гардонд, зеро наметавонанд, вале Муҳаммад Юнус мегӯяд, ки «Таваккал карда буд. Аз ҳама аҷибаш он аст, ки ҳамаи онҳое, ки қарз гирифта буданд, то тангаи охирин ба ӯ қарзҳояшонро баргардониданд».[82]

[81] Bank of the Lao PDR Financial Institution Supervision Department // Statistics of Microfinanse: Bank of Lao PDR, GIZ. - 2012. -P.22-23.

[82] Микрокредиты от Grameen Bank: бороться с бедностью, а не с бедными. [Электронный ресурс]. URL: http://www.webstandart.net/magaz.php?aid=8324.

Ҳамин тавр, 75%-и занони камбизоат дар Бангладеш узви ин ё он ташкилоте мебошанд, ки ба онҳо барои дастрасӣ ба хизматҳои хуб ва арзони молиявӣ имконият медиҳанд; тахминан 15 млн оилаи бангладешӣ аз қарзи хурд ва хизматрасониҳои дигари молиявӣ истифода мебаранд. Коршиносони ин давлат бар он ақидаанд, ки 40%-и коҳиши умумии сатҳи камбизоатӣ дар Бангладеш маҳз аз хизматрасонии маблағгузории хурд ба даст омадааст».[83]

Натиҷаҳои таҳлили гузарондашуда шаҳодат медиҳанд, ки барномаҳои маблағгузории хурд ҳамчун воситаи мубориза алайҳи камбизоатӣ ва бекорӣ дар давраҳои аввал ба таври васеъ дар мамлакатҳои ҷаҳони сеюм пешниҳод ва амалӣ шуданд. Аммо аллакай дар оғози солҳои 1990-ум аниқ гардид, ки маблағгузории хурдро ҳам дар мамлакатҳои суст рушдёфта ва ҳам дар мамолики рӯ ба тараққӣ истифода бурдан мумкин аст. Он аз ҳудуди мамлакатҳои дорои нишондиҳандаҳои пасттарини тараққиёти иқтисодӣ берун баромада, имрӯз дар мамлакатҳои рушдкарда, ки аҳолиашон аз факр ва камбизоатӣ азият намекашанд, истифода мешавад. Дар ин ҳолат маблағгузории хурд дар мамлакатҳои тараққиёфтаи саноатӣ вазифаи нисбатан дигарро ба ҷо меорад. Яъне дар ин мамолик он ҳамчун «пойгоҳе» барои соҳибкорони нав, ки барои ташкили бизнеси худ сармояи зарурири надоранд, истифода мегардад.

Қарздиҳии хурд дар мамлакатҳои ИДМ. Қарздиҳии хурд дар мамлакатҳои ИДМ нисбатан дертар шуруъ шуда, имрӯз ҳам васеъ паҳн нашудааст. Дар ин ҷо институтҳои маблағгузории хурд дар марҳалаи ташаккулёбӣ ва ҷамъкунии таҷрибаи таҳия ва амалисозии моделҳои ба шароити ин кишварҳо муносиб маблағгузории хурд бо мақсади дастгирии ташаббусҳои соҳибкорон ва таъмини шуғли аҳолӣ мебошанд.

---

[83] Цхададзе Н.В. Рынок микрофинансовых услуг как социально ориентированный бизнес / Н.В. Цхададзе // Перспективы развития экономики и менеджмента. Сборник научных трудов по итогам международной научно-практической конференции. -Челябинск, 2016. -С.29-43.

Дар Ҷумҳурии Белорус ба рушди бозори хизматрасониҳои молиявии хурд таваҷҷуҳи калон зоҳир мегардад. Ин ҷо дар базаи Фонди дастгирии молиявии соҳибкорони Белоруссия лоиҳае амалӣ мешавад, ки мақсади асосиаш таҳия ва амалисозии моделҳои самараноки маблағгузории хурд ба субъектҳои соҳибкорӣ ва бизнеси хурд аст. Низоми маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Белорус дар асоси моделҳои алтернативии бонкии ёрии байниҳамдигарии молиявӣ, маблағгузории суроғадор, дастгирии иҷтимоии молиявӣ ташкил дода шудааст.[84]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди маблағгузории хурд дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ низ ба дастгирии фаъолияти соҳибкории хурд ва микробизнес, тавассути пешниҳоди дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, нигаронида шудааст. Масалан, дар Ҷумҳурии Қазоқистон якбора чанд барномаи маблағгузории хурд амалӣ мешавад. Дар миёни онҳо Барномаи ACDI/VOCA оид ба рушди бизнеси хурд дар Қазоқистон бештар ба муваффақият соҳиб гаштааст, ки мақсадаш беҳтарнамоии вазъи занон ва оилаҳои камбизоат буда, дар базаи Фонди қазоқистонии қарздиҳии оилаҳо ва Барномаи маблағгузории хурд ба қишри аҳолии камбизоат амалӣ мешавад ва барои пешбурди кори он ташкилоти ғайридавлатии «Микрокредит» таъсис дода шудааст. Фаъолияти мазкур ҳоло ҳафт вилояти калони ин ҷумҳуриро фаро гирифтааст.[85]

Ҳамчунин, таҷрибаи муҳим оид ба амалисозии барномаҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳуриҳои Қирғизистон ва Ӯзбекистон ба даст омадаанд. Дар ин кишварҳо шумораи зиёди муассисаҳои молиявии хурд фаъоланд, ки дар фаъолияти худ методология ва технологияҳои гуногуни маблағгузории хурд, принсипҳо ва роҳҳои тақсими онҳоро ба кор мебаранд. Бо вуҷуди ин, аксарияти давлатҳои ИДМ ба ташаккули

---

[84] Овчиян М.Р. Концепция развития микрофинансирования в Республике Беларусь на 2010–2015 годы / М.Р. Овчиян, Ю.В. Малафей. -Мн., 2009.

[85] Цхададзе Н.В. Микрофинансирование за рубежом: опыт решения социальных задач / Н.В. Цхададзе.[Электронный ресурс]. URL:http:// /cyberleninka.ru /article/n/ mikrofinansiro vanie-za-rubezhom-opyt-resheniyasotsialnyh-zadach/viewer (дата обращения 14.10.2021).

шароити нисбатан мусоид барои рушди маблағгузории хурд эҳтиёҷ доранд, ки аз набудани таъминоти ҳуқуқӣ ва базаи нокифояи қонунгузориҳое, ки фаъолияти институтҳои миллии молиявии хурдро ба танзим медароранд, вобаста аст.

Таҷрибаи хориҷии рушди маблағгузории хурд аз ҷониби дигар муҳаққиқони ин мавзуъ низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Масалан, Д.А. Таджибаева, У.А. Бурханов, Н.У. Машарипова равишҳои ин падидаи навини иқтисодиро таҳқиқ ва пешниҳод намуданд, ки таҷрибаи хориҷии рушди инноватсионии раванди микромолиякуниро тибқи равишҳои зерин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст.

**Расми 10.**

**Таҷрибаи хориҷии равишҳои инноватсионии маблағгузории хурд**




**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Албатта, мо ин таҳқиқотро қабул дорем ва он барои афзуншавии донишҳои мо дар ин самт мусоидат мекунад. Ҳамзамон, мо дар ин радиф пешниҳод мекардем, ки агар ғояи маблағгузории хурд (фалсафаи фаъолияти ТМХ) ва бунёди асосҳои ҳуқуқию меъёрии рушди маблағгузориҳои хурд ба он замима мегардид, нақшаи мазкур боз ҳам комилтар мегардид.

Бо пешниҳоди Гумеров В.Ш. «Ҳамчун шартҳои асосии рушди босуръати бахши маблағгузории хурд ва нақши он дар рушди инфрасохтори молиявӣ, ки дастрасии хизматрасониҳои молиявиро барои ҳамаи

категорияҳои аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна дар тамоми минтақаҳои кишвар таъмин менамояд, метавон чунин масъалаҳора ҷудо кард:

- мавҷудияти ҳиссаи назарраси субъектҳои қарздиҳӣ бо даромади камтар аз миёна, ки барои онҳо хизматрасониҳои анъанавии бонкӣ дастрас нестанд;
- сахттар кардани танзими бахши бонкӣ дар қисми қарздиҳии истеъмолӣ, ки оқибати он аз бахши бонкӣ ба бахши маблағгузории хурд рафтани мизоҷон мебошад;
- афзоиши устувори талабот ба маҳсулоти қарзӣ;
- тартиби чандиртар ва соддатари додани қарзҳои хурд;
- мақсаднокии иқтисодии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шаҳрҳои хурд ва деҳот;
- таъсиси асосҳои заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии бозори маблағгузории хурд ва дар натиҷа баланд бардоштани сатҳи эътимод аз ҷониби сармоягузорон ва истеъмолкунандагони эҳтимолӣ;
- танзими "нармтар"; талабот оид ба ташаккули захираҳо барои талафоти эҳтимолӣ аз рӯи қарзҳо, меъёрҳои кофӣ будани сармоя ва сатҳи хавфи қарзии ТМХ дар муқоиса бо бахши бонкӣ;
- васеъшавии фаъолияти ТМХ, тоза кардани бозор аз ширкатҳое, ки амалияи носолимро истифода мебаранд ва кам кардани ҳиссаи бозори танзимнашавандаи молиявӣ ва қарзӣ;
- иқтидори назарраси бозори хидматрасонии маблағгузории хурд барои тиҷорати хурд ва миёна;
- консентратсия ва васеъшавии бахши бонкӣ. Бисёр бонкҳои минтақавӣ маҷбуранд ё муттаҳид шаванд ё бозорро тарк кунанд;
- талош барои ноил шудан ба қоидаҳои мутамаддини пешбурди тиҷорат».[86]

---

[86] Гумеров, В.Ш. Роль института микрофинансирования в развитии экономики / В. Ш. Гумеров // Современные финансово-экономические инструменты развития экономики регионов : сборник

Муҳимияти пайдоишу рушди маблағгузории хурд дар ҷаҳон, ба сабабҳо ва ҳаводиси мухталиф алоқаманд аст, ки муҳимтарини онҳоро гуфта мегузарем. Аҳолии камбизоат ҳам метавонанд барои ҳолатҳои ногувори ҳаёту фаъолияташон ягон миқдор сармоя андӯхт намоянд. Барои аҳолии камбизоат, ки ягон миқдор андӯхт надоранд, ин ҳолат бештар аз сабаби надоштани имконият ба амал меояд. Дар ҳаёту фаъолияти аҳолии камбизоат низ бисёр мавридҳое мешаванд, ки ин табақаи аҳолӣ ба маблағҳои нақдӣ эҳтиёҷ пайдо мекунанд. Ва дар бештари ин ҳолатҳо маблағҳои пулии барои онҳо зарур аз он миқдор пуле, ки онҳо андӯхтаанд, ҳаҷман зиёдтар мебошанд. Барои аҳолии камбизоат чунин ҳолатҳо мавриди хариди маводи озуқаворӣ, доруворӣ, пардохт намудани ҳаққи хизматрасониҳои тиббӣ, гузаронидани ҷашну маросимҳои оилавӣ, хариди чорвои маҳсулдеҳ, қитъаи замин, пардохти ҳаққи омӯзиши фарзандон (маблағи таҳсил), таъсиси фаъолияти соҳибкории хурд ва ғ. ба амал меоянд.

Тавре қайд карда шуд, маблағи андӯхтаи оилаҳои камбизоат бештари вақт барои дар амал татбиқ гардонидани ин чораҳо басанда нест. Дар ин маврид, аксари оилаҳои камбизоат (ё худ хоҷагиҳои хонаводагии камбағал) талаботи худро бо маблағҳои пулии дархостшаванда бо тарзу усулҳои зерин қонеъ мегардонанд:

- аз хешовандони дуру наздики худ қарз мегиранд;
- аз судхӯрони деҳот бо фоизи муайян маблағи заруриро дастрас мекунанд;
- бузу гӯсфанд, гов ё ягон намуди дигари чорвои худро ба бозор бароварда мефурӯшанд ва талаботи худро бо маблағҳои пулӣ қонеъ мегардонанд;
- захираҳои хӯрокворӣ, яъне ғалла, меваю сабзавот, картошка ё ягон намуди маҳсулоти андӯхтаи худро (одатан аз меъёри талаботи оилааш

статей XIV международной научно-практической конференции, Уфа, 24 ноября 2016 года. – Уфа: Общество с ограниченной ответственностью "Аэтерна", 2016. – С. 74-76.с.

зиёдро) ба бозор баровардa мефурӯшад ва аз ҳисоби маблағи бадастомада мушкилоти бамиёномадаро бартараф менамояд;

- аз ҳисоби маблағҳои пулии равонкардаи фарзандони оила, ки дар хориҷи кишвар машғули кор мебошанд, мушкилоти худро ҳаллу фасл менамоянд.

Ҳамчунин, хоҷагиҳои хонаводагӣ барои ҳолатҳои гуногуни кору зидагиашон маблағ андӯхт мекунанд. Бо ибораи дигар, барои ҳалли мушкилоти номуайяне, ки дар оянда ба вуқуъ пайвастанаш мумкин аст, вобаста ба имконияташон пасандоз мекунанд. Чунин амали андӯхти маблағҳои пулӣ аз ҷониби хоҷагиҳои хонаводагии камбизоат (ва ё умуман аз ҷониби аҳолӣ) дар шаклҳои зерин анҷом дода мешавад:

- нигоҳ доштани миқдори муайяни саршумори чорво;
- нигоҳдории маблағҳои андӯхташуда дар шуъбаҳои бонкҳо, ки ба маҳалли зисти ин табақаи аҳолӣ наздиктар ҷойгир шудаанд;
- қарз додан ба ягон шахси боваринок, то ин ки дар ҳолати зарурӣ маблағи худро ба таври фаврӣ гирифта тавонанд;
- андӯхти маблағҳои пулӣ бо роҳи харидкунии қоғазҳои қимматноки фондҳои гуногун, ки фаъолияташон таи даҳсолаҳо босубот арзёбӣ гардидааст;
- нигоҳдори пулҳои қоғазӣ дар хонаҳо (дар сандуқҳо, болиштҳо ва дигар ҷойҳои барои пинҳон намудан мувофиқ);
- андӯхти маблағҳои пулӣ дар шакли воситаҳои зебу зинатӣ, ки аз тиллову нуқра сохта мешаванд.

Аз таҳқиқи масоили дар боло зикр шуда, маълум мегардад, ки оилаҳои камбизоат талаботи молиявии худро тавассути маблағҳои қарзӣ, маблағҳои андӯхтаашон дар шакли пулию молӣ, маблағҳои суғуртанамудаашон ва пардохтҳои трансфертӣ қонеъ мегардонанд.

Худи таҷриба намудани ин намуди хизматрасонӣ дар доираи аҳолии табақаи камбизоату қашшоқ як амали хело ҳам мушкилу дараҷаи таваккалаш баланд ба шумор меравад. Зеро аъзоҳаққиҳои барои полиси

суғуртавӣ ҷудо намудаи онҳо маблағҳои хурд буда, муҳити зиндагии аҳолии ин табақот дараҷаи баланди хатарҳои гуногунро доро мебошад ва вазъи саломатии худи мизоҷон низ на ҳама вақт ба стандартҳои тиббӣ ҷавобгӯ мебошанд. Аммо бо вуҷуди ин далелҳои равшан як қисми зиёди ташкилотҳои маблағгузории хурд ин намуди хизматрасониро дар амал татбиқ гардонида истодаанд. Ҷанбаҳои амалиётии ин намуди хизматрасонӣ дар институтҳои маблағгузории хурди гуногун аз якдигар фарқ мекунанд. Ҷамъоварии воситаҳо ба тариқи ҷамъкунии аъзоҳаққиҳои суғуртавӣ сурат мегиранд ё ин ки аз суммаи қарзи гирифтаи мизоҷон як фоизи муайянро мегардонанд. Дар институтҳои маблағгузории хурди гуногун маблағҳои ба ин мақсад ҷамъовардашударо бо номҳои гуногун номгузорӣ намудаанд: фонди ҳолатҳои ниҳоят зарур, фонди офатҳои табиӣ, фонди суғурта ва ғ.

Хусусиятҳои барқароршавӣ ва рушди бозори маблағгузории хурд дар Тоҷикистон. Рушди маблағгузории хурд ва институтҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусиятҳои умумӣ бо тамоюли умумиҷаҳонӣ ва таҷрибаҳои хориҷӣ мебошад. Аммо баробари ин, дар ҷумҳурии мо он бо як қатор махсусиятҳои хос фарқ мекунад, ки ба вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ, махсусияти ҷуғрофӣ ва нокомилии муайяни институтсионалии бозори ташаккулёбандаи ватанӣ вобаста аст. Баъзе хусусияти фарқкунандаи бозори маблағгузории хурди Тоҷикистонро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

- фарқияти назаррас дар байни талабот ва пешниҳод дар бозори хизматрасониҳои маблағгузориҳои хурд;
- мавҷудияти ҳадафҳои ғайритиҷоратӣ дар фаъолияти ТМХ;
- фишори ташкилотҳои сектори молиявии расмӣ дар бозори пешниҳоди хизматрасониҳои молиявии хурд;
- ҳавасмандсозии начандон фаъоли бонкҳои ватанӣ дар таҳия ва амалисозии барномаҳои худии маблағгузории хурд;

- истифодаи нисбатан ками реҷаи имтиёзҳо ба ТМХ барои рушди бозори хизматрасониҳои маблағгузории хурд;
- начандон фаъол будани механизмҳои ҳавасмандсозӣ ва дастгирии буҷетии раванди маблағгузории хурд; дар зинаи ташаккул қарор доштани сегментатсияи бозори микромолиякунонии ҷумҳурӣ.

Махсусиятҳои маблағгузориҳои хурд дар мамлакатҳои аз ҷиҳати саноатӣ пешқадам. Тамоми заминаҳо барои амалисозии муваффақонаи барномаҳои маблағгузории хурд дар мамлакатҳои аз ҷиҳати саноати пешрафта, аз қабили ИМА, Фаронса, Олмон, Британияи Кабир, Канада, Шветсия ва ғайра мавҷуданд. Дар ин мамлакатҳо бозори маблағгузории хурд ба сифати фишанги самараноки ҳалли вазифаҳои иҷтимоие ба монанди коҳиши сатҳи бекорӣ, расонидани кумаки молиявӣ ба шаҳрвандони аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир аз ҳисоби амалисозии иқтидорҳои эҷодӣ ва соҳибкории онҳо; таъмини муттаҳидшавии безиёни муҳоҷирон ва кӯчбастагони ҷомеа истифода бурда мешавад. Маблағгузории хурд дар мамлакатҳои рушдёфта бо иҷрои доираи васеи вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ: аз дастгирии қишри камбизоати аҳолӣ то ҳавасмандсозии ташаббусҳои соҳибкорӣ, аз тарафи ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҳам аз ҷониби муассисаҳои махсуси давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳои мазкур имконият медиҳад, ки ба қишри камбизоати аҳолӣ кумаки аз ҷиҳати миқёс калонро расонанд. Дар ин маврид дар бисёре аз ин мамлакатҳо ду методи мубориза алайҳи фақр мавҷуд аст:

1) дастгирии субсидияшавандаи молиявӣ ба камбизоатон;

2) пешниҳоди имконият барои машғул шудан ба бизнес. Дар ҳолати дуввум низ барои омӯзиши малакаҳои соҳибкорӣ ва идораи бизнес кумаки калон расонида мешавад.[87]

[87] Гладкова В.Е. Роль и место микрофинансирования в современной кредитной системе: монография / В.Е. Гладкова. -М.: Наука и образование, 2012. – 9с.

Ҳиссаи аҳолӣ дар ИМА, ки ба хизматрасониҳои анъанавии бонкӣ фаро гирифта нашудаанд, танҳо 5-6%-ро ташкил медиҳад, ки ин ҷиҳат онро аз давлатҳои нисбатан камрушдёфта фарқ мекунонад. Равишҳои мазкур дар ИМА на танҳо ба танзими бозори маблағгузории хурд нигаронида шудааст, балки ба таҳияи меъёрҳо ва ҷанбаҳои таъминкунандаи арзёбии фаъолияти институтҳои молиявие, ки дар идораи давлат мебошанд; тартиби пешниҳоди субсидияҳои давлатӣ ва қарзҳои мақсаднок; таҳияи талаботи қонунгузориҳои танзимкунандаи тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои арзон ва мақбули молиявӣ равона шудаанд. Ҳама ташкилотҳои давлатӣ ба кори барномаҳои пешниҳоди қарздиҳои субсидияноки мақсаднок ҷалб карда шудаанд. Дар байни онҳо чунин ташкилотҳоро метавон ном бурд: Хонаи федеролии қарздиҳии ипотекӣ (Freddie Mac), Ассосиатсияи миллии федеролии ипотекӣ (Fannie Mae), Агентии рушди бизнеси хурд, Институти молиявии рушди иҷтимоӣ, ки ҳамаи онҳо маблағҳояшонро ба ташкили рушди иҷтимоӣ, хизматрасонӣ ба аҳолии осебпазир равона мекунанд.[88]

Дар байни давлатҳои тараққикардаи саноатии Аврупои Ғарбӣ маблағгузории хурд беш аз ҳама дар Фаронса инкишоф ёфтааст. Он аз соли 2005 дар ин мамлакат соҳаи афзалиятнок эълон шудааст. Дар доираи барномаи махсуси таъсисёфта ба фаъолияти мустақили соҳибкории аҳолӣ дастгирии молиявӣ расонида мешавад. Дар ин ҷо ташкили бизнеси нав ҳамчун яке аз роҳҳои самараноки таъмини шуғли коргарони кироя дониста шудааст, ки ин дар навбати худ ба коҳиши сатҳи бекорӣ дар мамлакат оварда мерасонад.

Барномаи маблағгузории хурдро дар Фаронса Фонди иҷтимоии ягона амалӣ месозад, ки барои шаҳрвандони бекори хоҳишманди бизнеси худро ташкилдиҳанда кафолати қарз пешниҳод мекунад,

[88] Цхададзе Н.В. Рынок микрофинансовых услуг: мировой опыт/ материалы конференции / Н.В. Цхададзе // Наука в современном мире. –М., 2016. -№10(14). -С.80-90.

ҳамчунин, қарзҳои хурдро ба андозаи аз 500 то 2000 евро ба аҳолии дорои даромади кам пешниҳод мекунад.[89]

Дар баъзе мамлакатҳо, аз он ҷумла ИМА, механизмҳои ҳавасмандсозие истифода мешаванд, ки ба паҳншавии хизматрасониҳои бонкӣ дар бозорҳои маблағгузории хурди сатҳи поёнтар мусоидат менамоянд. Бо вуҷуди ин, дар ҳар ду ҳолат маблағгузории хурд бо амалисозии вазифаҳои худ шакли аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, ҳамчун бизнеси ҳамоҳангшудаи иқтисодию иҷтимоӣ баромад мекунад.

Аз ин рӯ, дар хулосаи зербоб гуфтанием, ки омӯзиш ва имконоти истифодаи ҷанбаҳои мусбати таҷрибаи пешқадами мамолики хориҷии дар ин диссертатсия зикршуда барои ҷумҳурии мо низ муфид арзёбӣ мегардад:

1) барои хонаводаҳо: маблағгузории хурд ба афзоиши даромади хонаводаҳо мусоидат намуда, барои рушди сармояи инсонӣ имконият фароҳам меоварад;

2) барои ашхоси воқеӣ, инфиродӣ, аз ҷумла барои бекорони дорои неруи эҷодӣ ва соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки барои оғози ин ва ё он фаъолият сармоя дастрас намуда, ягон намуди машғулияти фоидаоварро ташкил намоянд;

3) барои корхонаҳои хурд ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) метавонад сарчашмаи беминнати такрористеҳсоли одӣ ва васеъкунии истеҳсолот, ташкили ҷойҳои нави корӣ бошад;

4) дар сатҳи макроиқтисодиёт ба афзоиши шумораи соҳибкорони инфиродӣ мусоидат мекунад;

5) пардохти андозҳо ба буҷаи давлат афзун мегарданд;

6) барои таъмини талаботи аҳолии камбизоат бо пули нақд дар мавриди ҳалли мушкилоти иҷтимоии онҳо сарчашмаи бозътимоди қарзӣ маҳсуб меёбад;

7) дар ҳолати дуруст ба роҳ мондану танзими оқилона ин падидаи иқтисодӣ метавонад барои аҳолии камбизоат ҳамчун ёрии таъҷилӣ хизмат кунад.

---

[89] Цхададзе Н.В. Рынок микрофинансовых услуг как социально ориентированный бизнес / Н.В. Цхададзе // Перспективы развития экономики и менеджмента. Сборник научных трудов по итогам международной научно-практической конференции. -Челябинск, 2016. -С.29-43.

## ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар ҷамъбаст оид ба мавзуи диссертатсия «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин хулосаҳои илмӣ қаноатманд гардидем:

1. Аз рӯйи омӯзиши ҷанбаҳои илмии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар иқтисодиёт муайян карда шуд, ки маблағгузории хурд маънои хизматрасониҳои молиявӣ ба аҳолии камбизоат ва дорои имкониятҳои маҳдуди молиявиро бо мақсади беҳтарсозии сатҳи зиндагӣ ва рушди хоҷагидорию соҳибкории хурду миёна ифода мекунад. Аз ин рӯ, зуҳури раванди маблағгузории хурд ҳамчун як падидаи муҳимми иқтисодӣ дар шароити муосир зарурати воқеӣ дорад. Дар асоси таҳқиқоти илмӣ илова карда шуд, ки дар шароити имрӯза маблағгузории хурд ҳамчун низоми институтҳои маблағгузории хурд барои аҳолии камбизоат ва дорои имкониятҳои маҳдуди молиявӣ намудҳои хизматрасониҳои молиявии зеринро пешниҳод менамояд, аз қабили: хизматрасониҳои қарзӣ; хизматрасониҳо оид ба кушодан ва нигоҳдории пасандозҳо; хизматрасониҳои суғуртавӣ; хизматрасониҳои иҷоравӣ; хизматрасониҳои кафолатӣ; хизматрасониҳо оид ба интиқоли маблағҳои пулӣ; хизматрасониҳои бахши мубодилаи асъорҳо ва ғайраҳо. [1-М]

2. Фаъолияти институтҳои маблағгузории хурд аз унсурҳои асосӣ: 1) муқаддима, мақсад ва фалсафаи кории ташкилот; 2) механизми идоракунӣ, аз ҷумла менеҷерони ҷузъу томҳо ва филиалҳои зерсохтори ташкилот; 3) низоми идоракунии технологияи иттилоотию комуникатсионӣ; 4) асоси захираҳои инсонӣ; 5) бунёди захираҳои молиявӣ; 6) инфрасохтор - биноҳо, нақлиёт, коммуникатсия ва ғ.; 7) маҳсулот ва хизматрасонӣ; 8) методология ва инструментҳо; 9) шабакаи филиалҳо; 10) низоми расонидани хизматҳо (хизматрасониҳо) - шабакаи марказҳо, бонкҳо, нозирон ва ғ.; 11) низоми назорати дохилӣ. Дар миёни қисматҳои гуногуни унсурҳои институтҳои маблағгузории хурд аз ҳама муҳимтаринашон фалсафаи фаъолияту

эътибори онҳо ба шумор меравандю Ин унсур ба тарзи кор, принсипҳои фаъолияти институтҳои маблағгузории хурд таъсири бевосита мерасонанд. [2-М]

3. Мавриди зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузории хурд ҳамчун раванди дастрасии аҳолии камбизоат ва дорои имкониятҳои маҳдуди молиявӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ташаккул ва равнақ ёфта истодааст. Дар ин ҷо ёдовар шудан аз барномаҳои махсуси маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо мусоидати ташкилотҳою институтҳои байналхалқии молиявӣ, ташкилотҳои тиҷоратию ҷамъиятӣ, механизми низоми бонкӣ, ташкилотҳои ғайрибонкӣ ва ғайридавлатӣ дар амал татбиқ гардида истодаанд. Гарчанде падидаҳои аввалини раванди маблағгузории хурд дар ҷумҳурии мо аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқӣ дар шаклҳои гуногун ба мисли: ёрмандиҳо дар шакли маводи озуқа, либосворӣ, доруворӣ ва ғайраҳо барои аҳолии камбизоат ҳанӯз то охири солҳои 1996 арзи вуҷуд дошт, вале таҳқиқот ошкор месозад, ки раванди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли  1996 то 2000 оғоз шудааст. Ин раванд ба оғози фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла: «Merci Corps», «ACTED», «Care Internasion», «АгроАксияи Олмон», Фонди «Сорос», Фонди «Оғохон», «Counterpart Consortium», Барномаи «Рушди СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» марбут аст.[10-М]

4. Коҳиши сатҳи камбизоатӣ ҳамчун вазифаи муҳимми афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳуҷҷатҳои стратегӣ эътироф шудааст. Паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба рушди иқтисодӣ алоқаманд буда, дар натиҷаи таъмини рушди устувори макроиқтисодӣ, беҳдошти вазъи иҷтимоию сиёсӣ дар кишвар ба даст омадааст. Натиҷаи таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо нишон медиҳад, ки ҳамасола нишондиҳандаи камбизоатӣ коҳиш ёфта истодааст. Масалан сатҳи камбизоатӣ аз 53,5 фоизи соли 2007 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш ёфтааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки сатҳи зиндагии аҳолии кишвар тадриҷан бо назардошти нишондиҳандаҳои

таъминоти хонаводагӣ беҳтар гашта истодааст. Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳад, ки дар давоми солҳои 2007-2023 ба андозаи 32646141,7 ҳазор сомонӣ қарзҳои хурд аз ҷониби ташкилотҳои маблағгузории хурд барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ, рушди фаъолияти соҳибкории хурд ва шуғлнокӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум, афзоиши даромаднокии аҳолӣ ва аз ин ҳисоб таъминоти нишондиҳандаҳои хонаводагӣ дар доираи маҷмуи шаклҳои гуногуни хизматрасониҳои молиявӣ дода шудааст.[3-М]

5. Арзёбии раванди маблағгузории хурд ва таъсири он ба пастравии сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳиссаи қарзҳои додашудаи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар қарздиҳии хурди ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар солҳои охир кам шудааст. Ташкилотҳои маблағгузории хурди ҷумҳурӣ, аҳолӣ ва бизнеси хурду миёнаро дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти ҷумҳурӣ хизматрасонӣ менамоянд. Аммо нуқтаи нигаронкунанда ин аст, ки дар давраи таҳлил ҳаҷми қарздиҳии ТМХ ба соҳаҳои бахши воқеии иқтисодиёт тамоюли камшавӣ ба назар мерасад. Вазъи хизматрасониҳои қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар миқёси манотиқи кишвар дар сатҳи нобаробар мебошанд. Махсусан ташкилотҳои маблағгузориҳои хурд нисбати бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар мавриди додани қарзҳо дар минтақаҳо новобаста ба рушди қарздиҳӣ камфаъол мебошанд. Мушоҳида мегардад, ки теъдоди ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои охир аз замони таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» рӯ ба коҳишёбӣ қарор дорад. [14-М]

6. Аз рӯйи нақшаи SWOT-таҳлил омилҳои асосӣ муайян карда шуданд, ки метавонанд ба ташаккул ва равнақи бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир дошта бошанд. Инчунин, дар диссертатсия таъкид шудааст, ки ҳалли масоили паст кардани сатҳи камбизоатӣ бо роҳи ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

имконпазир аст. Бинобар ин, дар низоми бозори дохилии маблағгузории хурд чунин тадбирҳо бояд пайваста андешида шаванд: 1) Ба роҳ мондани назорати мунтазам дар асоси принсипи низоми бонкӣ; 2) Аҳаммияти аввалиндарача додан ба андешидани маҷмуи чораҳо оид ба ҳифзи истифодабарандагони хизматрасониҳои маблағгузории хурд; 3) пайгирӣ ва ҳалли мушкилоти баланд шудани фоизи қарзҳои хурд дар бозорӣ қарзӣ. [13-М]

7. Омӯзиш ва имконоти истифодаи ҷанбаҳои мусбати таҷрибаи пешқадами мамолики хориҷӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муфид арзёбӣ мегардад: 1) метавон гуфт, ки маблағгузории хурд ба афзоиши даромади хонаводаҳо таъсиргузор буда, барои ташаккул ва рушди сармояи зеҳнию инсонӣ имконияти хубро фароҳам оварад; 2) махсусан барои шаҳрвандони воқеӣ, инфиродӣ, аз ҷумла барои бекорони дорои неруи эҷодӣ ва соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки маблағ дастрас карда, ба ягон намуди машғулияти фоидаовар даст бизананд; 3) барои корхонаҳои хурд ва хоҷагиҳои деҳқонӣ маблағгузориҳои хурд метавонанд ҳамчун сарчашмаи беминнати такрористеҳсоли ҷамъиятӣ ва васеъкунии истеҳсолоти гуногун, инчунин ташкили ҷойҳои нави мусоид барои кор бошанд; 4) маблағгузории хурд дар сатҳи иқтисоди миллӣ ба афзоиши шумораи соҳибкорони инфиродӣ мусоидат мекунад; 5) пардохти андозҳо ба буҷаи давлат афзун мегарданд; 6) барои таъмини талаботи аҳолии камбизоат бо пули нақд дар мавриди ҳалли мушкилоти иҷтимоии онҳо сарчашмаи боэътимоди қарзӣ маҳсуб меёбад; 7) дар ҳолати дуруст ба роҳ мондану танзими оқилона ин падидаи иқтисодӣ метавонад барои аҳолии камбизоат ҳамчун ёрии таъҷилӣ хизмат кунад. [2-М]

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот.**

1. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ошкор месозад, ки барои ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд ва нақши он дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, пайгирии ҳалли масъалаҳои зерин муҳим арзёбӣ мегардад: а) татбиқи амалии таҷрибаи пешқадами хориҷӣ дар самти

маблағгузории хурд бо назардошти вазъи хусусиятҳои миллӣ; б) мутобиққунонӣ ва такмили қонунгузорӣ дар самти маблағгузории хурд вобаста ба шароити иқтисоди бозорӣ; в) бунёди инфрасохтори таркибии низоми маблағгузории хурд; г) амалисозии технологияи муосир дар ҷараёни муносибатҳои маблағгузории хурд; д) тавассути барномаҳо ва лоиҳаҳо баландбардории маърифати молиявии аҳолӣ оид ба истифодаи самаранокии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ва хизматрасонии онҳо; е) ташкили самаранокии ҳамгироиҳои соҳибкорон ва корхонаҳо дар шакли кластеркунонӣ; ё) таҳлилуояндабинии нишондиҳандаҳои маблағгузории хурд ва гузаронидани мониторингҳо ҷиҳати ташкили шаффофият; ж) мусоидат дар ташкили рақобати комил, муҳайё намудани шароити тарғибу ташвиқи фаъолияти ташкилотҳо ва мукаммалгардонии хизматрасониҳои молиявии фаъолияти онҳо; з) ташкили механизми дастгирии давлатии ғанӣ гардонидани сандуқи қарзӣ ва таъмини устувории молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва ғайраҳо. [1-М]

2. Дар натиҷаи таҳлил, баррасӣ ва таҳқиқоти илмӣ тавсия мегардад, ки бо мақсади такмили фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити иқтисодиёти ҷумҳурии мо ба масоили зерин аҳаммияти авалиндараҷа бояд зоҳир намуд: а).Ташкилотҳои маблағгузории хурдро зарур аст, ки дар доираи хизматрасониҳои молиявӣ ба талаботи мизоҷон аҳаммияти авалиндараҷа зоҳир намоянд; б) Ба талаботи мизоҷон мутобиқгардонии миқдор ва давраҳои пардохтҳо; в). Мувофиқати андозаи қарзҳо ба талаботи мизоҷон; г). Таҳқиқи талабот ба қарзҳои инфиродӣ; д) Васеъкунии доираи хизматрасониҳои маблағгузории хурди ташкилотҳои маблағгузории хурд барои аҳолии камбизоат; е). Таҳқиқи ҷараёнҳои молиявӣ ва сикли пардохтҳо; ё). Васеъкунии номгӯи маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки институтҳои маблағгузории хурд барои аҳолии камбизоату қашшоқ пешниҳод менамоянд; ж). Афзун гардонидани чандирии маҳсулоти ташкилотҳои маблағгузории хурд зимни

хизматрасониҳои молиявӣ ба аҳолии камбизоату қашшоқ; з).Таъмин намудани аҳоли камбизоату қашшоқ бо маҳсулоти хизматрасониҳои суғуртавии ташкилоту муассисаҳои маблағгузории хурд; и). Беҳтаргардонии имкониятҳо барои пасандозкуниҳои инфиродии аҳолии камбизоат ва камдаромад. [11-М]

3. Бояд қайд намуд, ки баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ ба паст кардани хатарҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд таъсири мусбии худро мерасонад. Итминон дорем, ки бо назардошти ин дар сатҳи қонунгузорӣ ва фаъолиятҳои касбии корӣ дар низоми бонкӣ бештар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ аз қабилӣ: қонунҳо, дастурамалҳо ва низомномаҳои корӣ таҳия карда шаванд, ин ба ифшои маълумот дар бораи хизматрасониҳои маблағгузориҳои хурд нигаронида мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, иштирокчиёни бозори маблагузориҳои хурд кӯшиш бояд кунанд, ки маърифати молиявии шаҳрвандонро дар доираи барномаҳои корӣ ва ҳадафҳои стратегӣ баланд бардоранд ва ба ин васила тасаввуроти дурусти соҳаро дар ҷомеа ташаккул диҳанд.[12-М]

4. Барои такмили фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод менамоем, ки: а) нақшаи устувори стратегӣ, вазифаҳои фаъолият, принсипҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд бояд хело ҳам содда ва аниқу дақиқ бошанд, то ин ки шарикони стратегӣ онҳоро фаҳмида тавонанд; б) зинаҳои болоӣ ва мобайнии идоракунӣ ва инчунин, коркунони ҳайати техникӣ бояд дараҷаи баланди тахассусро соҳиб бошанд ва аз нигоҳи техникӣ муҷаҳҳаз бошанд; в) роҳбарият ва ҳайати коркунон бояд пурра ба кор дода шуда бошанд ва барои пешомадҳои нақшавию вазифаҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд худро масъул шуморанд; г) системаи муҳосиботи ташкилотҳои маблағгузории хурд бояд бо сифати баланд кор карда, менеҷеронро бо ахбори дақиқу саривақтӣ таъмин карда тавонад. [15-М]

5. Барои истифодаи мақсадноки захираҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд амалисозии чорабиниҳои зерин пешниҳод карда мешаванд: а) бақияи озоди маблағҳои захиравӣ дар шакли пасандозҳо дар бонкҳои боэътимод ҷойгир карда шаванд; б) ҳангоми сармоягузорӣ дар фаъолият принсипи диверсификатсияро риоя бояд кард; в) барои нигоҳ доштани қобилияти пардохтпазирии муътадил зарур аст, ки ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат ва миёнамуҳлат танҳо дар дороиҳои кӯтоҳмуддат ва миёнамуҳлат ҷойгир карда шаванд. г) мувозинат ҳамеша нигоҳ дошта шавад, маблағи ӯҳдадориҳои дарозмуддат набояд аз ҳаҷми сармоягузориҳои дарозмуддат зиёд бошад; д) фикр менамоем, ки аз нуқтаи назари нигаҳдории устувории молиявӣ беҳтар аст, ки активҳои дарозмуддат аз ҳисоби маблағҳои худи ташкилотҳои маблағгузории хурд ташкил карда шаванд.[13-М]

6. Мутобиқи дурнамои индикаторҳои байнисоҳавӣ ва муқоисаҳои байналмилалӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 сатҳи камбизоатӣ ба 15 фоиз ва сатҳи фақри шадид ба 0 фоиз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд баробар карда шавад. Барои расидан ба ин мақсади стратегӣ бо назардошти таъсири маблағгузориҳои хурд ба сатҳи камбизоатӣ пешниҳод карда мешавад, ки тадбирҳои асосии танзими давлатии ташаккул ва равнақи бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин тарз ба роҳ монда шавад: а) коҳиш додани ҳиссаи бозори танзимнашаванда бо роҳи додани имтиёзҳо ба ташкилотҳои маблағгузории хурд ва маҳдудияти додани қарз ба ташкилотҳое, ки ба фаъолияти маблағгузории хурд машғул нестанд; б) баланд бардоштани сифати сандуқи қарзии хурд тавассути стандартизатсияи кори ташкилотҳои маблағгузории хурд; в) рушди дастрасии қарзҳои хурд барои аҳолии камбизоат ва дорои имкониятҳои маҳдуди молиявӣ бо мақсади машғул шудан ба соҳибкории хурд ва миёна тавассути додани имтиёзҳо ба ташкилотҳои маблағгузориҳои хурд ва инчунин тавассути барномаҳои дастгирии давлатӣ; г) таъмини шаффофияти ташкилотҳои маблағгузории

хурд ба талабот ва хизматрасониҳо таъсири мусбӣ расонида, ба афзоиши ҳиссаи маблағгузории бозор мусоидат мекунад; д) мутобиқ кардани маҳсулоти қарзӣ ва пасандозии ташкилотҳои маблағгузории хурд ба талаботи аҳолии камбизоату факр.[11-М]

7. Омӯзиши таҷрибаи ташаккул ва рушди маблағгузории хурд дар мамолики хориҷӣ ба роҳ монда шуда, асоснок шудааст, ки ташкилотҳои маблағгузории хурд ба воситаи хизматрасониҳои гуногуни молиявӣ дар самти паст кардани сатҳи камбизоатӣ нақши муҳимро мебозанд. Дар ин ҷода, махсусан, хизмату фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд шоёни дастгирӣ мебошад. Дар давлатҳои гуногуни дунё, аз қабили Бангладеш, Ҳиндустон, Индонезия, Боливия, Камерун, Ҳабашистон, Гамбия, Гана, Мадагаскар, Марокаш, Непал, Перу, Филиппин, Уганда, Замбия ва ғ. ҳазорҳо ташкилоту муассисаҳои маблағгузории хурд машғули хизматрасониҳои маблағгузории хурд ба аҳолии камбизоату қашшоқ мебошанд. Дар давлатҳои Белоруссия, Украина, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон раванди маблағгузории хурд дар марҳилаи гуногуни ташаккулу тараққӣ қарор дорад. [2-М]

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:

## Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ:


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). - Душанбе: Ганҷ, 2016. –136 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонки миллии Тоҷикистон» [Матн] ш. Душанбе, 28 июни соли 2011, №722
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» [Матн] // ш.Душанбе, 19 майи соли 2009, №524 – 43с.;
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» [Матн] // ш. Душанбе, 16 апрели соли 2012, №816 – 17с.;
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» [Матн] // ш. Душанбе, 26 июли соли 2014, № 1108 -31с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» [Матн] // ш. Душанбе, 28 июни соли 2011, №719 – 16с.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2007. - № 545.
8. Дастурамали № 197 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии хурд"
9. Дастурамал №186-и Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ».
10. Дастурамали №253 оид ба талаботи тахассусии муассисон ва роҳбарони Бюрои таърихи қарз
11. Дастурамали №252 дар бораи пур кардани шакли ҳисоботи омории 1-ГПН "Ҳисобот оид ба гардиши пули накд"
12. Дастурамали №251 дар бораи соҳаи истифода, тартиби муомилоти асъори хориҷӣ, тартиб ва қоидаҳои додан ва бозхонд намудани иҷозатнома барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
13. Дастурамали №247 дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ
14. Дастурамали №246 «Оид ба талаботи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти иттилоот ҳангоми ташкили фаъолияти Бюрои таърихи қарз»
15. Дастурамали №243 "Оид ба иҷозатномадиҳии ташкилотҳои қарзӣ"
16. Дастурамали №242 "Дар бораи талабот ба нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ"
17. Дастурамали №241 "Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ"
18. Дастурамали №239 "Дар бораи талаботи сармоягузории ташкилотҳои қарзӣ ба сармояи дигар шахсони ҳуқуқӣ"

19. Дастурамали №240 "Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфи амалиётӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ"
20. Дастурамали №237 “Дар бораи пур кардани шакли ҳисоботи омории №1-ВЭП “Ҳисобот оид ба гардиши маблағҳои пулӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ
21. Дастурамали №234 “Дар бораи тартиби ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани сарватҳои асъорӣ”
22. Дастурамали №229 “Дар бораи тартиби пешниҳод намудани шакли ҳисоботи омории № 1-А “Ҳисобот оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет”“
23. Дастурамали № 230 Дар бораи пур кардани шакли ҳисоботи омории № 1-АҚ “Ҳисобот оид ба амалиётҳои қарзӣ”
24. Дастурамали № 228 “Дар бораи тартиби муайян ва эълон кардани қурби расмии пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ”
25. Дастурамали № 227 "Оид ба корҳои хазинавӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ"
26. Дастурамали № 226 “Дар бораи гузаронидани амалиёти кӯтоҳмуҳлати амонатӣ бо пули миллӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон”
27. Дастурамали №223 “Оид ба тартиби огоҳ намудан дар бораи анҷоми амалиёти асъории марбут ба ҳаракати сармоя”
28. Дастурамали №221 “Дар бораи пур кардани шакли ҳисоботи омории № 1-АП “Ҳисобот оид ба амалиётҳои амонатӣ-пасандозӣ””
29. Дастурамали №171 «Дар бораи кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисобҳои бонкӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”
30. Дастурамали №220 “Дар бораи амалиёти кӯтоҳмуҳлати бозтамвил”
31. Дастурамали №200 "Дар бораи муайян ва санҷидани шахсияти муштарӣ ва молик-бенефитсиар"
32. Дастурамали № 198 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти фондҳои қарзии хурд"
33. Дастурамали №178 «Дар бораи ташкили ҳисоббаробаркуниҳо байни ташкилотҳои қарзӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон»

**Стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ ва маводи оморӣ**

34. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636, - Душанбе: ҶДММ «Контраст» – 88с.
35. Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.// Қарори раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2020, №175.- 9с.
36. Арзёбии камбизоатӣ дар Тоҷикистон: шарҳи методологӣ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе.2015.–34 с.

37. Стратегияи баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015.-Душанбе: ҶММ «Контраст», 2013. - 145 с.
38. Маҷмуаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: 2023.- 419 с.
39. Маҷмуаи омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон //Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.Душанбе:2023.-330 с.
40. Маҷмуаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: 2022.- 414 с.
41. Маҷмуаи омории 30 соли Истиқлолият давлатӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: 2021. - 702 с.
42. Маҷмуаи омории нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.//Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе: 2021.- 84с.
43. Бюллетени омори бонкӣ.//БМТ.: 2011.12(197) -141с.
44. Бюллетени омори бонкӣ.//Бонки миллии Тоҷикистон.: 2012. 12(209) - 151с.
45. Бюллетени омори бонкӣ.//Бонки миллии Тоҷикистон.: 2013.12(221) - 150с.
46. Бюллетени омори бонкӣ.//Бонки миллии Тоҷикистон.: 2014.12(233) - 152с.
47. Бюллетени омори бонкӣ.//Бонки миллии Тоҷикистон.: 2015.12(245) - 164с.
48. Бюллетени омори бонкӣ.//Бонки миллии Тоҷикистон.: 2016.12(257) - 1424с.
49. Бюллетени омори бонкӣ.//Бонки миллии Тоҷикистон.: 2017.12(269) - 144с.
50. Бюллетени омори бонкӣ.//Бонки миллии Тоҷикистон.: 2018.12(281) - 124с.
51. Бюллетени омори бонкӣ.//Бонки миллии Тоҷикистон.: 2019.12(293) - 121с.
52. Бюллетени омори бонкӣ.//Бонки миллии Тоҷикистон.: 2020. 12(305) - 122с.
53. Бюллетени омори бонкӣ.//Бонки миллии Тоҷикистон.: 2021. 12(316) - 100с.
54. Бюллетени омори бонкӣ.//Бонки миллии Тоҷикистон.: 2022. 12 (329) -103с.
55. Бюллетени омори бонкӣ.//Бонки миллии Тоҷикистон.: 2023. 12(341). -104с.

**Манбаъҳои электронӣ:**

56. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/node/32191 (санаи истифодабарӣ: 29.12.2023).

57. Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: https://nbt.tj/tj/banking_system/nadzor.php (санаи истифодабарӣ: 16.04.2024).
58. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.microfinancegateway.org/library/microfinance-barometer-2017. (санаи муроҷиат 19.03.2023)
59. The principles of microfinance and micro credit [Электроный ресурс ]- Режим доступа: http://www. microfinanceinfo.com/the-difinnition-of-microfinance/.(режим доступа – 24.05.2022)
60. Микрокредиты от Grameen Bank: бороться с бедностью, а не с бедными. [Электронный ресурс]. URL: http://www.webstandart.net/magaz.php?aid=8324.
61. Мухаммад Юнус. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.for-real-man.info/content.php?id=97 (санаи муроҷиат 19.05.2023).
62. Сомонаи CGAP. [Манбаи электронӣ]. URL: http: //www. cgap. org/p/site/c/tem plate. rc. (санаи муроҷиат 21.09.2021).
63. Сомонаи Nexit.ru. [Манбаи электронӣ]. URL: http://nexir.ru/referaty/gosudarst vennay politika-v-oblastirazvitiya-mikrofi nansirova (санаи муроҷиат 17.07.2021).
64. Цуциев М. Микрофинансирование - средство борьбы с бедностью и резерв экономического роста / М. Цуциев // Бюджет. - 2007. -№6. [Электронный ресурс]. URL: http://bujet.ru/article/18969.р.
65. Цхададзе Н.В. Микрофинансирование за рубежом: опыт решения социальных задач / Н.В. Цхададзе. [Электронный ресурс]. URL:http:// /cyberleninka.ru /article/n/ mikrofinansiro vanie-za-rubezhom-opyt-resheniyasotsialnyh-zadach/viewer (дата обращения 14.10.2023).
66. Цхададзе Н.В. Микрофинансирование за рубежом: опыт решения социальных задач / Н.В. Цхададзе.[Электронный ресурс]. URL:http:// /cyberleninka.ru /article/n/ mikrofinansiro vanie-za-rubezhom-opyt-resheniyasotsialnyh-zadach/viewer (дата обращения 14.10.2021).

**Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ**

67. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – 516с.
68. Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич. Ташаккул ва рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.Монография. / Ҳикматов У.С. – Душанбе.: «ИРФОН», 2022 – 226 с.
69. Талбак Назарович Назаров. Экономическая реформа, сотрудничество и безопасность (проблемы и суждения). Душанбе: «ЭР-граф», 2013. -264с.
70. Ҷабборов А. Маблағгузории хурд. Китоби дарсӣ.- Душанбе.:"Ирфон", 2011.-274с.
71. Таджибаева, Д.А. Финансовая доступность и микрофинансирование [Текст]: учебное пособие / Д.А.

Таджибаева, У.А. Бурханов, Н.У. Машарипова. -Ташкент: Baktria press, 2018. - 304с.
72. Тағоев Ҷ.Ҳ. Асосҳои микромолиякунонӣ / Ҷ.Ҳ. Тағоев. -Душанбе: Ирфон, 2006. –140с.
73. Тағоев Ҷ.Ҳ. Асосҳои микромолиякунонӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2012.-140с.
74. Marguerite S. Robinson. The Microfinance Revolution – Volume 2: Lessons from Indonesia. The World Bank, Washington, D.C. Open society institute, New York, 2002 – 463p.
75. Morduch J. (2000), The Microfinance Schism, World Development, 28(4), 617–629
76. Алибоева М. Основы микрофинансирования.Курс лекции.-Душанбе, 2006.-175с.
77. Гладкова В.Е. Роль и место микрофинансирования в современной кредитной системе: монография / В.Е. Гладкова. - М.: Наука и образование, 2012. – 126с.
78. Гладкова В.Е. Роль и место микрофинансирование в современной кредитной системе.-М.,2012.-С.99
79. Гумеров, В.Ш. Роль института микрофинансирования в развитии экономики / В. Ш. Гумеров // Современные финансово-экономические инструменты развития экономики регионов : сборник статей XIV международной научно-практической конференции, Уфа, 24 ноября 2016 года. – Уфа: Общество с ограниченной ответственностью "Аэтерна", 2016. – 379с.
80. Д.А.Таджибаева, У.А. Бурҳонов и Машрапова Н.У. Финансовая доступность и микрофинанси рование -Ташкент, Baktria press, 2018.-304 с.
81. Корпоративная логистика. 300 ответов на вопросы профессионалов / Под общ. и научн. ред. проф. В.И. Сергеева. – М.: ИНФРА-М, 2005. – 211 с.
82. М.В. Черемисин Актуальность вопросов развития микрофинансирования в России/Проблемы развития микрофинансирование в России: сб.науч.трудов.-М.: Финансовый университет,2011.-100с.
83. Табарзода О.С., Одинаев М.А. Амалияи эконометрика. Дастури методӣ. Душанбе -2021. 184 С.

**Мақолаҳо, маърӯзаҳои илмӣ ва ҳисоботи даврӣ,**

84. Bank of the Lao PDR Financial Institution Supervision Department // Statistics of Microfinanse: Bank of Lao PDR, GIZ. - 2012. -P.22-23.
85. Beatriz Armendariz and Jonathan Morduch. The Economics of Microfinance.//Second Edition. The MIT Press Cambridge, Massachusetts London, England. 2010. – P.3.
86. CARA Philippines, MAP, 1995.
87. Lindsai J. Mikrofinanse/ J. Lindsai //SPEA-2010.--P.3-5.
88. Statistics of Microfinanse:Bank of Lao PDR, GIZ.-2012.-P.22-23.

89. Woodworth W.,Woller G. (1999) What is microfinance. Journal of microfinance, 15, pp.6.
90. Абрамова М.А., Дубова С.Е., Захарова О.В. Развитие механизмов регулирования институтов микрофинансирования и кредитно кооперации в целях стимулирования внутренного инвестиционного спроса// Экономика, налоги, право.-2018.-№6.-С.17-18.
91. Александр И.Е. Микрофинансирование. Газета «7 дней». 4 января 2018 г., № 1.- С.15.
92. Анализ тенденций развития микрофинансовой деятельности в Таджикистане. /Бизнес и Политика, 30 марта 2006г., №12.
93. Ассотсиатсияи Ташкилотҳои маблағгузори хурди Тоҷикистон / Ҳисобот оид ба таъсири иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.-2016. -33с.
94. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2007, №7, мод. 679; с.2008, №10, мод. 808; с.2010, №12, қ.1. мод.820
95. Бонки миллии Тоҷикистон. // Бюллетени омори бонкӣ: 2023.№12(341).-61с.
96. Ван Гройнинг, Хенни, Хозелито Галлардо и Бикки Рандхава. Структура регулирования микрофинансовых организаций.Отчет Департамента развития финансового сектора. Вашингтон, Округ Колумбия: Всемирный банк, декабрь 1998.
97. Варганова, М.И. Особенности управления финансовыми логистическими потоками в системе микрофинансирования / М.И.Варганова // Актуальные вопросы экономических наук.-2016.- № 51.-С.102-108.
98. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз 16.04.2012, №816
99. Декларация тысячилетия ООН (принята резолюцией 55/2 Генеральной Ассамблеи от 18 сентября 2000г.
100. Доклад Генерального секретаря «Проведение первого Десятилетия ООН по борьбе за ликвидацию нищеты(1997-2006годы) и проект программы действий на 2005 год-Международный год микрокредитования» №A/58/179, Генеральная Асамблея ООН,2003.
101. Дубровская А., Мухаммад Юнус:«Существующие банки — это банки для богатых» // Деловая газета «Маркер», 2011
102. Захкин, А. А. Микрофинансирование на рынке финансовых услуг: история вопроса и мировой опыт / А. А. Захкин // Банковские услуги. – 2013. – № 2. – С. 008-014.
103. Зеленковская И.И. Эволюционное развитие системы микрофинансирования. Фундаментальные прикладные исследования кооперативного сектора экономики. 2013. №4.107 с.
104. Зеленковская И.И. Эволюционное развитие системы микрофинансирования.//Фундаментальные и прикладные исследования в экономики.- 2013.- №4.- С.107 .
105. Карлос А. Учебные планы и учебные материалы по курсу «Микрофинансирование» / А. Карлос, Х.С. Шилендер, М. Харпер

// Концепция, практика и руководство финансовым посредничеством для бедных слоев населения. -Ананд (Гуджарат), Индия, 2002. -С.16-23.
106. Карлос А., Шилендер Х.С., Харпер М. Учебные планы и учебные материалы по курсу «Микрофинансирование». Концепция, практика и руководство финансовым посредничеством для бедных слоев населения. – г. Ананд (Гуджарат), Индия, 2002г.-С 16-23.
107. Карлос А., Шилендр Х.С., Харпер М. Руководство по курсу «Микрофинансирование». Концепция, практика и руководство финансовым посредничеством для бедных слоев населения. – г. Ананд (Гуджарат), Индия, 2002г.- С.34-51.
108. Кристен Р.П.,Лайман Т.Р., Розенгбер Р.Положения по анализу микрофинансирования: Руководящие принципы регулирование и надзора в секторе микрофинансирования.Вашингтон, Округ Колумбия: Консултативная группапооказания помощи беднейшим слоям населения/Группа Всемирного банка, 2003.-С.19-20.
109. Кульматова Р.У. Микрофинансирование в странах с переходной экономикой / Р.У. Кульматова // Финансы и кредит. - 2008. -№33. - С.69-77.
110. Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», 16.04. 2012,№ 816 / (АМОҶТ с.2012., №4, мод.266).
111. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои микромолиявӣ» 17.05. 2004, №38 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №5.
112. Лелар М. Развитие неформальных финансовых систем и его влияние на финансовые системы.Сер.2.Экономика:РЖ/РАНИНИОН-М.,2004.С135-139.
113. Мамута, М. В. Введение в микрофинансирование / М. В. Мамута, О. С. Сорокина // Глобальные рынки и финансовый инжиниринг. – 2015. – Т. 2, № 2. – С. 143-156.
114. Микрофинансирование и принсипы классического кредитного бизнеса// Финансист.-1997.-№8.-С62.; Доклад Генерального секретаря «Проведение первого Десятилетия ООН по борьбе за ликвидацию нищеты(1997-2006годы) и проект программы действий на 2005год—Международный год микрокредитования» №А/58/179, Генеральная Асамблея ООН, 2003.
115. Мирсаидов М.Н. Танзими давлатии ташаккул ва равнақи бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Ташаккули бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди устувори иқтисоди миллӣ» (17 декабри соли 2022, шаҳри Кӯлоб) - Душанбе: «Нашриёти муосир», 2022.-571с.
116. Мирсаидов М.Н., Бобохонова Д. Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди микромолиякунонӣ // Кишоварз - ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур.-Душанбе, 2019- №4 (85)- С156-160

117. Муминова Ф.М. Развитие рынка микрокредитования в РТ как условия развития малого предпринимательства/ Доклад в Центре стратегических исследований при Президенте РТ,30.11.12.-С.5
118. Муминова Ф.М. Становление и развитие сектора микрофинансирование в РТ / Доклад в Центре стратегических исследований при Президенте РТ,30.11.12.-С.8
119. Набиев Б.М., Набиев С.М., Табарзода О.С. Моделсозии раванди сармоягузорӣ ба энергетика ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. №5. Душанбе -2020.С. 30-39
120. Нормы ОНД/БФТ: их значение для поставщиков финансовых услуг, работающих с малоимущим населением. Обзорная статься: CGAP №29. Вашингтон, Округ Колумбия: CGAP, июль 2005.; Microfinance Market Outlook 2016, Нормы ОНД/БФТ: их значение для поставщиков финансовых услуг, работающих с малоимущим населением. Обзорная статья: CGAP №29. Вашингтон, Округ Колумбия: CGAP, июль 2005.; Microfinance Market Outlook2016. [Электронный ресурс]. http://www.responsability.com/investing/data/docs/en/17813/ Microfinance - Outlook-2016-EN.pdf.; Машрапова Н.У. и др.Финансовая доступность и микрофинансирование. Вставка2.3. Исламское микрофинансирование. -Ташкент, 2018. -С.48,265.
121. Овчиян М.Р. Концепция развития микрофинансирования в Республике Беларусь на 2010–2015 годы / М.Р. Овчиян, Ю.В. Малафей. -Мн., 2009.
122. Оганесян Г. Зарубежный опыт развития микрокредитования/Проблемы развития микрофинансирование в России: сб.науч.трудов.-М.: Финансовый университет, 2011.-100с.
123. Оинномаи Ассотсиатсияи ташкилотҳои микромолиявии Тоҷикистон/Дар маҷлиси умумии муассисон аз 23.01.04., таҳти рақами №1292 тасдиқ шудааст.
124. Портеус Д. Конкуренция и процентные ставки по микрокредитам //Консультативная группа помощи бедным (CGAP), 2006 (33)
125. Развитие микрофинансирование в Узбекистане/Рабочий доклад 2005/01-Ташкент:ЦЭИ,2005.-83стр
126. Раҳимзода, Ш. Қарздиҳии хурд дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолати муосир ва дурнамои рушд / Ш. Раҳимзода, Б.Б. Хоҷаев // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – No. 3(23). – Р. 203
127. Роль микрофинансового рынка в Кыргизской Республике: перспективы и угрозы. Отчет НИСИ Кыргизской Республики.-Бишкек,2014.-49с.
128. Солодухина А.В.Микрофинансовы рынок в России: институтсиональные провали в сегменте “ займы до зарплаты “ и задачи мегаргулятора//Вестник С-Петер.ун-таю Сер. Менеҷмент, 2015.Вып.4-С.115-151.

129. Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015.// Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2012, № 1030 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2012, № 12, қ.1, моддаи 1084) тасдиқ гардидааст. ҶДММ «Контраст».-135с.
130. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст. Душанбе: ҶДММ «Контраст» – 88с.
131. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636, - Душанбе: ҶДММ «Контраст» –88с.
132. Т.А.Светотовцева Проблемы развития института микрофинансирование в Российском рынке розничных финансовых услуг/Проблемы развития микрофинансирование в России: сб.науч.трудов.-М.: Финансовый университет,2011.-100с.
133. Уксукова М.С. Микрофинансирование: содержание,особенности,проблемы и перспективы развития//Экономический журнал.-№3(51).-2018.-С.50-65.
134. Уксусова М.С.Микрофинансирование: содержание, особенности, проблемы и перспективы развития. Экономический журнал. №3(51), 2018.- С.50-51.
135. Усокин М.М. Микрофинансы за рубежом:опыт, методы, институты//Банковское кредитование.-2010.-№3.-С99-111.
136. Ходиев Д.А., Хофизов Х.А., Табаров О.С. Моделирование и прогнозирование привлечения инвестиций для освоения природно ресурсного потенциала региона // Вестник таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук 2018 №6. Душанбе -2018. С.30-36.
137. Цхададзе Н.В. Рынок микрофинансовых услуг как социально ориентированный бизнес / Н.В. Цхададзе // Перспективы развития экономики и менеджмента. Сборник научных трудов по итогам международной научно-практической конференции. - Челябинск, 2016. -С.29-43.
138. Цхададзе Н.В. Рынок микрофинансовых услуг как социально ориентированный бизнес / Н.В. Цхададзе // Перспективы развития экономики и менеджмента. Сборник научных трудов по итогам международной научно-практической конференции. - Челябинск, 2016. -С.29-43.
139. Цхададзе Н.В. Рынок микрофинансовых услуг: мировой опыт/ материалы конференции / Н.В. Цхададзе // Наука в современном мире. –М., 2016. -№10(14). -С.80-90.

140. Цхададзе Н.В. Рынок микрофинансовых услуг: мировой опыт/ материалы конференции / Н.В. Цхададзе // Наука в современном мире. –М., 2016. -№10(14). -С.80-90.
141. Цхадзе Н.В. Микрофинансирование за зарубежом. Опыт решениясоциальных задач// Экономика. Налоги. Право. 2017.Т.10.-№1-С.101-109.
142. Эзрах Ю. Микрофинансирование в России в зеркале зарубежного опыта: конкуренция, эволюция, перспективы//общества и экономика.-2014.-№7-8.-С.75-99.
143. Юрий В. К. Микрофинансирование как новый инструмент на рынке финансовых услуг / Ю. В. Кох, Е. А. Малышев // Вестник ЧитГУ-2012. -№8.(87) – С.101.
144. Яразян А.Т.Становление и развитие микрофинансирования малого предпринимательства. Диссер. на соис.к.э.н. по спец.08.00.03.-Ереван,2016.-С.10.
145. Яразян А.Т.Становление и развитие микрофинансирования малого предпринимательства. Диссер. на соис.к.э.н. по спец.08.00.03.-Ереван,2016.-131с.
146. Ященко, О. В. Образовательные программы микрофинансирования членов семей домашних хозяйств / О. В. Ященко // Наука и образование: проблемы и стратегии развития. – 2015. – № 1(1). – С. 223с.

**Диссертатсияҳо ва авторефератҳо**

147. Гриб, Р. Б. Развитие сектора микрофинансирования в Российской Федерации: специальность 08.00.10 "Финансы, денежное обращение и кредит":автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Гриб Роман Борисович. – Волгоград, 2008. – 27 с.
148. Быканова, Н. И. Формирование эффективной системы финансирования малого бизнеса путем совершенствования кредитования и развития технологии микрофинансирования : специальность 08.00.10 "Финансы, денежное обращение и кредит" : автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Быканова Наталья Игоревна. – Орел, 2012. – 21 с.
149. Хикматов, У. С. Организационно-экономические основы становления и развития микрофинансирования в сельском хозяйстве (на примере Республики Таджикистан): автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора экономических наук / Хикматов Умеджон Сафаралиевич. – Бишкек, 2012. – 46 с.
150. Трофимов, И. В. Институционализация рынка микрофинансирования в системе экономических отношений : специальность 08.00.01 "Экономическая теория" : автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Трофимов Иван Викторович. – Ярославль, 2013. – 25 с.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М]. Бобохонова Д.Р.Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди маблағгузории хурд [Матн] / М.Н.Мирсаидов., Д.Р.Бобохонова// Кишоварз. ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур. -Душанбе, 2019.- №4(85)-С.156-160.

[2-М].Вазирзода Д.Р. Таҷрибаи рушди маблағгузории хурд дар мамолики хориҷӣ [Матн] /Тағоев Ҷ.А., Файзуллоев Т.Т.,Вазирзода Д. // Паѐми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – Душанбе, 2021.-№8.-С.118-127.

[3-М]. Вазирзода Д.Р. Таҳлили вазъи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буриши минтақаҳои он [Матн] / Вазирзода Д.Р. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – Душанбе, 2022.-№7. - С.95-108.

[4-М]. Вазирзода Д. Р. Хусусиятҳо ва принсипҳои асосии ташаккул ва равнақи раванди маблағгузории хурд [Матн] // Вазирзода Д.Р. // Паёми молия ва иқтисод (маҷаллаи илмӣ-амалӣ).-Душанбе, 2022.- №3 (32) .-С.204-212.

### б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:

[5-М]. Бобохонова Д.Р. Модели рушди иҷтимоӣ – иқтисодии ноҳияи Кӯлоб [Матн] / С.А.Сафаров., Д.Р.Бобохонова // Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ –назариявӣ дар мавзӯи «Ҷавонон ва масоили рушди молиявии ҷомеа», (ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 19.05.17).- ш.Кӯлоб 2017. –С. 65-70.

[6-М]. Бобохонова Д.Р.Финансовые аспекты деятельности страховой организации [Матн] / Д.Р.Бобохонова, К.Одинаев // Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ –назариявӣ дар мавзӯи «Ҷавонон ва масоили рушди молиявии ҷомеа», (ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 19.05.17)- ш.Кӯлоб 2017. – С. 153-155.

[7-М]. Бобохонова Д.Р.Идоракунии хатарҳо дар ташкилотҳои микромолиявӣ [Матн] / Д.Р.Бобохонова // Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ –назариявӣ дар мавзӯи «Ҷавонон ва масоили рушди молиявии ҷомеа», (ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 19.05.17).- ш.Кӯлоб 2017.-С. 180-184.

[8-М]. Бобохонова Д.Р. Молиякунонӣ дар самти истифодаи заминаҳои кишоварзии вилояти Хатлон [Матн] / Б.Н.Комилов., Д.Р.Бобохонова // Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ –назариявӣ дар мавзӯи «Ташаккули сиёсати кластерӣ ҳамчун асоси самтнокии иноватсионӣ ва рақобатпазирии минтақа», (ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 17.12.17). - ш.Кӯлоб, 2017–С .17-22.

[9-М]. Бобохонова Д.Р. Методологияи маблағгузории хурд ва усулҳои дарёфту фарогирии аҳолии камбизоат [Матн] / Д.Р.Бобохонова // Маҷаллаи илмӣ- амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Илм ва иноватсияҳои ҷаҳонӣ, 2020: Осиёи марказӣ».-Алма-Ата, 2020.- С. 20-22.

[10-М]. Вазирзода Д.Р.Таърихи ташаккули маблағгузории хурд дар ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Н.Мирсаидов. Д.Р.Вазирзода // Маводи онлайн видеоконференсияи илмию амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноаткунонии босуръати кишвар”(ДТМИК,13-ноябри 2020).- ш.Кӯлоб,2020.-С.517-524.

[11-М]. Вазирзода Д.Р.Таҳлили вазъи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Н .Мирсаидов. Д.Р.Вазирзода // Маҷаллаи илмӣ –оммавии «Илм ва техналогияи асри XXI» дар мавзӯъи «Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноаткунонии босуръати кишвар”,(ДТМИК).- ш. Кӯлоб, 2020.- №1(1).-С.130-143.

[12-М]. Вазирзода Д.Р. Идоракунии пардохти қарзҳо ва пешгирии зарарҳо ҳамчун шарти муҳими устувории ташкилоти микромолиявӣ дар шароити муосир [Матн]//Д.Р.Вазирзода/ Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-

амалӣ дар мавзӯи «Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (COVID-19)», (ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, 11.12. 2021, шаҳри Кӯлоб) - Душанбе: «Нашриёти муосир», 2021. – С. 231-239.
[13-М]. Вазирзода Д. Р. Танзими давлатии ташаккул ва равнақи бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Матн] / М.Н.Мирсаидов., Д.Р. Вазирзода // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Ташаккули бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди устувори иқтисоди миллӣ», (17 декабри соли 2022, шаҳри Кӯлоб) - Душанбе: «Нашриёти муосир », 2022.- С.147-158.
[14-М]. Вазирзода Д. Р. Арзёбии раванди маблағгузории хурд ва таъсири он ба пастравии сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /М.Н.Мирсаидов, Д.Р.Бобохонова//Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи “Масоили муҳими таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои ҷаҳон дар шароити муосир”, (9/10 .06.23.)- ш.Кӯлоб,2023.-С.324-337.
[15-М]. Вазирзода Д. Р. Унсурҳои асосии тарҳрезии ташкилотҳои маблағгузории хурди устувор[Матн] / М.Н.Мирсаидов., Д.Р.Вазирзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ» (19-20.12.2023, ш.Кӯлоб) –С.223-228.